**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**

**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТКБ – 811.222.8` 28

ТДУ – 81.2 Тоҷ

А - 98

**АШРАПОВ БАҲОДУРҶОН ПӮЛОТОВИЧ**

# ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ МОРФОЛОГИИ ҲИССАҲОИ НОМИИ НУТҚ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ва XX

**(дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология**

**аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** Ғиёсов Нурулло Исматович

номзади илми филология, дотсент,

ходими калони илмии Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**ХУҶАНД – 2022**

## МУНДАРИҶА


**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО**……………………………..............................4

**МУҚАДДИМА**……………………………………………………………..5-14

**БОБИ I. ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ МОРФОЛОГИИ ИСМ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ва XX**………………………………………………………………..15-59

I.1. Исм ва категорияҳои грамматикии он..................................................15-17

I.1.1. Ҷамъбандии исм бо пасванди -он………………….................17-23

I.1.2. Ҷамъбандии исм бо пасванди -ҳо……………………………......23-27

I.1.3. Истифодаи ҷамъбандии арабӣ………...........................................27-32

I.1.4. Ҷамъулҷамъ дар забони осори давраҳои қиёсшаванда ……….........32-35

I.2. Вежагиҳои морфологии исмҳои сохта.................................................35-38

I.2.1. Калимасозии исм бо пасвандҳои ифодагари макону фаровонӣ.........38-46

I.2.2. Калимасозии исм бо пасвандҳои ифодагари шахсу ғайришахс.........46-54

I.2.3. Калимасозии исм бо пасвандҳои ифодагари маънӣ ……….........54-58

Хулосаи боби аввал……………………………………………………....58-59

**БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ МОРФОЛОГИИ СИФАТ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ва XX**…………………………………………………………………60-102

II.1. Категорияи дараҷа дар сифат…………………………………............60

II.1.1. Ифодаи дараҷаи қиёсии сифат........................................................60-64

II.1.2. Ифодаи дараҷаи олии сифат…………………………………........64-67

II.1.3. Ифодаи дараҷаи ғайриқиёсии сифат……….....................................67-68

II.2. Сифатҳои сохта……………………………………………………........68-69

II.2.1. Калимасозии сифат бо пешвандҳо...................................................69-79

II.2.2. Калимасозии сифат бо пасвандҳо…................................................80-90

II.3. Истифодаи вандгунаҳо дар забони осори давраҳои қиёсшаванда...........90

II.3.1. Дараҷаи корбурди баъзе пешвандгунаҳо.........................................90-99

II.3.2. Дараҷаи корбурди баъзе пасвандгунаҳо.......................................100-101

Хулосаи боби дуюм…………………………………………...…....101-102

**БОБИ III. ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ МОРФОЛОГИИ ШУМОРА ВА ҶОНИШИН ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ва XX**……………………………………….............103-144
III.1. Калимаҳои мансуб ба шумора…………….....................................103-106
III.1.1. Шумораҳои миқдории аслӣ………………………………………….....106-109
III.1.2. Шумораҳои миқдории тахминӣ……………………………….......109-113
III.1.3. Шумораҳои миқдории касрӣ…………………………………….......113-115
III.1.4. Шумораҳои тартибӣ…………………………………………….........116-118
III.1.5. Нумеративҳо ва воҳидҳои шумор……………………………........118-124
III.2. Ҷонишин ва вежагиҳои морфологии баъзе анвои он……….........124-125
III.2.1.Ҷонишинҳои шахсӣ……………………………………………….....125-135
III.2.2. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ…………………………………........135-138
III.2.3. Ҷонишинҳои таъинӣ………………………………………………....139-143
Хулосаи боби сеюм…………………………………………..….......143-144
**ХУЛОСАҲО**…………………………………………………………......145-148
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**…………………………………………………….................149
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**…………………………………….......................150-158
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**...................169-171
**ЗАМИМАҲО**.........................................................................................172-287

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

1. А.Б. – Ашрапов Баҳодурҷон
2. автореф. – автореферат
3. акад. – академик
4. а. – аср
5. а.XVIII – асри XVIII
6. а.XX – асри XX
7. ва ғ. – ва ғайра
8. диг. – дигарон
9. дисс. – диссертатсия
10. ДДХ – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
11. ДДҲБСТ – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
12. ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
13. к. – калима
14. КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ
15. қ. – қисми
16. МДТ - Муассисаи давлатии таълимӣ
17. м. – маротиба
18. муқ. - муқоиса кунед
19. ниг. – нигаред
20. проф. – профессор
21. ФТЗТ - Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ
22. ҳамчун. ниг. ба – ҳамчунин нигаред ба
23. ҷ. – ҷилд
24. ш. – шаҳр
25. P. – page
26. V. – volume

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** дар он аст, ки омӯзишу баррасии марҳалаҳои гуногуни давраи нави густариши таърихи забони адабии тоҷикӣ, маъмулан аз асрҳои VIII-IX инҷониб, ба таҳлилу таҳқиқи асарҳои ҳам мансур ва ҳам манзуми муътамад вобастагӣ дорад, зеро дар забоншиносии тоҷик муайян намудани давраҳои мухталифи рушди таърихи забон дар асоси осори илмӣ-таърихӣ ва бадеӣ аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад.

Гузашта аз ин, бидуни таҳқиқи ҳаматарафаи осори бадеӣ, илмӣ ва таърихӣ офаридани грамматикаи илмии забонро тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро "омӯзиши онҳо имконият медиҳад, баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва роҳҳои инкишофу тағйирёбии он муайян карда шавад" [106, 4]. Бино бар таъкиди акад. Б.Ғафуров, "ба забони тоҷикӣ дар асрҳои IX-X адабиёти бой ба вуҷуд оварда шуд. Ба забони адабии тоҷикӣ лаҳҷаҳои Хуросону осиёимиёнагӣ асос гардидаанд. Забони адабии тоҷикӣ низ ташаккул ёфта, бо он забон шоҳасарҳои оламшумули адабиёти тоҷику форс навишта шудаанд" [20, 380].

Дар маҷрои таҳаввулу густариши забони наср аз асрҳои XIII-XIV сар карда, услуби соданависӣ аз миён рафта, тадриҷан сабку услуби мураккабу душворбаёнӣ такмил ёфт. Н.Маъсумӣ роҷеъ ба сабки забони насри асрҳои XVII-XVIII ақидаи хешро ба таври зайл баён мекунад: "…услуб ва тарзи ифода, ки як хислати махсуси адабиёти феодалӣ-дарборӣ буд, оҳиста-оҳиста ба соҳаҳову равияҳои дигар ҳам таъсир бахшида, характери умумӣ-анъанавӣ пайдо кард. Ин вазъият хусусан дар асрҳои XVIII-XIX вобаста ба инкишофи ҳаракати тақлидӣ-бедилчигӣ дар адабиёт боз ҳам қувват гирифт" [43, 6].

Забони таърихномаҳои қарнҳои XVII-XVIII, ки дар ҳудуди Мовароуннаҳр эҷод шудаанд, ҳарчанд шумораашон зиёд асту дар ганҷинаи дастхатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон нигаҳдорӣ мешаванд, ба таври комил тадқиқ нагаштааст. Яке аз таърихномаҳои арзишманд "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ аст, ки дар байни муҳаққиқони таърихшинос бо номи "Таърихи Раҳимхонӣ" [114, 114] низ маълум мебошад. Карминагӣ ин

асарашро соли 1158/1745 навишта, онро ба хони сулолаи манғития - Муҳаммад Раҳимхон бахшидааст. Аз маълумоти “Туҳфат-ул-хонӣ” маълум мешавад, ки Карминагӣ чун муаррих ва дабири дарбор дар сафарҳо Раҳимхонро ҳамроҳӣ мекардааст.

Дар “Туҳфат-ул-хонӣ”-и Муҳаммадвафои Карминагӣ ҳаводиси чилу ҳашт соли давраи манғитияи Осиёи Марказӣ дар охири а.XVII ва ибтидои а.XVIII инъикос ёфтаанд. “Туҳфат-ул-хонӣ” аз ду ҷузъ иборат мебошад. Ҷузъи якум соли 1158/1745 навишта шуда, баъди вафоти Муҳаммад Раҳимхон қисми сонии ин асар бо амри Муҳаммад Дониёлбий аз ҷониби Олимбек валади Ниёзқулибек соли 1232/1816 ба пуррагӣ китобат гардидааст.

Аз ин рӯ, дар рафти мутолиа ва таҳрири ин асари таърихӣ, ки чопи интиқодӣ, муқаддима, таҳияи матн, нусхабадал, таълиқот ва феҳристҳои он аз ҷониби Ҷамшед Ҷӯразода ва Нурулло Ғиёсов соли 2018 ба табъ расида буд, мо дар бисёр маврид шоҳиди он гаштем, ки Карминагӣ ҳангоми нивиштани асари хеш дар ағлаби ҳол қоидаҳои ҳам морфологӣ ва ҳам наҳвии забони давраи омӯзишро риоя намуда, дар баъзе маврид услубу маҳорат ва завқи эҷодкории худро нишон додааст. Ба ҳамин минвол, метавон қайд намуд, ки забони осори давраҳои қиёсшаванда вежагиҳои боризу фарққунандаи морфологиро фаро гирифтаанд, ки он вежагиҳо, дар навбати худ, ҷиҳати омӯзиш ва баррасии марҳилаҳои гуногуни давраи нави густариши таърихи забони адабии тоҷикӣ аҳамияти басо калон доранд.

Осори мавриди қиёси мо таърихномаҳоеанд, ки ҳамчун мероси хаттии ниёгонамон маъмул гаштаанд. Бояд як нуктаи муҳимро қайд намуд, ки таърихномаҳо аз лиҳози дарбаргирии доираи воқеаву ҳодиса ва қаламрави вуқуи онҳо якгуна нестанд: баъзеашон ҷомеъ буда, таърихнависон таърихи ҷаҳонро мувофиқи тасаввури хеш баён мекарданд. Қисми дигари таърихномаҳо хусусӣ буда, онҳо фарогири таърихи хонадонҳои алоҳида ё шаҳру вилоят ҳастанд ва “Туҳфат-ул-хонӣ” аз ҷумлаи ҳамин қисми дуюм маҳсуб мешавад.

Дуруст аст, ки забони осори давраҳои қиёсшавандаи мо дорои ғаномандии хосе буда, дар таҳлили муқоисавӣ-таърихии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX кумак карда, маводи фаровоне медиҳанд. Дар ин асос қисмати меҳварии пажуҳиш фарогири мавзуи васеъ буда, аз ҷумла хасоиси морфологии ҳиссаҳои номии нутқи осори мавриди омӯзиш ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар қиёс омӯхта шудаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Забоншиносони ватанию хориҷӣ дар осору мақолоти ҷудогонаи хеш роҷеъ ба вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои мустақили нутқ андеша ва пиндоштҳои судманд изҳор карда, осори пажуҳишии ба ин масъала марбутро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аз ин нуқтаи назар, мо танҳо мазмуну муҳтавои осори таҳқиқии ба хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ бахшидашударо мухтасаран таҳлил карданием.

Шоистаи зикр аст, ки осору рисолаҳо ва мақолаҳои Н.Маъсумӣ [1959, 1976], Р.Ғаффоров [1971, 1978], Х.Юсупов [1971], М.Холов [1972], Х.Ҳусейнов [1973], С.Ҳалимов [1974], Н.Шарофов [1977], М.Темурова [2009], Т.Ваҳҳобов [2010], А.Ҷ. Саломов [2010], Т.Чориев [2014], С.Ф. Низомова [2015, 2017], Н.Санавбар [2015], Ш.Бобомуродов [2018], Ш.М. Мавлонзода [2019], М.И. Бобоева [2019], С.А. Фарҳодова [2021], М.М. Фозилова [2021], Н.М. Хошимова [2022] ва дигарон ба таҳқиқу омӯзиши вежагиҳои луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии забони осор ва нақши устод Айнӣ дар рушди забону адабиёти тоҷик бахшида шудаанд. Дар тадқиқоти мазкур оид ба марҳилаҳои мухталифи низоми инкишофи таърихи забони адабии тоҷикӣ дар асоси осори устод Айнӣ баҳс рафтааст, ки мо ҳангоми омӯзиш якчанд ишороту хулосаҳои ҷолиби эшонро барои қиёсу аниқ намудани баъзе вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони даврони муқоисашаванда мавриди истифода қарор додем.

Бояд гуфт, ки забони “мероси хаттии асри XVIII, бешак, яке аз маъхазҳои муҳимми таҳқиқи забони адабии тоҷик буда, аз нигоҳи шаклу

услуб хеле ҷолиб аст. Яке аз асарҳои маъруфи ин давра “Тӯтинома”-и Қодирӣ мебошад. “Тӯтинома” инъикосгари вазъияти забони адабии тоҷикӣ дар асри XVIII мебошад” [65, 223] ва дар баробари ин забони осори асрҳои XVII-XVIII хеле кам омӯхта шуда, оид ба таҳлилу баррасии манзараи забони ин давраҳо “мақолаи на чандон калони А.Мирзоев [1947] вуҷуд дошта бошад, пас перомуни забони осори асри XVIII то ҳол тадқиқоте ба чашм намерасад” [25, 21].

Ин нукта собит мекунад, ки қиёсу баррасии асари таърихии Карминагӣ (а.XVIII) бо осори таърихии устод Айнӣ (а.XX) пажуҳиши нахустин буда, бори аввал дар соҳаи забоншиносии тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад.

Н.Маъсумӣ роҷеъ ба нақши асосӣ бозидани устод Айнӣ дар идомаи қоидаи анъанавии забони тоҷикӣ, аз ҷумла роҷеъ ба воситаҳои ифодаи грамматикии категорияи номуайянӣ ва таъинии исм, чунин менигорад: “Дар ин бобат ҳам С.Айнӣ роли асосӣ мебозад. Вай дар асарҳои худ бо роҳи пурра истифода намудани воситаҳои ифодаи грамматикии категорияи номуайянӣ ва таъинии исмҳо онҳоро ба қоидаи умумиадабӣ дохил кардааст” [43, 177].

Ҳамчунин, роҷеъ ба категорияи шумораи исм устод Айнӣ чунин мепиндорад: “Ҳарчанд “-он” ва “-ҳо” дар ҷамъ кардани исмҳо хоҳ ҷондор бошанд, хоҳ беҷон баробар кор фармуданашон асосан мумкин бошад ҳам, қатъи назар аз ҷондорӣ ва беҷонӣ, ҷоҳои кор фармуда шудани инҳо дигар-дигаранд...” [6, 68]. Забоншинос О.Ҷ. Ҷалолов барои муайян намудани истеъмоли аносири ҷамъбандӣ таҳқиқоти назаррас гузаронида, хоса роҷеъ ба корбурди пасванди ҷамъсози **-он** таъкид мекунад, ки то а.XIX предметҳои ҷондор дар аксари маврид бо пасванди **-он** ҷамъ баста мешуданд [97, 11]. Ҳамин ақидаро забоншинос С.Ҳоҷиев низ ҷонибдорӣ кардааст [94, 95]. Дар иртибот ба ин масъала Ш.М. Мавлонзода дар мақолаи хеш оид ба нақши категорияи шумораи исм дар мукотиботи “Таҳзиб-ус-сибён”-и устод Айнӣ сухан гуфта, қайд кардааст, ки “исмҳо бо пасвандҳои -ҳо, -он (-гон, -ён, -вон) ва усули ҷамъбандии арабӣ ҷамъ баста мешаванд...” [41, 100].

Забоншинос Ш.Бобомуродов вежагии сермаъноӣ, омоморфема ва синоморфемагии унсури вожасози **-ак**ро ба назар гирифта, чунин қайд кардааст: “Маъноҳои луғавии калима ин пасвандро сервазифа гардонидаанд. Дар калимаҳои **баргак, сӯзанак** агар пасванди **-ак** ба вазифаи монандӣ омада бошад, дар калимаҳои **сарак, мардумак, гавҳарак** ҳар ду морфема дар ифодаи маъно баробар хизмат мекунанд. Ҳамин пасванд дар калимаҳои **талхак, шӯрак, каҷак, ширинак** табдили нави маъноӣ медиҳад” [17, 33]. Муҳаққиқ С.Ф. Низомова дар мақолаи худ дар мавзуи “Калимасозии пасванди **-ак** дар насри бадеии Садриддин Айнӣ” зикр намудааст, ки “калимасозии пасванди **-ак** дар осори насрии устод Айнӣ маъмул буда, ба воситаи ин пасванд 25 калима сохта шудааст… ин пасванд на танҳо дар калимасозии сифат, балки дар калимасозии ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мегардад” [59, 105].

С.Ф. Низомова дар мақолаи хеш роҷеъ ба калимасозии пешвандгунаи **пур-** ва дараҷаи корбурди он дар “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ сухан гуфта, қайд мекунад: “Вожаи **пур** дар сохтани сифатҳои мураккаб фаровон истифода мегардад. Дар объекти тадқиқотии мо бо ин пешвандгуна беш аз 108 вожа сохта шудааст, ки дараҷаи истеъмолашон гуногун аст” [57, 17].

Муҳаққиқ Р.Н. Бобокалонова дар рисолаи хеш, ки “Хусусиёти луғавию семантикии услуби “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ” унвон дорад, эҳтимоли духӯрагии тарзи навиштори шумораи **чаҳор** ба таври зайл маънидод кардааст: “Бархе аз шумораҳо, аз ҷумла шумораи *чаҳор* ба сурати мухтасар *чор* ҳам омадааст, ки чунин духӯрагии тарзи навишти он эҳтимолан маҳсули таҳрири котибони замони пасин мебошад, ки ба матн ворид шудааст” [15, 132].

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Масоили таҳқиқи мо бо барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалисозии сиёсати забони мамлакат алоқаи ногусастанӣ дошта, дар заминаи “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, № 647) татбиқ

мегардад. Мавзуи диссертатсияи мо дар доираи яке аз самтҳо ва нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи грамматикаи забони арабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Бобоҷон Ғафуров” ба анҷом расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** иборат аз нишон додани вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи осори таърихии муқоисашаванда, аз ҷумла ифодаи категорияҳои грамматикии исму сифат, таҳаввулоти унсурҳои ҷамъбандию вожанигорӣ, нақши шумора ва баъзе навъҳои ҷонишинҳо дар ташаккули илми морфология ва ба таври қиёс нишон додани умумияту фарқи ҳиссаҳои номии нутқ дар забони осори давраҳои мавриди омӯзиш мебошад.

Мақсади асосии диссертатсия, аз як тараф, таҳлили қиёсии хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ бошад, аз тарафи дигар, инъикос намудани манзараи воқеии забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX ва муайян кардани таҳаввулоти меъёрҳои забонӣ аз нигоҳи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ маҳсуб мешавад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои аслӣ дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки корҳои зерин ба анҷом расанд:

-баррасӣ ва таҳқиқи ифодаи категорияи муайянӣ ва номуайянии исм дар забони осори давраҳои муқоисашаванда;

-нишон додани умумияту фарқи категорияи шумораи исм ва таносуби истифодаи воситаҳои ҷамъбандии тоҷикӣ (-ҳо ва -он “-вон, -гон ва –ён”) дар осори Кармнагӣ ва устод Айнӣ;

-муайян кардани вежагиҳои морфологӣ ва ваҷҳи корбурди унсурҳои вожанигорӣ, ба мисли исмҳои сохта дар асарҳои қиёсшаванда;

-таҳлили қиёсии категорияи дараҷаҳои сифат ва баъзе вежагиҳои фарққунандаи онҳо дар асарҳои мавриди омӯзиш;

-муайян кардани вежагиҳои сохтори сифатҳо дар забони осори таърихии қиёсшавандаи қарнҳои XVIII ва XX;

-баррасии вежагиҳои морфологии вандгунаҳои сифатсоз ва ваҷҳи

корбурди онҳо дар забони осори мавриди омӯзиш;

-қиёсу баррасии вежагиҳои морфологии шумора ва баъзе навъҳои ҷонишинҳо дар асарҳои муқоисашаванда.

**Объекти таҳқиқот** мансуб ба таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX аст.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Таҳқиқоти “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” унвон гирифта, дар он вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони осори давраҳои қиёсшаванда баррасӣ шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Барои ҳалли масоили назариявӣ ва амалии роҷеъ ба ҷанбаъҳои гуногуни тадқиқот мо такя ба осори илмии олимон ва забоншиносони тоҷик, рус ва хориҷӣ, аз ҷумла В.В. Виноградов [116], В.А. Лившитс [128], Вилям Ҷонс [163], Ҷон Мейс [164], Д.С. Филлот [165], Ю.А. Рубинчик [139], В.С. Расторгуева [136; 137; 138], А.И. Ефимов [121], Л.П. Смирнова [140; 141; 142], Л.С. Пейсиков [133; 134], Т.А. Чавчавадзе [155], П.Н. Хонларӣ [171; 172], М.Баҳор [166], А.Ҳумоюнфаррух [173], Ҳ.Р. Боғбедӣ [167], М.Боқирӣ [168], Б.Н. Ниёзмуҳаммадов [52; 53; 54], Н.Маъсумӣ [43; 44; 45], О.Ҷ. Ҷалолов [97], Ш.Рустамов [67; 68; 69; 70], Р.Ғаффоров [21], М.Н. Қосимова [33; 34; 35; 36; 37], Б.Камолиддинов [29], К.У. Усмонов [146], Д.Саймиддинов [73; 74], Б.Сиёев [78; 79], С.М. Сабзаев [71], А.Давронов [118], А.А. Ҳасанов [91; 92; 148; 149], Р.Ҷӯраев [102], С.Назарзода [51; 131], Д.Хоҷаев [86 87; 151], О.Қосимов [126; 127], Т.С. Шокиров [107; 182], Ф.Шарифова [104; 105], Н.И. Ғиёсов [23; 24] ва дигарон кардем.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Маводи фактологии тадқиқот аз асари таърихии дар асоси дастхат навишташуда, дар маҷмуъ, 29 нусхаи дастхати он дар ганҷинаҳои мероси хаттии бузургтарин шаҳрҳо – Санкт-Петербург, Қазон, Тошканд, Мадина, Душанбе мавҷуданд, гирдоварӣ шудааст. Барои муқоиса матни интиқодии “Туҳфат-ул-хонӣ” (а.XVIII) [3]

мавриди истифода қарор гирифт, ки бори аввал ба ҳуруфи кириллӣ ва дар заминаи 3 нусхаи хаттии дар Душанбе маҳфуз ва дар қиёс бо нусхаҳои дигар қадимтару комилтаранд, чоп гашта, барои таҳлили қиёсии мавзуи рисола осори таърихии устод Айнӣ - "Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ"[1], "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро" [2] ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз романи таърихии инқилобии "Ғуломон" [4] истифода карда шуд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**ро раванди таълим ва илм дар Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, конференсия ва маҳфилҳои илмӣ-методии донишгоҳӣ ташкил менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар забоншиносии тоҷик бори аввал таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ) батафсил мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони осори даврони қиёсшаванда ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Ба ҳамин минвол, баъзе вежагиҳои боризи ҳиссаҳои номии нутқ аз нигоҳи сохту услуб ва аз рӯйи ваҷҳи истифода дар забони адабии тоҷикии давраҳои қиёсшаванда муайян карда шуда, мақому вазифаҳои ҳар кадоми онҳо дар ҳиссагузорӣ оид ба омӯзиши категорияи грамматикӣ, сохтору маъно нишон дода мешавад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда, чун анъана ифодаи категорияи муайянӣ ва номуайянии исм тавассути **-е** ва **чанд, ҳеҷ, баъзе** ва **як, ягон** сурат гирифта, аммо **ягон** дар асари таърихии Карминагӣ дида намешавад.

2. Ҷамъбандии исмҳо бо ду роҳ амалӣ мегардад: а) бо аносири ҷамъбандии тоҷикӣ **-ҳо, -он** (бо алломорфҳои **-ён, -вон** ва **-гон**); б) бо аносири ҷамъбандии арабии солими **-от** ва **-ин** ва ҷамъи шикастаи арабӣ, вале дараҷаи корбурди **-ҳо** назар ба дигар анвои ҷамъсоз маҳдудтар аст.

3. Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда бисёртар исмҳову сифатҳои сохта бо роҳи морфологӣ ташаккул ёфта, бархе аз унсурҳои вожасоз фаъоланд, бархе ғайрифаъол.

4. Истифодаи пасвандҳои **-тар** ва **-тарин** дар ифодаи дараҷаи сифат якхела набуда, асосан аломати бартарӣ ва олии сифат бо роҳҳои синтетикиву аналитикӣ сурат мегирад.

5. Таҳлили қиёсии вандгунаҳо ва ваҷҳи корбурди онҳо аз ин дарак медиҳад, ки агарчи гурӯҳе аз онҳо дар асари таърихии а.XVIII сермаҳсул бошанд, гурӯҳи дигаре дар осори таърихии а.XX каммаҳсуланд.

6. Аз таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишини забони осори муқоисашаванда маълум мешавад, ки ҳиссаҳои номии нутқи номбурда дар ифодаи маъно ва иҷрои вазифа бо баъзе вежагӣ аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тафовут доранд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: категорияҳои грамматикии исм, аз ҷумла категорияҳои муайяниву номуайянӣ ва шумора, вежагиҳои морфологии исмҳои сохта, категорияи дараҷаи сифат, вежагиҳои морфологии сифатҳои сохта ва дараҷаи корбурди баъзе вандгунаҳо, таҳлили қиёсии шумораҳо ва баъзе ҷонишинҳо дар забони осори давраҳои қиёсшаванда, натиҷагирӣ, хулосаи пажуҳиш оид ба умумияту фарқи мавзуи таҳқиқот асоснок карда мешавад.

Ҳангоми қиёсу баррасии масъалаи пешбинишуда мо як қатор ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рисоларо бо такя ба афкору ақоиди забоншиносони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор додем, ки натиҷаҳои пажуҳиш дар таълими грамматика, курсҳои махсуси лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён роҷеъ ба лексикология ва морфология пешбинӣ шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи грамматикаи забони арабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Бобоҷон Ғафуров” ба иҷро расида, дар ҷаласаи муштараки

кафедраи номбурда бо кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқ (протоколи №9, аз 19.04.2022), сексияи забошиносии шурои дифои 6D.КОА – 037 (протоколи №2, аз 13.06.2022) ва шурои васеи олимони факултети забонҳои шарқ (протоколи № 1, аз 31.08.2022) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мо бо шиносномаи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ, муқобилавӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Муайян кардани сохтор, бандубаст, ҷамъоварии мавод, муқоиса, таҳлил, хулоса – таълифи диссертатсия ба довталаби дараҷаи илмӣ мансуб аст.

**Тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ (2021, 2022), ҷумҳуриявӣ (2013, 2014), минтақавӣ (2021), конференсия ва семинарҳои илмию методии донишгоҳӣ (2017-2022) ироа гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 20 мақолаи илмӣ (аз ҷумла, 10 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия) интишор ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, бисту ду зерфасл, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ, сарчашмаҳо ва замимаҳо иборат буда, фарогири 171 саҳифаи чопи компутерӣ аст.

# БОБИ I. ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ МОРФОЛОГИИ ИСМ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ва XX

## I.1. Исм ва категорияҳои грамматикии он

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ яке аз хусусиятҳои маъмули исм категорияи муайянӣ ва номуайянӣ маҳсуб мешавад, ки воситаи асосии ифодаи он артикли **-е** мебошад. Воҳиди мазкур аломатҳои ягонагӣ, тахминӣ, ҷудошавӣ, аз ҷузъ ба кулро дорост, ки онҳо аз рӯйи вазифаҳои фавқуззикр дар матн тазоҳур мешаванд. “Хусусияти умумии артикли **-е** ин аст, ки калимаеро аз байни анбуҳи калимаҳои ҳамҷинс ҷудо намуда, ҷиҳати предметиашро равшан менамояд” [19, 94]. Мусаллам аст, ки ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва ҳам дар забони осори пешини муҳаққақ [30; 125; 106; 80] номуайнии исм бо артикли **-е** ва **як, ягон** ифода мегаштанд, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда он тавассути **-е** ва **чанд, ҳеҷ, баъзе** ва **як, ягон** сурат гирифта, аммо **ягон** дар асари Карминагӣ барои ифодаи ин категория мавриди истифода қарор нагирифтааст.

Муаллифони осори мавриди қиёс артикли **-е**-ро дар баъзе маворид ба вазифаи **як** корбаст намудаанд: Муҷмали пайғом он, ки **арҷманде** бетаваҳҳуму таҳошӣ таваҷҷуҳ ба ҷониби кирёси шафқатасос намояд… [3, 205[1]/408[2]]; Бино бар ин, ӯ худро тамоман маҳв кард, ки аз ҷасадаш **гарде** ҳам ба дасти душманҳояш наафтод [1, 269].

Дар натиҷаи омӯзиши фактҳои забонии давраҳои омӯзиш аён гардид, ки ҷонишини **чанд** дар ағлаб ҳолат пас аз исмҳои артиклдор “рақаме чанд [3, 219/436], хазафрезае чанд [3, 4/6], рӯзе чанд [3, 258/514; 2, 177], рамзе чанд [3, 100/197], явме чанд [3, 289/576], муштипаре чанд [3, 70/135], донахӯре чанд [3, 70/135], калимае чанд [3, 80/157, румузе чанд [3, 80/157], кӯдаке чанд [3, 91/180], нафасе чанд [3, 91/179], ҳарфе чанд [3, 111/219], калимоте чанд [3, 145/287], соле чанд [2, 104]” меояд, ки дар ин сурат аломати номуайянии исм қавитар мегардад: Чун **рӯзе чанд** ба оромиши ҳол ва

[1] барга
[2] саҳифа

осоиши давоб(б) гузашт [3, 258/514]; То ҳол қозиён, ки ба дарбори амир **соле чанд** тортуқ ва пешкаш мефиристоданд… [2, 104].

Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда **чанд** дар мавридҳои алоҳида пеш аз исмҳои ҳам артиклдор ва ҳам беартикл истифода гардида, барои ифодаи аломати номуайянӣ ҳиссагузорӣ кардааст. Гузашта аз ин, Карминагӣ ҷонишини **чанд**ро танҳо 4 маротиба пеш аз исми артиклдори **рӯзе** мавриди истифода қарор додааст, ки дар осори устод Айнӣ воҳиди номбурда бо ин вежагӣ хеле маъмул мебошад: чанд гоҳе [2, 31], чанд моҳе [2, 32], чанд рӯз [2, 32], чанд танга [2, 32], чанд нафар талабаи бухороӣ [2, 33], чанд рӯз [1, 276], чанд сол [1, 239]: Бино бар ин, аз Бухоро амири некӯсияр ба ҷониби Қаршӣ таваҷҷуҳ намуда, **чанд рӯзе** ба осоиши аҳвол пардохт [3, 275/547]: …баъд аз **чанд моҳи** мурдани Абуҷаъфари Мансур, дар аввалҳои соли 159 Муқаннаъ пайравони худро ба хуруҷ амр дод [1, 241].

Гуфтан бамаврид аст, ки ҷонишини **чанд** дар мавридҳои алоҳида пеш аз исмҳои беартикли **ясовул, кас, саф** ва **хайма** омада, аломати номуайяниро ифода мекунад: …лоҷарам амири комгор **чанд ясовулро** ба тариқи суръат фиристода, баҳодури мазкурро ба ҳамроҳи қӯшун, ки қариб ҳазор кас буданд, бозгардонид [3, 199/396].

Категорияи шумора яке аз вежагиҳои бориз ва фарқкунандаи морфологии исм маҳсуб меёбад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ морфемаҳои шаклсоз дар ифодаи категорияи шумораи исм нақши калидӣ доранд. Ин масъала дар забоншиносии умумиву хусусӣ аз тарафи як қатор муҳаққиқон, минҷумла М.Баҳор [166], Е.Э. Бертелс [115], Ш.Ниёзӣ [55], О.Ҷ. Ҷалолов [97], М.Д. Дадохонов [119], С.Ҳоҷиев [94], Б.Камолиддинов [29], Ш.Рустамов [67; 68; 69; 70], Б.Сиёев [78], М.Абдуллоева [111] ва диг. хеле батафсил мавриди баррасӣ қарор гирифта, оид ба тарзи морфологии ҷамъбандии исмҳо ақидаҳои назаррасе баён гардидаанд.

Тарзи морфологии ҷамъбандии исмҳо, бино бар ақидаи аксари муҳаққиқин, дар забони адабии тоҷикӣ маҳсули давраи нави инкишофи он набуда, балки таърихи дуру дарозе дорад [110, 42]. Ақидаи забоншинос

Б.Сиёев низ ин матлабро тасдиқ менамояд, ки гуфта буд: “Дар забони қадими форсу тоҷик дар исмҳо се шумора: танҳо, ҷамъ ва дугона (двойственное число) мавҷуд буд” [78, 33].

Забоншинос А.Мирбобоев роҷеъ ба ҷамъбандии исми забони авестоӣ чунин ибрози ақида мекунад: “Забони авестоӣ дорои се шумора: танҳо, ҷамъ ва ҷуфт (дугона) буд” [46, 130].

### I.1.1. Ҷамъбандии исм бо пасванди -он

Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда ҷамъбандии исмҳо бо ду роҳ амалӣ гаштааст: а) бо пасвандҳои ҷамъсозии тоҷикии **-ҳо**, **-он** (бо алломорфҳои **-ён**, **-вон** ва **-гон**); б) бо пасвандҳои арабии солими мардонаву занонаи **-от** ва ҷамъи шикастаи арабӣ [ҳамчун. ниг. ба: 19; 30; 106; 40; 84; 28; 98; 100; 110; 160].

Дар забони осори муқоисашаванда низ ҳодисаҳои фавқуззикр комилан роиҷ буда, пасвандҳои ҷамъсози тоҷикиву арабӣ дар мавридҳои алоҳида хеле фаровон истифода шудаанд. Ҳамчунин, ағлаби исмҳо дар осори мавриди қиёс аз рӯйи қоида тавассути пасванди **-он** ҷамъбандӣ гардидаанд. Гуфтан бамаврид аст, ки **-он** таърихан нисбат ба дигар пасвандҳои ҷамъсоз баромади қадима дорад [44, 35]. Мушоҳидаҳои мо ҳам маълум кард, ки дар осори қиёсшаванда корбасти қаринаҳои пасванди **-он (-ён**, **-вон** ва **-гон)** низ ба назар расиданд [ниг.ба замимаҳои № 1.1.1; 1.1.1 (а) ва (б)].

Дар осори муқоисашаванда ба воситаи пасванди **-он** дар бисёр ҳолат исмҳои ҷондори шахсу ғайришахс ҷамъ карда шудаанд. Аз ин рӯ, дар забони осори давраҳои қиёсшаванда низ тавассути пасванди **-он** ҷамъбандӣ гаштани предметҳои ҷондор ҷои боризро касб мекунад. Бо истифода аз усули эҳсоӣ мо тасмим гирифтем, ки дар ин қисмати кор дараҷаи корбурд ва вежагиҳои морфологии пасванди **-он**ро ба риштаи таҳлил кашем. Зимни омӯзиш маълум шуд, ки исмҳои шахсу - 702/877 калима (97%) ғайришахс - 17/22 калима (2%) ва маънӣ - 6/7 калима (1%) [ниг.ба замимаҳои № 1.1.1 (в); 1.1.1 (г); 1.1.1 (ғ) ва (д)] бо пасванди **-он** ва қаринаҳояш **(-ён**, **-вон** ва **-гон)** дар маҷмуъ 726/918к.

[3]/4009м.[4] аз он дар [3] 346к./1538м.; дар [1] 353к./1444м.; дар [2] 219к./1027м. ҷамъбандӣ гардида, аз рӯйи маъно ва вазифаашон ба зергурӯҳҳои зайл тақсим мешаванд:

а). Исмҳое, ки номи касбу кор, машғулиятро ифода мекунанд: табибон [3, 41/78], вакилон [2, 193], мусрион [3, 272/542], муздурон [1, 140], аминон [2, 239], сардорон [2, 81], чопарон [3, 104/205], сарбозон [2, 209; 1, 132], кӯбкоритозону мурғбозон ва каликбозон [2, 252];

б). Исмҳое, ки ифодагари мафҳуми синну сол ва ҷинсият мебошанд: мардон [3, 283/564; 2, 371], калонон [3, 161/320, 150/297; 2, 249], занон [3, 291/579; 2, 192; 1, 46], духтарон [1, 46], кӯдакон [3, 94/186], ҷавонон [3, 205/408; 2, 250];

в). Исмҳое, ки далолат ба муносибатҳои байни одамон мекунанд: душманон [3, 285/567; 2, 199; 1, 71], дӯстон [3, 246/490; 2, 178], муонидон [2, 100; 3, 290/577; 1, 73], муҳиббон [3, 51/98];

г). Исмҳое, ки вазъу ҳолати инсонро ифода мекунанд: мадҳушон [3, 159/315], ҳавохоҳон [1, 74], мастон [3, 159/315], саркашон [1, 84], бадкешон [3, 128/253], оқибатандешон [3, 90/178], ҳушёрон [3, 90/177], яъҷуҷсифатон [3, 68/131];

ғ). Исмҳои ҷондор, аз қабили ҳайвоноту парандаҳо: сутурон [3, 263/524], аспон [3, 262/521], гӯсфандон [3, 250/497], булбулон [2, 65], уштурон [3, 250/497], таковарон [3, 210/417, 22/40], андалебон [3, 2], мурғон [3, 45/86; 1, 152]: Шогирдони мактаби нав **булбулони** боғи ҷаннат мешудаанд [2, 65]; Ҳайфо ки **мурғони** аз даричаи қафас як бор раҳо шударо дигарбора ба дом кашидан мумкин набуд [1, 152].

Дар осори таърихии устод Айнӣ исмҳои ҷондори ғайришахс ба воситаи ин пасванд боре ҳам ҷамъ баста нашудаанд, лек устод вожаҳои марбутаи **булбул** ва **мурғ**ро танҳо якмаротибагӣ дар шакли ҷамъ овардааст, ки онҳо ба

---

[3] 726/918к.= 726 калима/918 калима бино бар такрор омадани баъзе калимаҳо ҳисоби умумӣ зиёдтар гаштааст, яъне ба 918. Минбаъд бо чунин шакл оварда мешавад.
[4] 4009м.= 4009 маротиба.

маънии маҷозӣ истифода шудаанд, ки мисолҳои болой далел бар ин гуфтаҳоянд.

д). Исмҳое, ки муносибати хешутабориро ифода мекунанд: падарон [3, 15/26; 2, 139; 1, 28], бародарон [3, 285/568; 2, 96; 1, 21, 30, 106], писарон [2, 202; 1, 79; 3, 184/365, 258/514], фарзандон [3, 285/568; 2, 72; 1, 114];

е). Исмҳое, ки мафҳумҳои динӣ, мазҳабӣ, ҳизбӣ ва ягон равияро ифода мекунанд: бединон [3, 104/206], болшевикон [2, 259], муъминон [3, 27/49], рӯзадорон [3, 126/250], сунниён [1, 118], муфтиён [2, 252; 1, 48, 101], муллоён [2, 256; 1, 20, 98];

ё). Исмҳое, ки мафҳуми абстракт доранд: суханон [3, 48/92; 2, 195], рӯзгорон [3, 29/53], гуноҳон [3, 189/376]: …ба ҷиҳати адами ривоҷу равнаќи дастгоҳи хоқонӣ калимоти итобомез ва **суханони** ваҳшатангез изҳор кард [3, 48/92]; Намедонам, инҳо **суханони** маро қалбан қабул карданд ё не? [2, 195].

Бояд таъкид кард, ки дар асари [2] устод Айнӣ танҳо вожаи **сухан** шакли ҷамъ гирифтаасту халос.

ж). Исмҳое, ки ифодагари мансубият ба қавму миллат, табақа ва маҳал мебошанд: самарқандиён [3, 279/555]; хоразмиён [3, 285/567]; тоторон [2, 233]; бухориюласлон [2, 70]; русон [2, 259; 1, 51, 63, 78]; қазоқон [2, 227]; бухориён [2, 250; 1, 47, 115, 130]; туркистониён [1, 126].

Ба ғайр аз ин, дар "Туҳфат-ул-хонӣ"исмҳои ифодакунандаи ягон қавму миллат, аз ҷумла: **ӯзбак** ва **муғул** ба воситаи пасванди **-он** ҷамъбандӣ шуда, чун исмҳои хос баромад мекунанд: …мисли қасабаи Душанбе ва **Муғулон** ва лавоҳиқи он, ба Ғалчабек - писари ӯ бо аморати улуси мурқа инъом карда... [3, 248/494]; Ва қалъаи **Ӯзбакон** ва Регарро ба иёлати эли Қаротамғой ба Муродпарвоначӣ, ки аз Муҳаммадаминбий гурехта... [3, 248/494].

Гуфтан ҷоиз аст, ки устод Айнӣ дар ду маврид исмҳои **боис** ва **сабаб**ро тавассути **-он** ҷамъ кардааст, ки вожаи ҷамъшудаи **сабабон** ба маънои **сабабгорон** баромад мекунад. Аммо дар асари Карминагӣ ин ҳодиса ба чашм нарасид: …ба **боисони** ин мусибат нафрат ва барои ба зудӣ кушода шудани

макотиб умеду орзу баён карда... [2, 138]; Ба ҷое, ки **сабабони** фитнаро ҷазо диҳад, руҳи аҳли балворо дуруст қувват доданӣ шуда... [2, 238].

Дар рафти қиёсу баррасӣ маълум шуд, ки **-вон** (қаринаи **-он**) дар асари [1] устод Айнӣ, чун анъана исмҳои **гесу** ва **ҳинду** ба воситаи он ҷамъбандӣ шудаанд, ки дар асари таърихии Карминагӣ боре ҳам дида нашуданд: Ба мавриди ясовули **ҳиндувон** (ёсовули ҳиндувон яке аз воқеанигорони расмӣ аст) низ инкор кардед [1, 125]; ...ба дасти душман асир афтоданро нахоста, **гесувони** (кокулҳои) худро ба **гесувони** якдигар баста худҳошонро аз девори қалъа ба зер андохтанд [1, 267].

Зимнан қайд бояд намуд, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда як қатор вомвожаҳои туркӣ 16/21к./91м. (2%), муғуливу 5к./8м. (1%) чағатойӣ 2к./6м. (0%) [ниг.ба замимаи № 1.1.1 (е)] бо ёрии пасванди **-он** шакли ҷамъ гирифтаанд, ба мисли: вожаҳои чағатойӣ: баковулон [3, 226/449], эровулон [3, 11/19, 105/207, 238/474]; вожаҳои муғулӣ: қаровулон [3, 125/247, 203/403, 236/469, 288/574], ясовулон [3, 175/347], ясовулбошиён [3, 236/470]; вожаҳои туркӣ: оқсаққолон [3, 188/374; 2, 108, 108, 239], тӯпчибошон [3, 249/496], эшикоқобошон [3, 254/506], мингбошон [3, 236/470], қӯрчиён [3, 127/251]. Ҳарчанд ки устод Айнӣ баъзе вомвожаҳои туркӣ ва муғулиро дар асари таърихии худ ба воситаи **-он** ҷамъ набаста бошад ҳам, аммо вожаҳои **ясовулбошӣ, тӯпчибошӣ** ва **эшикоқобошӣ** хеле бамаврид истифода шудаанд. Гузашта аз ин, устод аз миёни исмҳои ҷамъи фавқ танҳо **оқсаққолон**ро дар се маврид корбаст намудааст: **Эшикоқоёни** умарои хоразмиро дохили боргоҳи ҷаҳонбонӣ сохта... [3, 254/506]; Ва **ясовулони** миррихтавонро амр намуд, ки истифои қӯшуноти қизилбошия намуда... [3, 175/347]; ...ҳамаи сархайлони ҷамоаи балвочӣ ва аминону **оқсаққолонро** амалҳои калон дода... [2, 239].

Сабаби тамоюли омезиши ин забонҳоро Н.Маъсумӣ ба таври зайл нишон додааст: “Истилоҳоти ӯзбекии пешина ва баъдтар пайдошуда расмият ва умумияти куллӣ пайдо карданд; қисме аз калима ва ибораҳои ӯзбекии дар таркиби луғавии забони зиндаи тоҷикӣ мавҷудбуда хусусияти

умумиистеъмолӣ пайдо карда, ба тариқи муродиф, ба ҷои калимаҳои куҳнашудаи тоҷикӣ кор фармуда мешуданд; муборизаи маорифпарварон ва адибон барои соданависӣ унсурҳои нав ба нави ӯзбекиро ба забони адабӣ ва забони эҷодиёти бадеӣ дохил намуд” [44, 10]. Н.Маъсумӣ дар идомаи ҳамин матлаб меафзояд, ки дар давоми асрҳо омезиши забони тоҷикӣ бо забонҳои қавмҳои туркизабони Осиёи Миёна забони тоҷикиро маҳву хароб накард, балки, баръакс, барои инкишоф ва такомулоти минбаъдаи вай мавод дод [45, 171; 26, 216].

Омезиши вомвожаҳои туркию муғулӣ дар забони тоҷикӣ собиқаи қадим дорад. Ба таъкиди шарқшиноси рус Л.С. Пейсиков воридшавии аввалин калимаҳои туркӣ ба забони форсии дарӣ ба давраи пеш аз ислом рост омада, дар давраҳои минбаъда инкишоф меёбад, ки калима ва антропонимҳои туркиву муғулиро дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва қадимтарин луғати то замони мо омада - “Луғати Фурс”-и Асадии Тӯсӣ мушоҳида кардан мумкин аст [134, 46].

Мусаллам аст, ки аксари вомвожаҳои туркӣ, муғуливу чағатойӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар а.XV ворид шудаанд. Баъдан воридшавии онҳо аз забони зиндаи мардум ба адабиёти бадеӣ аз нимаҳои а.XIX шуруъ гардидааст [42, 115].

Дар ҳамин асос устод Айнӣ дар осори худ вомвожаҳои русӣ (0%): болшевикон [2, 259]; юнонӣ (0%): императорон [1, 169], дуктурон [2, 229]; фаронсавӣ (0%): феодалон [1, 231] як маротибагӣ [ниг.ба замимаи № 1.1.1 (е)] ба воситаи **-он** ҷамъ бастааст: ...аз тарафи **феодалон** ва мулкдорони маҳаллӣ ба аҳолии Хуросон ва Мовароуннаҳр мерафт [1, 231]; Охир ин мунофирате, ки миёни **болшевикони** Рус ва ҳукумати Бухоро ҳаст... [2, 259].

Бояд қайд кард, ки доираи истифодаи вожаҳои арабӣ нисбат ба вомвожаҳои туркӣ, муғуливу чағатойӣ бағоят васеъ мебошад. Маводи фоктологии мо ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки муаллифони осори қиёсшаванда ба воситаи пасванди **-он** дар маҷмуъ 224/293к./1321м. (31%) аз он дар [3] 120к./532м. (40%), дар [1] 108к./422м. (32%), дар [2] 65к./367м.

(28%) вожаҳои арабиро ҷамъбандӣ намудаанд. Такя бар омори боло метавон хулоса кард, ки ҷамъ шудани вожаҳои арабӣ дар асари таърихии а.XVIII аз нуқтаи назари истифода фаровонтар будааст [ниг.ба замимаи № 1.1.1 (ё)]: ҳорисон [3, 257/511], мақтулон [3, 266/530; 2, 257], хосон [3, 249/496; 1, 222], муқаррабон [3, 207/412; 2, 141], мутаваттинон [3, 252/502], мутаҳаввирон [3, 112/222], зишавкатон [3, 162/321]: ...бо ҳазор нафар **хосони** худ ба ҳузури халифа ва аз он ҷо ҳаҷ карданро баҳона карда ба Макка сафар кард [1, 222]; Ва ин маънӣ бар хавос(с) аз равиши хусравони олимиқдору **зишавкатони** боэътибор, ки бандаи хос аз ҳазрати аҳадиятанд [3, 57/110].

**Дараҷаи корбурди пасванди -он дар забони осори давраҳои муқоисашаванда**

| Сарчашмаҳо | Исмҳои ҷамъ | % | Сарчашмаҳо | Дараҷаи корбурд | % |
|---|---|---|---|---|---|
| XVIII[5] | 346 | 38% | XVIII | 1538 | 38% |
| XX(1)[6] | 353 | 38% | XX(1) | 1444 | 36% |
| XX(2)[7] | 219 | 24% | XX(2) | 1027 | 26% |
| **R – дар умум** | **918** | **31%** | **R – дар умум** | **4009** | **26%** |







Ҳамин тариқ, аз рӯйи нишондоди диаграммаи боло метавон хулоса кард, ки дараҷаи корбурди пасванди **-он** дар асари таърихии а.XVIII назар ба

[5] Муҳаммадвафои Карминагӣ. Туҳфат-ул-хонӣ. Муқаддима, таҳияи матн, нусхабадал, таълиқот ва феҳрастҳои Ҷамшед Ҷӯразода ва Нурулло Ғиёсов / Муҳаррирон: И.У. Раҳимов, Б.П. Ашрапов. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 390 с. + 586 саҳ. ф. = 976 с.
[6] 1Айнӣ, С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ / С.Айнӣ. Ҷ.10. – Душанбе: Ирфон, 1966. - 243 с.
[7] Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С.Айнӣ. Куллиёт. Ҷ.14. /Тартибдиҳанда К.С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 270 с.

осори қиёсшавандаи а.XX фаровонтар аст, ки 38%ро ташкил медиҳад. Маълум аст, ки тавассути **-он** дар асари [3] Карминагӣ 346 калима (38%) ва дар асари [1] устод Айнӣ 353 калима (38%) ҷамъбандӣ шудаанд, ки аз нигоҳи истифода фоизи якхеларо касб кардаанд.

### I.1.2. Ҷамъбандии исм бо пасванди -ҳо

Бино бар пиндошт ва таъкиди аксари забоншиносон пасвандҳои **-ҳо** ва **-он** дар забони тоҷикӣ таърихан қадима буда, то имрӯз мавқеи худро устувор нигоҳ доштаанд [50, 75; 78, 41]. Бояд ёдовар шавем, ки ҷамъбандии исмҳои асари таърихии Карминагӣ бо пасванди **-ҳо** назар ба дигар морфемаҳои шаклсози осори мавриди қиёси устод Айнӣ камтар мавриди истеъмол қарор гирифтааст. Вожаҳои тоҷикиаслу арабӣ ва туркӣ бо пасванди **-ҳо** дар аксар маврид бо исмҳои беҷону ҷондор ва амалу маънӣ корбаст шудаанд. Аммо аз таҳқиқоти Б.Шарифов [106, 23], С.М. Сабзаев [71, 71] ва Ш.Р. Юсупов [110, 43] оид ба пасванди **-ҳо** маълум мешавад, ки воҳиди мазкур танҳо бо исмҳои беҷон дар осори омӯзиши эшон истифода мешудааст.

Ба назари мо, сабаби камистеъмолии пасванди **-ҳо** дар он аст, ки дар забони адабии а.XVIII чун осори пешини соҳа ҷамъбандии арабӣ (ҷамъбандии солиму шикаста) назар ба ҷамъбандии тоҷикӣ бартарият дошт. Чунонки аз маводи гирдоварда маълум гардид, ба воситаи пасванди **-ҳо** дар умум, 690к./2555м. аз он дар [3] 162к./471м., дар [1] 389к./1324м., дар [2] 311к./760м. бо исмҳои конкрети ҷондору 116/137к. (16%) беҷон 236/303к. (36%) ва амалу маънӣ 338/406к. (48%) омадааст [ниг.ба замимаҳои № 1.1.2 (а); (б); (в); (г) ва (ғ)].

Аз нуқтаи назари маъно, исмҳои бо пасванди **-ҳо** ҷамъшудаи осори мавриди таҳқиқро метавон ба гурӯҳҳои зайл тасниф кард:

а). Исмҳои беҷоне, ки ишорат ба макону ҷой ва ашё мекунанд - 148к. (21%) [ниг.ба замимаи № 1.1.2 (д)]: дарвозаҳо [3, 22/40; 1, 50; 2, 239], мадрасаҳо [3, 182/354; 1, 114; 2, 208], марказҳо [3, 271/540], биноҳо [3, 270/537; 1, 28]: ҳисорҳо [3, 179/356]; либосҳо [2, 132].

Карминагӣ дар асари худ вомвожаҳои чағатойии **сақлав, ялав, ясав** туркӣ ва муғулии **тавқ, туғ, қушун**ро тавассути пасванди **-ҳо** ҷамъбандӣ намудааст. Ҳини муқоисаву ҷустуҷӯ аён гашт, ки дар осори қиёсии устод Айнӣ ин гуна вомвожаҳо боре ҳам ба кор нарафтаанд: Сарони сипоҳ ва умарои шавкатпаноҳ дар ӯрунҳову мақомҳои худ қарор гирифтанд, **сақлавҳову** саҳни курнушсарой аз ҳуҷуми сипоҳ ва убури хадам мамлу гардид [3, 271/540; 234/466, 224/446]; Ясол Эрдонабек низ пеш ронда дар ҷониби шарқи он тал **тавқҳо/туғҳо** афроштанд [3, 208/413]; ...ба дастури фармон **ясавҳои** *(қаторҳо – А.Б)* лашкар ороста гардид... [3, 216/429, 209/415]. Ҳини таҳқиқ дар фарҳангҳо мо **сақлав**ро ба ин шакл дарнаёфтем. Вале дар “Фарҳанги чағатой-форсӣ” ин вожаро ба гунаи **сақлов** ва ба маънии утоқи хадамаи шоҳон, истироҳатгоҳи хадамаи дарбор омада дарёфтем, ки дархури маънии матни мо ҳам мебошад [188, с.250; 187; 184]. Корбурди ин вомвожаҳои туркӣ, чағатой ва муғулӣ ва бо воситаҳои грамматикии сирф тоҷикӣ ифода гардидани маъниҳои грамматикӣ аз комилан ҳазмшавӣ ва ба меъёрҳои морфологии забони адабии а.XVIII мутобиқ шудани онҳо далолат мекунад.

б). Исмҳое, ки ба ҷангу муҳориба ва олоти разму пайкор далолат мекунанд - 170к. (25%) [ниг.ба замимаи № 1.1.2 (д)]: кордҳову шамшерҳо [3, 206/409; 1, 65], ӯрунҳову мақомҳо [3, 271/540], руқъаҳо [3, 229/455], манҷаниқҳо [3, 259/515], туфангҳо [1, 132], бундуқаҳо… ҷазойирҳо [3, 237/472], ғарвҳо *(найи миёнхолӣ, ин ҷо ба маънои мили оташфишонӣ омадааст - А.Б.)* [3, 126/249], кулаҳо *(санги хоро, дар ин ҷо ба маънои санге, ки ҳаво медиҳанд – А.Б.)* [3, 158/314];

в). Исмҳои беҷоне, ки ба сарфарозиву қадрдонӣ ва туҳфаҳову ҳадяҳо далолат мекунанд - 24к. (4%) [ниг.ба замимаи № 1.1.2 (д)]: қумошҳо… неъматҳо [3, 74/144], ҳадяву таоруфҳо [2, 133], чакманҳо [3, 180/358], хилъатҳо [3, 184/365; 2, 197], дастовезҳо [3, 221/439], пешкашҳо [3, 2292/581; 1, 138, 279; 2, 106], колоҳо [3, 148/294], ашрафиҳо [1, 93].

Забони “Туҳфат-ул-хонӣ” тамоюли омезиши вомвожаҳои арабиву туркӣ дорад, вале Карминагӣ баъзе вожаҳои арабию туркиро дар мавридҳои алоҳида ва зарур корбаст намудааст. Аммо дар забони осори устод Айнӣ ин гуна вомвожаҳо дида нашуданд: суринҳо [3, 241/479], тӯқузҳо *(вомвожаи туркӣ буда, маънояш туҳфа мебошад - А.Б.)* [3, 286/570]: …аз мароҳими илтифоти хоқони ҷаҳондор камоли сарафрозӣ ёфтанд ва **суринҳои** худ аз назари анвар гузаронида, дар зайли ҳавохоҳону чокарони даргоҳ мунҳарит гардиданд [3, 240/478].

г). Исмҳое, ки далолат ба ҳайвонҳо мекунанд - 10к. (1%) [ниг.ба замимаи № 1.1.2 (д)]:  аспҳо [3, 287/571; 2, 141], говҳо [2, 94]: Хаймаву хиргоҳи суродиқу боргоҳро бар **сутурони** бодрафтор ва **ҷамозаҳои** кӯҳ-кӯҳон бору устувор карданд… [3, 63/121]. Дар мисоли боло ба таври мутавозӣ исмҳои мавриди назар тавассути пасвандҳои ҳам **-он** ва ҳам **-ҳо** ҷамъ шудаанд.

ғ). Исмҳои амалу маънӣ - 338к. (49%) [ниг.ба замимаи № 1.1.2 (в)]: дилҳо… синаҳо [3, 254/506; 1, 68], шаҳдҳо [3, 125/248], ризолатҳо [2, 115], суханҳо [3, 44/83; 2, 178], ҷангҳо [3, 26/47; 1, 34], сарватҳо [2, 116], ҷароҳатҳо [3, 53/101], хиёнатҳо [2, 116], афсонаҳо [3, 265/527], таронаҳо [3, 286/570], садоҳо [3, 20/36, 102/202]; уқубатҳо [1, 203].

Ҳамчунин пасванди **-ҳо** баробари як қатор исмҳои ғайришахсу маъниро ҷамъ намуданаш дар забони осори [1; 2] устод Айнӣ бо исмҳои шахс низ фаровон ба назар расид: ғуломбачаҳо [1, 90, 91, 91], вакилҳо [2, 193], нӯкарҳо [1, 91], занҳо [2, 202], соҳибмансабҳо [1, 90], қаршигиҳо [2, 200], фоҳишаҳо [1, 109], қозиҳо [2, 105], султонҳо [1, 26], мударрисҳо [2, 30], сарбозҳо [1, 132; 2, 204], сафирҳо [1, 31], амрадҳо [1, 106], асрорнависҳо [2, 148]; сарбозҳо [2, 204]: Вақте ки ман наздик расидам, **дарбонҳо** давида пеши амир рафтанд [1, 90].

Ба ҳамин васила, Карминагӣ дар мавридҳои алоҳида исмҳои ҷондори шахсии саркардаҳо [3, 88/174, 94/185/186, 115/228, 135/268], лашкарҳо [3, 57/110, 58/112, 209/415, 215/428, 236/470, 259/516], зафарҳо [3, 213/423],

доруғаҳо [32/60]-ро бо пасванди мавриди таҳлил ба кор бурдааст, ки ин вежагӣ ҳини омӯзиш хеле банудрат вохӯрд. Гумон меравад, ки чунин вазъи корбурди пасванди **-ҳо** дар а.XIX ва ибтидои а.XX низ боқӣ мондааст. Ин нуктаро забоншинос О.Ҷ. Ҷалолов ҳам бо фоизҳои мушаххас тасдиқ мекунад: "Фақат, тақрибан, аз а.XIX сар карда, ба воситаи суффикси **-ҳо** ҷамъ шудани предметҳои ҷондор 4%-ро ва дар ибтидои а.XX 8%-ро ташкил додааст" [97, 11]. Аз ин нуқтаи назар дар "Марги судхӯр" на танҳо дар забони тасвири муаллиф, балки дар сухани ҳама гуна персонажҳои асар баробар кор фармуда шудани пасвандҳои **-ҳо** ва **-он (-гон**, **-ён)** фактест, ки дар баъзе нависандагонамон камтар мушоҳида карда мешавад" [43, 174]: ...ҳуккоми қасабот ва қузот ва содоти вилоёт ва **доруғаҳои** ҳазораҷот ва арбоб ва кадхудоёни қурову булдон ба шукронаи ин мавҳабат сурину билоки бешумор ва аспони роҳвор пешкаши дарбори кайвоништиҳор намуданд [3, 232/462]; Бино бар ин, ҳуккоми номдор аз ақтори ин вилоят ва **доруғагони** сардори ҳар ноҳиятро инони тааммулу тааннӣ аз даст рафт... [3, 68/132]. Дар мисолҳои **доруғаҳо=доруғагон** *(вожаи туркӣ – сарпосбон – А.Б.)* муаллиф пареллелизми пасвандҳои **-ҳо** ва **-он**ро ба кор бурдааст. Аммо дар забони таърихномаи Карминагӣ пасванди **-ҳо** ниҳоят каммаҳсул мебошад, ки таҳлилҳои болоӣ далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Шоистаи зикр аст, ки Карминагӣ як қатор исмҳои ифодагари ягон миллат ва қавму табақаҳои инсониро, тавассути **-ҳо** ҷамъбандӣ намудааст, ки дар осори мавриди қиёси устод Айнӣ танҳо исми русҳо [1, 47, 60] ба чашм расид [137, 74-75]: ғалчаҳо [3, 218/433, 194/385, 239/475, 241/480, 258/513/513, 262/521/522, 266/529/530, 267/531/531, 270/537]; уруғҳо [3, 259/515/515]: Ҷамоаи қалпоқ ва туркони юз ва қарабчӣ ва дигар **уруғҳо** бо мардуми дараи Ниҳон ва мулозимони Муҳаммадаминбий, ки асомии эшон ба такрор мазкур шуд... [3, 259/515].

## Дараҷаи корбурди пасванди -ҳо дар забони осори давраҳои муқоисашаванда

| Сарчашмаҳо | Исмҳои чамъ | % | Сарчашмаҳо | Дарачаи корбурд | % |
|---|---|---|---|---|---|
| XVIII | 162 | 19% | XVIII | 471 | 18% |
| XX(1) | 389 | 45% | XX(1) | 1324 | 52% |
| XX(2) | 311 | 36% | XX(2) | 760 | 30% |
| **R - дар умум** | **690/862** | **30%** | **R - дар умум** | **2555** | **17%** |







Ҳамин тавр, аз диаграммаи боло хулоса намуд, ки дар асари таърихии а.XVIII дарачаи корбурди пасванди **-ҳо** нисбат ба осори таърихии а.XX маҳдудтар буда, ки он 18%-ро ташкил додааст.

### I.1.3. Истифодаи чамъбандии арабӣ

Қиёсу баррасӣ ва омӯзиши масоили вежагиҳои морфологӣ ва вачҳи корбурди усули чамъбандии арабӣ дар забоншиносии точикӣ набуда, дар осори муътамаду бунёдии дастачамъона ва алоҳидаи марбута аз чониби забоншиносони точику руси асри собиқ пажуҳишҳои муфассалу мухтасаре сурат гирифтаанд. Бо вучуди ин, ҳанӯз ҳам дар забоншиносии мо бархе паҳлуҳои ин падидаи морфологӣ, бавежа вожагони иқтибосии арабӣ, пурра омӯхта нашудаву дар робита ба дурустии комили корбурди чамъбандии арабӣ ҳарфи охир гуфта нашудааст.

Ҳини иқтибоси калима аз як забон ба забони дигар, масалан исм, дар шакли танҳо иқтибос карда мешавад, то дар забони иқтибоскунанда ба чаҳорчӯбаи грамматикӣ ворид шаваду ба қавоиди маъмули он забон чамъбандӣ гардад. Вале муносибати иқтибосгузинии забони точикӣ аз арабӣ

фаротар аз ин аст, аз ҷумла, шакли солими ҷамъи арабӣ, ки ба забони тоҷикӣ дохил шудааст, ба воситаи суффиксҳои **-от** ва **-ин** ва шакли ҷамъи шикаста бо ёрии флексияи дохилӣ ба амал меояд.

Муҳаққиқ Б.Сиёев аз таҳқиқи ҷамъбандии исмҳои "Таърихи Табарӣ"-и Балъамӣ сухан гуфта, ба кор рафтани ду навъи ҷамъбандӣ: а) усули ҷамъсозии анъанавӣ ва б) усули ҷамъсозии арабиро қайд намуда, сабаби истифодаи ҷамъбандии арабиро ба тасаллути арабҳо алоқаманд медонад: "Сабаби дар сохти грамматикии забони асрҳои IX-X мавҷуд будани шаклҳои гуногуни ҷамъбандии арабӣ ба ҳодисаҳои муҳимме, ки дар хоки Мовароуннаҳру Хуросон ва Балх (ки ин мавзеъҳоро дар сарчашмаҳо макони пайдоиши забони дарӣ, лафзи дарӣ меноманд) қабл аз а.Х рӯй дода буд, вобаста аст..." [78, с.37].

Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда ба ҷуз роҳу воситаҳои ҷамъбандии тоҷикӣ, ҳамчунин усули ҷамъбандии арабӣ низ мавқеи калидӣ дорад. Ҳамаи вожаҳое, ки дар осори муқоисашаванда бо тарзи ҷамъбандии арабӣ сурат гирифтаанд, асосан бо ду роҳ амалӣ гаштаанд:

1. Ҷамъбандии солим ё ҷамъбандии дуруст;
2. Ҷамъбандии шикаста ё ҷамъбандии нодуруст.

Метавон гуфт, ки дар Грамматикаи академии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ марбут ба пасванди **-ин** чунин маълумот оварда шудааст: "Суффикси арабии **-ин** танҳо дар як-ду калима (мусофирин, ҳозирин) вомехӯрад, ки хоси услуби поэтикӣ ва архаистист" [19, 101]. Унсури ҷамъсози арабии **-ин** дар "Туҳфат-ул-хонӣ" ба чашм нарасид. Вақте ба ҳолати имрӯзаи корбурди **-ин** назар кунем, маълум мегардад, ки доираи истеъмолаш маҳдуд буда, аммо дар осори таърихии [1; 2] устод Айнӣ пасванди номбурда, дар маҷмуъ, ҷиҳати ҷамъбандии 44 калимаи арабӣ ва аз он дар [2] 36к. (67%), дар [1] 18к. (33%) 146 маротиба ва аз он дар [2] 98м. (67%), дар [1] 48м. (33%), аз ҷумла: ғоибин, мавқуфин, мадъувин, мазкурин, мазлумин, муслимин, маҷруҳин, маҳбусин, маҳсурин, маъмурин, маъсумин, муассисин, мударрисин, муқаррабин, муқассирин, мунофиқин, мунтасибин, мутабассирин, муҳарририн, муҳоҷимин ва ғ.. мавриди истифода қарор гирифтааст [ниг.ба замимаи № 1.1.3 (в)]: Аз ин

ҳусули муддаи ҳар воҳид аз **оризин**, ҷасорат пайдо карда... [2, 120]; Аксари **муосирини** моро ақида бар ин аст, ки Насрулло қушбегӣ ислоҳхоҳи ҳақиқӣ буд... [1, 154].

Аз мисолҳои боло бармеояд, ки пасванди ҷамъбандии **-ин** дар забони осори таърихии устод Айнӣ хеле фаровон буда, чун анъана тавассути он танҳо исмҳои ҷондор ҷамъбандӣ шудаанд.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки пасванди ҷамъбандии **-от** ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва ҳам дар забони осори давраҳои қиёсшаванда яке аз унсурҳои ҷамъбандии маъмул буда, ки муаллифон ин пасвандро дар мавридҳои алоҳида истифода намудаанд.

Дар забони осори давраҳои муқоисашаванда баъзе калимаҳои тоҷикӣ бо пасванди **-от** дар шакли ҷамъ мавриди истифода қарор гирифтаанд: боғот [3, 19/33, 121/240, 123/244], ҳазораҷот [3, 24/43, 29/53, 109/215, 149/296], рӯзномаҷот [1, 127], корхонаҷот [1, 131], дастаҷот [1, 132], навиштаҷот [2, 55]: …ба тарафи шарқии он вилоят, ки маҳалли музориот ва киштгоҳи **корезоти** мардуми Нур буд... [3, 122/241]; ...тамоми **рӯзномаҷоти** исломиро мехост барҳам занад [1, 147].

Дар ин ҷо зикри ин нукта муҳим аст, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда баъзе вомвожаҳои туркӣ, муғулӣ ва юнонӣ тавассути пасванди **-от** ҷамъбандӣ гаштаанд, аз ҷумла: ...тӯпҳои аждаҳодам ва **манҷаниқоти** раъдшукӯҳро бар қуллаи гардунҳои сипеҳрмадор маҳмил қарор доданд [3, 63/121]; ...ирсоли марсули **телегрофоти** расмии табрикӣ байни маъмурони элчихона... [2, 157; 1, 122, 152]; ...мавкаби шоҳиро ба касрати ҷайш мамлӯ сохтанд ва тамоми мардуми **элоту** ҳазораҷот фавҷ-фавҷ омада, мулҳақи сояи хусрави ҳумоёнфол шуданд [3, 24/43].

Бояд қайд намуд, ки дар асари “Туҳфат-ул-хонӣ” ба воситаи пасванди **-от** вожаҳои туркӣ низ ҷамъбандӣ шудаанд, ки дар мисолҳои боло оварда шудаанд. Вале дар асари “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” вожаҳои туркӣ боре ҳам дар шакли ҷамъ мавриди истифода қарор нагирифтаанд, аммо устод Айнӣ ҳамагӣ як маротиба вожаи **тумон**ро бо ёрии пасванди **-ҳо** дар

шакли ҷамъ ба кор бурдааст, ки ин вежагӣ дар асари Карминагӣ наомадааст: Аз тарафи дигар баъзе талабаҳо ба **тумонҳо** рафта… [2, 202].

**Дараҷаи корбурди пасванди -от дар забони осори давраҳои муқоисашаванда**

| **Сарчашмаҳо** | **Исмҳои ҷамъ** | **%** | **Сарчашмаҳо** | **Дараҷаи корбурд** | **%** |
|---|---|---|---|---|---|
| XVIII | 170 | 50% | XVIII | 918 | 64% |
| XX(1) | 58 | 17% | XX(1) | 125 | 9% |
| XX(2) | 113 | 33% | XX(2) | 391 | 27% |
| **R - дар умум** | **341** | **12%** | **R - дар умум** | **1434** | **10%** |







Бино бар усули оморӣ аён гашт, ки пасванди **-от** дар маҷмуъ барои ҷамъ намудани 284/341к./1434м. аз он дар [3] 170 к./918 м., дар [1] 58к./125м., дар [2] 113к./391м. аз тарафи муаллифон ба кор бурда шудааст [ниг.ба замимаҳои № 1.1.3 (а) ва (б)]. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки дар забони асари таърихии а.XVIII тавассути пасванди **-от** ҷамъ гаштани исмҳо хеле фаровон мебошад. Маълум аст, ки танҳо дар асари Карминагӣ 170к. (50%) 918м. (64%) мавриди истифода қарор гирифта, ки ин нишондод шаҳодат аз сермаҳсулии **-от** медиҳад.

Дар забони арабӣ ба ғайр аз шумораҳои танҳову ҷамъ шумораи *дугона* низ мавҷуд аст, ки, бо ибораи дигар, *мусанно* мегӯянд. Пасванди мусанносози **-айн** дар якчанд исмҳои асари мавриди омӯзиш дучор гардид: ҷонибайн [24 маротиба - 3, 11/19, 282/562, 261/519, 260/518, 256/509, 255/507], тариқайн [3, 158/314], волидайн [3, 280/557], фариқайн [8 маротиба - 3, 254/505; ҳамчун.

ниг. ба: 252/502, 130/257, 89/175, 256/509]: Ва амалҳои он вилоятро ба умарои эшон бахш карда, сардорони **фариқайн** усулу аъёни **ҷонибайнро** хилъатҳои фохир пӯшониданд [3, 256/509]; Табиист, ки такрор ва давоми ин ҳолат ба нафрати **тарафайн** ба ҳамдигар сабаб мегардид [2, 42].

Ҳамчунин ҳини қиёсу баррасӣ аён гашт, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ як қатор калимаҳои аслии тоҷикиву иқтибосӣ тавассути ҳам пасвандҳои тоҷикӣ ва ҳам аносири ҷамъбандии арабӣ баробар дар шакли ҷамъ омадаанд: маҳбусин [2, 212] = маҳбусон [1, 125], маъмурин [2, 184] = маъмурон [1, 151], вилоёт [3, 149/295] = вилоятҳо [1, 189], зар(а)бот [3, 68/131 ] = зарб(а)ҳо [1, 251], мақосид [3, 49/93] = мақсадҳо [1, 172], макотиб [1, 154] = мактабҳо [1, 147].

Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи илми забоншиносии тоҷикӣ масъалаи бо қолабҳои забони арабӣ ҷамъбандӣ шудани исмҳо аз тарафи бархе аз олимону муҳаққиқини соҳаи таърихи забони тоҷикӣ, аз қабили О.Ҷ Ҷалолов "Категорияи ҷамъ ва баъзе масъалаҳои забони ҳозираи тоҷикӣ" [97]; Б.Шарифов "Бадоеъ-ул-вақоеъ" (а.XVI) [106] ва Г.Камолова "Маҷмуъ-ут-таворих" (а.XVI) [125] баррасӣ шудааст.

Яке аз васоити муҳими категорияи шумораи исм дар забони осори давраҳои омӯзиш қолабҳои ҷамъи шикастаи забони арабӣ маҳсуб мешавад, ки ин қолабҳо хеле фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҷамъи шикастаи забони арабӣ қолабҳои муайяне дорад, ки теъдоди онҳо зиёда аз сӣ ададанд [183]. Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда аз рӯйи бисту як вазни ҷамъи шикастаи арабӣ дар маҷмуъ 589/755к./6903м. аз он дар [3] 522к./5368м., дар [1] 103к./533м., дар [2] 128к./1002м. исмҳо ҷамъбандӣ шудаанд. Бояд қайд намуд, ки доираи истифодаи вазнҳои ҷамъи шикастаи арабӣ гуногунанд [ниг.ба замимаҳои № 1.1.3 (г); (ғ); (д) ва (е)]: …хаймаву хиргоҳ ва чодару боргоҳро бо аксари **амтиаву амвол** ва бархе аз **аҳмолу асқол** ба тасарруфи ғорату тороҷ доданд … [3, 285/567].

## Дараҷаи корбурди ҷамъи шикастаи арабӣ дар забони осори давраҳои муқоисашаванда

| **Сарчашмаҳо** | **Исмҳои ҷамъ** | **%** | **Сарчашмаҳо** | **Дараҷаи корбурд** | **%** |
|---|---|---|---|---|---|
| XVIII | 522 | 69% | XVIII | 5368 | 78% |
| XX(1) | 103 | 14% | XX(1) | 533 | 8% |
| XX(2) | 128 | 17% | XX(2) | 1002 | 14% |
| **R - дар умум** | **755** | **26%** | **R - дар умум** | **6903** | **46%** |







### I.1.4. Ҷамъулҷамъ дар забони осори давраҳои қиёсшаванда

Яке аз ҳодисаҳои морфологии забони осори давраҳои қиёсшаванда дар хусуси категорияи шумораи исмҳо корбурди воситаҳои ҷамъсози ҳам тоҷикӣ ва ҳам арабӣ дар як исм ва дар як вақт аст, ки маъмулан онро ҷамъулҷамъ мегӯянд, ки ин нишондиҳандаи грамматикӣ сирф ҳодисаи забони арабӣ буда, вале дар забони адабии тоҷикӣ ҳанӯз аз замонҳои пайдоишу ташаккули меъёрҳои забони адабии арабӣ чун як ҳодисаи маъмули забонӣ вуҷуд дорад [ниг.ба: 24, 38; 103, 268-269; 80, 38]. Ғиёсуддини Ромпурӣ аввалин касест, ки ин мафҳумро ба ҳайси моддаи алоҳидаи луғавӣ дар фарҳанги хеш ҷой дода, онро чунин шарҳ додааст: "Ҷамъулҷамъ назди сарфиён ҷамъе, ки аз лафзи ҷамъ оварда бошанд, чун аколиб ҷамъи аклуб, ки ҷамъи калб аст ва аноъим ҷамъи инъом, ки ҷамъи наъим аст" [176, ҷ.1, 246]. Роҷеъ ба сабаби истифодаи ин падидаи морфологӣ М.Баҳор қайд намудааст, ки: "калимаҳои арабии дар шакли ҷамъи солиму шикаста ба хотири фаҳмо шудан ва дарёфтани маънои онҳо ба форсизабонон бо пасвандҳои ҷамъбандии тоҷикии **-ҳо** ва **-он** ҷамъ

баста мешуданд” [166, 400]. Аксари чунин вожаҳои ҷамъшуда маънои худро аз даст дода, ба маънии шумораи танҳо ифода мегаштанд: “Дар услуби бадеӣ, алалхусус дар назм, шаклҳои арабии шумораи ҷамъ маънии грамматикии худро равшантар зоҳир мекунанд, вале дар услуби дигар, алалхусус дар гуфтугӯ, лексиконида шудани ин гуна шаклҳо босуръат давом дорад. Натиҷа ҳамин аст, ки баъзе шаклҳои шикастаи ҷамъи арабӣ ҳамчун шакли танҳо ба ҳисоб гирифта шуда, аз нав бо суффикси арабии **-от** ё ки бо суффикси тоҷикии **-ҳо** ҷамъ баста мешаванд (ахборот, аҷоибот, ҳаводисот, асрорҳо, аҷдодҳо ва ғ.)” [19, 101].

Чунин нишондиҳандаи грамматикӣ аз ин сабаб ба забони тоҷикӣ таъсири худро расонидааст, ки он ҳамчун як падидаи морфологӣ таъсири худи забони арабӣ ҳисобида мешавад. Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда ба воситаи пасвандҳои шаклсози ҳам тоҷикӣ **-ҳо** ва **-он** (**-ён**) ва ҳам арабии **-от** як қатор исмҳои ҷамъи арабӣ дар шакли ҷамъулҷамъ ба чашм расиданд. Тибқи нишондоди оморӣ аён гашт, ки тавассути аносири ҷамъбандӣ 25 исм дар шакли ҷамъулҷамъ 86 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст, дар умум 1%-ро ташкил медиҳад [ниг.ба замимаҳои № 1.1.4 (а); (б); (в) ва (г)]: мадорисҳо [3, 179/356]; умурот [2, 109, 185; 1, 114, 136]; ахборот [2, 185]; фуқароён [2, 184]; русумот [1, 91]; нуввобон [3, 92/181, 92/182]; аҳиббон [3, 75/148]; мулукот [3, 19/34]: ...бо қабоилу ашоири худ биннисба ба дарбори шоҳӣ ва давлати салтанатдастгоҳӣ дошт ва аксари **аҳиббон** дар аъзами умур ва аҳамми муҳиммот таҳовуну такосулро ҷоиз шумурда... [3, 75/148]; ...яке аз **аҳиббо** руқъае ба муҳаррири авроқ ирсол дошта... [3, 132/261, 169/335, 261/520].

Мисолҳои фавқ аз он дарак медиҳад, ки Карминагӣ ҷамъи шикастаи арабии **аҳиббо**ро назар ба ҷамъи дукаратаи **аҳиббон** зиёдтар ба кор бурдааст.

...дар арсаи амнияту сояи давлати он ҳазрати фалакрутбат даҳоқину раъоё, масокину **фуқароҳо** кишти ҳузуру мазрааи оромиш муҳайё созанд [3, 158/313]; Зоти мо барои **фуқароёни** худ базли ҳиммат ва саъи мавфур дорем... [1, 157, 158, 159; 2, 184, 185].

Ҳамчунин дар рафти қиёсу омӯзиши ин мавзуъ шоҳиди он гаштем, ки муаллифони таърихномаҳои мавриди муқоиса [1; 2] **фуқаро**ро дар баъзе мавридҳо дар шакли ҷамъулҷамъ истифода бурдаанд. Бояд гуфт, ки Карминагӣ онро танҳо як маротиба тавассути пасванди **-ҳо** ҷамъулҷамъ намудааст ва дар осори устод Айнӣ ин падида фақат бо пасванди **-он** сурат гирифтааст.

Ҳангоми таҳқиқи ин мавзуъ ба назар расид, ки Карминагӣ танҳо як маротиба **мулук**ро тавассути **-от** ҷамъулҷамъ кардааст: ...аз **мулукоту** музофоте, ки яди тасарруф дошт, дар вилояти Тӯс маҷмаи асокир намуда, ба ҷониби Ҳирот гузашт [3, 19/34].

Зимнан, дар асари Карминагӣ танҳо ду маротиба вожаи ҷамъулҷамъи **ақовил**, ки шакли муфради он **қавлун** (сухан, қавл) ва ҷамъаш **ақволун** мебошад, ба мушоҳида расид, ки ин вежагӣ чун анъана аз рӯйи қоидаи забони арабӣ бидуни пасвандҳои ҷамъсози тоҷикиву арабӣ сурат гирифтааст: ...расулони ӯ ин суханони рӯйандуд ва **ақовили** ботиларо бар исғои замири амири фалотунтадбир арза доштанд... [3, 52/100].

**Дараҷаи корбурди аносири ҷамъбандӣ**

**дар забони осори давраҳои муқоисашаванда [ниг.ба замимаҳои № 1.1 (а); (б); (в); (г) ва (ғ)]**

**A -** пасванди -ҳо

**B -** пасванди -он (-ён, -гон ва -вон)

**C -** ҷамъбандии арабии солим (-от ва -ин)

**D -** ҷамъбандии арабӣ (дар мисоли ҷамъи шикаста)

**E** - ҷамъулҷамъ

**Results -** дар умум

| **Аносири ҷамъбандӣ** | **Исмҳои ҷамъ** | **%** | **Аносири ҷамъбандӣ** | **Дараҷаи корбурд** | **%** |
|---|---|---|---|---|---|
| **A** | 690/862 | 30% | **A** | 2555 | 17% |
| **B** | 726/918 | 31% | **B** | 4009 | 26% |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **C** | 328/360 | 12% | **C** | 1580 | 10% |
| **D** | 589/755 | 26% | **D** | 6903 | 46% |
| **E** | 25/30 | 1% | **E** | 86 | 1% |
| **R** | 2358/2925 | | **R** | 15133 | |




## I.2. Вежагиҳои морфологии исмҳои сохта

Маълум аст, ки калимасозӣ яке аз роҳҳои ғановат бахшидани таркиби луғавии забон ба шумор меравад. Ҳамчунин дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ якчанд роҳҳои калимасозӣ мавҷуданд [ниг.ба: 67, 12; 19, 110; 124, 16; 123, 22-25]. Калимасозии исм бо роҳи морфологӣ сермаҳсултарин маҳсуб гашта, дар осори мавриди қиёсу муқобалаи мо монанди забони адабии ҳозираи тоҷикӣ бисёртар бо ин роҳ унсурҳои луғавии наве сохта шудаанд.

Ҳанӯз дар а.XIII роҷеъ ба мавзуи мавриди назар яке аз донишмандони бузурги илми сегонаи адабӣ - Шамси Қайси Розӣ дар асари хеш, ки “ал-Муъҷам” унвон дорад, таъкид ва як қатор унсурҳои вожасозу шаклсозро таҳлил намуда, барои пурқувват шудани фикраш мисолҳои зиёде овардааст [66, 177-198]. “Агар Шамси Қайси Розиро яке аз бунёдгузорони асосҳои илми калимасозии забони тоҷикӣ ҳисоб намоем, муболиға нахоҳад шуд” [5, 210].

Муҳаққиқи таърихи забон, проф. А.В. Лившитс роҷеъ ба калимасозӣ чунин мегӯяд: “Калимасозӣ яке аз воситаҳои асосии бойшавии таркиби луғавӣ ба шумор меравад. Тағйирот ба инкишофу такомули калимасозиву

шаклсозӣ мувофиқи талаботи қонунияти доимии забон ба амал меояд ва ба сохти грамматикии забон алоқаи хеле мустаҳкам дорад” [128, 87]. Ҳанӯз солҳои 70-уми а.ХХ забоншиноси шинохта С.Ҳалимов муҳимияти омӯзиши ин масъаларо таъкид намуда, аз ҷумла зикр карда буд, ки “… дар соҳаи калимасозии забони тоҷикӣ аз рӯйи ёдгориҳои хаттӣ асаре ба вуҷуд наомадааст ва хусусиятҳои калимасозӣ дар як давраи алоҳида аз рӯйи як асари ҷудогона таҳқиқ карда нашудааст” [89, 283].

Чун анъана дар забони давраҳои қиёсшаванда низ дар калимасозии исм танҳо як пешванди **ҳам-** истифода мешавад, ки он бо исмҳо омада, ҳамроҳӣ, шарокат ва алоқаи тарафайни ҳам шахсҳо ва ҳам предметҳоро ифода мекунад. Бино бар усули эҳсоии мо маълум гардид, ки пешванди мазкур, дар маҷмуъ, [3] 134м. ва [1; 2] 63м. дар осори муқоисашаванда бо калимаҳои зерин “бистар [3, 50/96], боз [3, 53/102], бол [3, 146/289], вазн [3, 143/283], даст [3, 251/500], дигар [3, 242/482; 2, 175; 1, 155], дӯш [3, 242/481], инон [3, 262/522], зӯр [3, 214/425], кор [3, 66/127], қишлоқ [2, 145], қирон [3, 126/250], мазҳаб [2, 96], маслак [2, 198], нафас [3, 81/159], овард [3, 214/425], оғӯш [3, 88/173], пеша [3, 66/128; 2, 68], пой [3, 111/220], рафиқ [3, 71/137], рикоб [3, 126/250; 1, 80], роҳ [2, 158], санг [3, 195/387], сар [3, 75/148], сафар [2, 231], соя [2, 197; 1, 89], суҳбат [1, 265], фикр [1, 218], хоба [3, 88/173], хона [3, 154/305; 1, 128], ҳамҷусмон [15/25], шира [2, 230]” дар мавридҳои алоҳида омадааст: …**ҳаминони** умарои завилэҳтимом ва **ҳамрикоби** қузот ва фузалои воҷибулэҳтиром ба ҷониби арки олӣ аз маркази иқбол мутаваҷҷеҳ шуда… [3, 126/250, 174/346, 176/349, 177/351, 185/367]; …на як фирқа аз **ҳаммаслакони** шумо ва аз муфтиёни шумо ва аз қозикалони шумо ба ин таҳқирот гирифтор мегардид… [2, 253].

**Дараҷаи корбурди пешванди ҳам- дар забони осори давраҳои қиёсшаванда**

| Сарчашмаҳо | Дараҷаи корбурд | % |
|---|---|---|
| XVIII | 134 | 68% |

| | | |
|---|---|---|
| XX(1) | 35 | 18% |
| XX(2) | 28 | 14% |
| **R** – **дар умум** | **197** | |




Бояд тазаккур дод, ки дар асари таърихии а.XVIII тавассути пешванди **ҳам-** дар умум 134 маротиба исмҳои сохта мавриди истифода қарор гирифтаанд. Маълум аст, ки унсури вожасози номбурда дар асари Карминагӣ сермаҳсул буда, 68%-ро ташкил додааст.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ як силсила унсурҳои вожасоз, бавижа пасвандҳои исмсоз, ҳастанд, ки дар ташаккули исмҳои нав иштирок мекунанд, аз ҷумла: **-а (я), -ак, -ак, -ас (-ос), -андар, -бон, -бор, -ванд, -вар, -во (-вой), -вода, -вор (-вора), -ворӣ, -гар, -гарӣ, -гонӣ, -гор, -гоҳ (-гаҳ), -дон, -зор, -ӣ (-гӣ), -ина, -истон (-стон), -иш, -ия, -ият, -лох, -мон, -но, -о, -ок, -ол, -он, -она (-ёна), -ор, -от, -пона (-вона), -сор, -тарин (-тар), -ур, -шан, -ча, -чӣ** [174, 95-96]. Аммо дар забони осори давраҳои қиёсшаванда аз миёни унсурҳои калимасози боло чунин пасвандҳои исмсоз истифода шудаанд: **-а, –ӣ (-гӣ), -чӣ, -гар, -гор, -бон, -дон, -ор, -манд, -вар, -вор, -ак, -ча, -гун, -ок, -зода, -мон, -ванд, -гаҳ, -гоҳ, -иш, -зор, -истон (-стон), -сор, -бор, –шан**, **-канд** ва **-када.**

Метавон афзуд, ки пасвандҳои исмсоз миқдоран зиёд буда, онҳо аз лиҳози маъно исмҳои макону замон, шахсу ғайришахс, моддиву маънӣ ва ғ. месозанд.

### I.2.1. Калимасозии исм бо пасвандҳои ифодагари макону фаровонӣ

Дар забони осори муқоисашаванда мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ пасвандҳои **-гоҳ (-гаҳ), -сор, -зор, -истон (-стон)** ва **-када** барои сохтани исмҳои ифодагари макону фаровонӣ хизмат кардаанд.

**Пасванди -гоҳ** дар асл калимаи мустақил буда, "маънии тахти подшоҳӣ,...маънои вақту ҷой, хайма… ва маънои дови қимор"-ро доштааст [176, ҷ.2, 188] бо мурури замон маънои мустақили лексикии худро аз даст дода, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба пасванди сермаҳсул табдил ёфтааст [70, 132]. Забоншинос Ш.Ниёзӣ дар хусуси пасванди мазкур чунин қайд карда буд: "**-гоҳ** ба исм номи маҳалли иҷро шудани амалеро ифода мекунад" [55, 21]. Дар хусуси аслан воҳиди луғавии мустақилмаъно будани **-гоҳ** ва бо унсури луғавии дигар **-када** ҳамвазифа гардидани он забоншинос О.Қосимов ақида изҳор кардааст [126, 9-14].

Дар таърихномаи "Туҳфат-ул-хонӣ" пасванди **-гоҳ** ҳамчун яке аз пасвандҳои серистеъмолтарини маконсоз, дар маҷмуъ, 316м. (74%) ба мушоҳида расид ва дар осори мавриди қиёси устод Айнӣ [1, 2]; бошад, ҳамагӣ 110м. (26%) истифода шудааст. Аз рӯйи усули эҳсоӣ метавон ба чунин хулоса омад, ки унсури вожасози номбурда дар забони адабии тоҷикии а.XVIII нисбат ба а.XX сермаҳсултар ба ҳисоб меравад, ки омори боло дол бар ин гуфтаҳост. Ҳамчунин муҳаққиқи "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ С.Хоркашев дар иртибот бо пасванди мавриди назар чунин менависад: "Дар "Шоҳнома" пасванди **-гоҳ** 450 маротиба ҳамчун лексемаи мустақил ба маънои ҷою макон истифода шудааст" [85, 91]. Аммо дар забони осори қиёсшаванда боре ҳам **-гоҳ** чун лексемаи мустақил ба маънои ҷою макон мушоҳида нагардид. Ин нукта имконият медиҳад, то хулоса кунем, ки **-гоҳ** дар ибтидои давраи нави рушди таърихи забони адабии тоҷикӣ бештар чун

калимаи мустақил баромад карда, дар давраҳои баъдии тараққиёти забони тоҷикӣ-форсӣ нақши он ҳамчун морфемаи калимасоз бештар мегардад.

Тибқи қоидаи маъмул, пасванди **-гоҳ** аз гурӯҳҳои гуногуни лексикию грамматикии исм ва аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад:

а) **аз исмҳои ҷинс ва конкрет:** лашкаргоҳ [3, 284/565; 1, 8, 49, 55, 63, 72, 249, 251], урдугоҳ [1, 55, 58], боргоҳ [3, 288/574], аскаргоҳ [1, 63], садргоҳ [3, 69/134], чорогоҳ [1, 189], коргоҳ [1, 211]: …баъд аз ин ба ҳарфи ғаразгӯён эътимод намуда, дар **камингоҳи** яъс сабили бероҳӣ напояд [3, 189/376]; …ҳамаи озуқаҳо ва хӯроки ҳайвонотро ба **лашкаргоҳи** Зиёд ибни Солеҳ кашонанд [1, 229].

б) **аз исмҳои абстракт**, ки макони амалу ҳолат ва машғулиятро ифода мекунанд: ҷилвагоҳ [3, 6/9], илтиҷогоҳ [1, 180], умедгоҳ [2, 118], қароргоҳ [3, 101/200; 4, 327], сайргоҳ [3, 46/88], паноҳгоҳ [4, 322], размгоҳ [3, 113/223], хобгоҳ [4, 232]: Дар ин овон нафасе ғариб аз макмани иститор ба **ҷилвагоҳи** зуҳур мавсул гардид [3, 175/347]; …ё ба ҷойи дигаре, ки сафедҷомагони Бухоро **ҷанггоҳ** созанд [1, 273].

в) **аз сифат:** хилватгоҳ [3, 106/210], оромгоҳ [3, 55/105]: …чун оҳуи ваҳшӣ аз панҷаи мижгони дидаи бедори хоқони ҷамҷоҳ гурехта, дарде ҷонкоҳ ба хосира *(миён – А.Б)* ва **тиҳигоҳи** *(қисми бадан байни шикам ва паҳлӯ, қадкашак; маҷ. Дарун)* [19, 366] ӯ нишаст [3, 271/540]; …баъд аз меҳнатҳои сахти рӯзона, чун бистари пар нарм ва **роҳатгоҳ** менамуд, ёзида буданд [4, 105]. Бояд қайд намуд, ки дар ҷумлаи боло устод Айнӣ вожаи сохтаи **роҳатгоҳ**ро мавриди истифода қарор додааст, ки танҳо як маротиба дар “Ғуломон” ба чашм расид.

г) **аз асоси замони ҳозираи феъл:** гузар 8 маротиба (а.XVIII) исми сохтаи **гузаргоҳ** сохта, аммо дар осори қиёсии устод Айнӣ бошад, аз асоси замони гузашта ва ҳозира, аз ҷумла: **баромад, даромад, ист** ва **гузар** 8 маротиба унсури вожасози мазкур дар ташаккули исмҳои сохта баромад намудааст: Фавҷе аз он ҷамоа **гузаргоҳро** гирифтаанд… [3, 291/579]; Дар вақте ки ин карбосро дигар деҳаҳо ҳам бофтанд, ба муносибати **баромадгоҳи**

аввалӣ буданаш... [1, 198]; Иморати **истгоҳҳои** киштиҳо аз тарафи ҳукумати Бухоро карда мешавад [1, 70, 142].

ғ) **аз ҷонишини чанд:** дар асари таърихии [1] устод Айнӣ танҳо як маротиба бо ёрии **-гоҳ** аз ҷонишини **чанд** исми сохта ташаккул гардидааст, ки вожаи сохтаи мазкур на дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [168, 52] ва на дар асари Карминагӣ [3] дида намешавад: Дар ҳар сари чандгоҳ ба ҳар гузар, қишлоқ як миқдори муайян аскар андоз мекард... [1, 179].

д) **аз зарфи макон**: дар забони давраҳои омӯзиш пасванди **-гоҳ** аз зарфи макони **пеш** [3, 106/210; ҳамчун. ниг.ба: 135/267, 140/277, 147/292, 207/412, 254/505; 1, 66; 2, 183; 4, 51, 83, 83, 85, 85, 87, 87, 90, 150, 151, 157, 192, 193, 194, 196, 231, 272, 273, 281, 281, 330, 361, 375, 381, 475] исми макон сохтааст: …партави футуҳот ҷилопазири **пешгоҳи** замири амири номдор шуд [3, 13/24]; ...ин муддаоро ба **пешгоҳи** замири ашраф ҳусни қабул дода... [1, 66].

Маводи ҷамъовардаи мо нишон дод, ки калимаи **даргоҳ** яке аз серистеъмолтарин исмҳои сохта дар “Туҳфат-ул-хонӣ” маҳсуб мешавад, ки он дар асар 123 маротиба *(ба маъноҳои остони дар; боргоҳ, дарбор, арк ва қасри подшоҳӣ, боргоҳи илоҳӣ – А.Б.)* мавриди истифода қарор гирифтааст. Аслан калимаи **даргоҳ** маъниҳои дамгаҳи дар, остони дар; боргоҳ, дарбор, арк ва қасри подшоҳӣ; ҳавлӣ, хона, хонадонро ифода мекунад [176, 328]. Дар асар вожаи **даргоҳ** боз дар таркиби ибораҳои даргоҳи ҳазрати Илоҳ [3, 7/12, 26/47, 32/59, 226/449, 272/541, 276/549], даргоҳи ҳазрати муҳаймини Муттаол [3, 70/136], даргоҳи Воҳиби беиллат [3, 109/216], даргоҳи Воҷибӣ [3, 200/398], даргоҳи Борӣ [3, 209/415], даргоҳи ҳазрати Ваҳҳоб [3, 225/447], даргоҳи Малики аълом [3, 227/451] дучор мешавад. Исми сохтаи **даргоҳ** дар “Ғуломон”-и устод Айнӣ танҳо як маротиба дар таркиби ибораи “даргоҳи илоҳӣ” истифода шуда, аммо дар осори таърихии [1; 2] устод ба чашм нарасид. Ин нукта бори дигар собит мекунад, ки он яке аз исмҳои сохтаи каммаҳсул ҳисобида мешудааст: …он ғавси муборакдами маймунқадам дар шаъни ин ниҳоли гулшани иқбол низ дархости тараффуъ ва ҷоҳ аз **даргоҳи**

ҳазрати Илоҳ намуда, навиди иёлати додгустарӣ дод [3, 7/12]; -Надонам ба **даргоҳи** илоҳӣ чӣ гуна ношукрӣ карда будаам? [4, 7].

Калимаи **боргоҳ** низ ба ҳамин вазифа танҳо як маротиба ва дар таркиби ибораи "боргоҳи Илоҳӣ [3, 51/98]" ба кор рафтааст, маҷозан ба маънои "хонаи Худо" фаҳмида мешавад, ҳарчанд Худованд ломакон аст, мақсаду мароми гӯянда аз он макон талаби мақсуд аст. Аммо дар баёни Ф.Муҳаммадиев вожаи мазкур танҳо дар таркиби ибораи "даргоҳи Худованд" ба кор рафтааст [10, 46]. Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда **боргоҳ** боре ҳам ба чашм нарасид.

Дар "Туҳфат-ул-хонӣ" агарчи пасванди **-гоҳ**, аз як тараф, бо дигар ҳиссаҳои нутқ васл шуда, исми макон созад, аз ҷониби дигар, воҳиди мазкур аз вожаҳои туркии **курнуш** – *(хам шуда салом кардан, таъзим ба подшоҳ. – А.Б)* ва **чир** барои созмони исмҳои макон хизмат мекунад: …баногоҳ аз тарафи девори шарқии он боргоҳ, ки дарҳои ғурфаҳо ба ҷониби **курнушгоҳ** боз буд, садои туфанги раъдбор бар сомеаи сиғору кибор иброзу изҳор ёфта,… [3, 127/251]; …дар **чиргоҳу** дараҳои алафзори он кӯҳсор қишлоқ намуда, ба рафоҳияти рӯзгор мегузарониданд… [1, 222]; …рӯзи сешанбе салхи моҳи мазкур, ки хусрави ховар аз **чиргаҳи** улкои хитои машриқ оҳанги савории тасхири сипеҳри фирӯзафом намуда… [3, 104/206]. Қиёсу баррасии мо нишон дод, ки вожаҳои туркии **курнуш** танҳо 1 маротиба бо пасванди мазкур истифода шудааст. Аммо вомвожаи туркии **чир** тавассути пасванди **-гоҳ** ва гунаи фонетикии он **-гаҳ** барои созмони исмҳои макон ба таври мувозӣ дар мавридҳои зарурӣ корбаст гардидааст.

**Пасванди -сор** мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ каммаҳсул буда [19, 115], он бо исмҳои конкрети **кӯҳ, шох** [3]; **чашма, санг, ханда** [4; 1] омада, макону фаровониро ифода мекунад. Ҳамчунин пасванди исмсози **-сор** низ дар радифи дигар пасвандҳои забони тоҷикӣ аз маркази диққати забоншиносону донишмандон дур намондааст, ки Шамси Қайси Розӣ дар асари хеш "ал-Муъҷам" зери сарлавҳаи "Ҳарфи шакл ва шабеҳ" роҷеъ ба пасванди **-сор** ба таври зайл қайд мекунад: "Ва он **"син"**-у **"алиф"**-у **"ро"**

аст, ки дар авохири асмо (исмҳо) маънии ташаккулу ташбеҳ диҳад ба чизе, чунонки “шармсор”-у “нагунсор”-у “гурзи говсор” ва ба маънии мавзеъ низ бошад, чунонки “кӯҳсор”-у “рухсор”-у “шохсор” [66, 181]. Дар “Бурҳони қотеъ” пасванди **-сор** чунин тавзеҳ ёфтааст: “**-сор** ба маънии ҷо ва мақом ва маҳал бошад, умуман ва маҳалли бисёрӣ ва анбуҳи чизҳоро гӯянд…” [177, 122].

Агарчи, аз як тараф, пасванди исмсози **-сор** дар забони осори давраҳои қиёсшаванда бо исмҳои конкрети шох+сор [3, 63/121], чашм+сор [4, 246], кӯҳ+сор [3, 267/531] омада, макон ва фаровониро ифода намояд, аз тарафи дигар, он ба охири исмҳои **санг, ханда** ва **шарм** васл шуда, ба онҳо маънои дороӣ ва соҳиб будан ба хусусиятеро ифода мекунад: …ҳар аждаре дар ғоре ва ҳар паланге ба **кӯҳсоре** манзилу макон гирифта буд [3, 60/116]; Он қавми бахтнагуни сияҳрӯзгор ба ҳар тараф, ки саросемавор давиданд, ба ҷуз захми теғи ҷибол ва **сангсори** ғалчаҳои ҷаҳалаи беэътибор хайр дар он кӯҳсор надиданд [3, 267/531; 4, 147].

**Пасванди -зор** яке аз унсурҳои қадимаву каммаҳсул мебошад [121, 221], ки муҳаққиқони дигар низ пасванди мавриди баҳсро аз куҳантарин унсурҳои калимасоз дониста, қайд кардаанд, ки “дар паҳлавӣ бо ҳарфе навишта мешуд, ки мумкин аст ба суратҳои **-чор, -ҷор, -зор** хонда шавад: **коричор, коридор, коризор** ба маънои ҷои ҷанг; форсӣ-корзор” [12, 82-92]. Аз ин рӯ, дар “Ғиёс-ул-луғот” ин унсури калимасоз чунин шарҳ дода шудааст: “**Зор** макони рӯидан ва ба маънои анбуҳӣ ва бисёрии ҳар чиз ва ба маънои макон ва касрат ва анбуҳии чизе…” [176, ҷ.1, 386].

Оид ба пасванди исмсози **-зор** чунин ибрози ақида намудан мумкин аст, ки он ба мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар забони осори давраҳои қиёсшаванда аз исмҳои ифодакунандаи рустанӣ, меваю наботот ва номи ашё дар ташаккули воҳиди луғавии дигаре ҳиссагузорӣ мекунад, ки доираи истифодаи онҳо дар осор якхела нестанд. Аз ин рӯ, дар асари Карминагӣ танҳо исмҳои сохтаи **гулзор** - 4 маротиба, **алафзор** - 4 маротиба, **лолазор** - 1 маротиба, **корзор** - 42 маротиба, **киштзор** - 1 маротиба ва **намакзор** - 1

маротиба вохӯрданд. Дар осори устод Айнӣ бошад, аз нигоҳи калимасозӣ унсури вожасози номбурда сермаҳсултар мебошад, аз ҷумла: **киштзор** - 26 маротиба, **регзор** - 9 маротиба, **гулзор** - 2 маротиба, **сангзор** - 2 маротиба ва **анорзор, анҷирзор, марғзор, олузор, токзор, хорзор, ҳезумзор, шӯразор, чаманзор, шабушкзор** 1 маротиба мавриди истифода қарор гирифтаанд: Ва бисёре аз мардуми Хузор ва улуси манқития амволи худро аз аспу гӯсфанд дар чарогоҳу **алафзори** он ҷамоа гузошта, бо ҳам улфату мухолатат менамуданд [3, 213/424]; …ба онҳо либосҳои палосии ғуломӣ пӯшонида дар **киштзори** худ ба кор андохт [1, 205].

Дар асоси мисолҳо ба мушоҳида расидем, ки дар “Туҳфат-ул-хонӣ” калимаи рехтаи **корзор** 42 маротиба ба маъниҳои *майдони ҷанг:* Дар ин **корзор** теғи зафар дар панҷае нусрат наёфт [3, 47/89, 11/20, 52/100, 64/123]; *ҳарбу қитол*: ...муташаммири **корзор** шудан [3, 23/41, 68/131, 85/168]; Он наҳангони муҳити **корзор** кумайти ҳиммат ба ҷавлон оварда [3, 12/21, 25/46, 62/120, 86/169]; *ҷангу муқотала*: ...шуълаи қаҳру **корзор** [3, 27/50]; ...дар қалъаи Қаршӣ ва ҳисори Нахшаб, ки алъон мавсум ба Шулук аст, даровaрда ба истеъдоди олоти **корзор** ва тайёрии асбоби ҳарбу пайкор муқайяду машғул шуданд [3, 22/40, 13/24, 59/114, 67/130, 84/166], ки маҳалли *касрати кору ҳаракати мардум* (дусор нашуд) аст, истифода шуда, аммо дар осори устод Айнӣ вожаи мазкур тамоман ба чашм нарасид.

Зимнан, **-зор** баъзан бо калимаҳое ҳамроҳ шуда, барои созмони калимаҳои нави сохта ҳиссагузорӣ кардааст, ки онҳо на мафҳуми макон, балки ҷиҳати ифодаи мафҳумҳои маънӣ истифода шудаанд [32, 205-206]. Мисоли чунин вожаи сохта калимаи **корзор** мебошад, ки дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба маънии “ҷанг, муҳориба” шарҳ дода шудааст [179, ҷ.1, 564]. Дар хусуси маънои пасванди **-зор** проф. Ш.Рустамов сухан гуфта, чунин пиндоштааст: “Калимаи **корзор** ҳам дар асл сохта буда, аз решаи **кор** ва пасванди **-зор** иборат мебошад, аммо вай ба қатори исмҳои рехта дохил мешавад, чунки решаи он ба ин маънии аслии худ ҳоло истифода намешавад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ **кор** маънии сипоҳ, лашкар ва ҷангро

ифода намекунад, танҳо шакли дар асл сохтаву ҳоло рехтаи он ба маънии **ҷанг** ва **задухӯрд** омада метавонад” [67, 68]. Аммо Карминагӣ дар асари худ **корзор**ро ба маънҳои майдони ҷанг, ҳарбу китол ва ҷангу муҳориба кор мефармояд ва ин ҳодиса ишорат ба он мекунад, ки маҷрои ба қатори исмҳои рехта дохил шудани **корзор** баъд аз а.XVIII сурат гирифтаасту нисбатан ҳодисаи нав мебошад: Ва аз он рӯ фирақи ашрор низ муташаммири **корзор** шуда, пиёдаву савор рӯйи ҷасорат ба маъракаи разму пайкор оварданд [3, 23/41].

Ва авлод авлоди эшонро батнан баъда батнин ба шарти қабули қобилият ба мансаби обову ҷодаи аҷдод мегузарониданд ва низ далерони корӣ ва **муборизони корзориро**, ки дар майдони набарду мизмори тарҳу тард асарҳо намуда... [3, 228/453]; Агар иноятӣ шаҳриёрӣ ароизи некхоҳонро ба самъи ризо изғо фармоянд, чанде аз сардорони муътабарро бо фавҷе лашкар аз **мардони корзору** наҳангони муҳити разму пайкор фиристанд... [3, 242/482].

Аз мисолҳои дар боло зикршуда ба мушоҳида расид, ки Карминагӣ дар мисоли аввал аз **корзор** ба воситаи пасванди **-ӣ** сифат истифода намуда, дар мисоли дигар бошад, **корзор** чун муродифи сифати нисбии **ҷангӣ** ба кор бурдааст, ки ин яке аз вежагиҳои боризи унсури вожасози номбурда ҳисобида мешавад. Дар осори устод Айнӣ **корзор** бо хусусият ба чашм нарасид.

Ҳиммати дарёнаволи умарои лашкар пойи қалъаро бо сарони ҳазора ва сархайлони юза ва ҷавонони ҷонсупори дар муҳоработ **корзорнамударо** ба хилъатҳои фохир ва ташрифоти муносиб сарафрозӣ бахшид [3, 264/526]. Дар мисоли боло бошад, Карминагӣ вожаи сохтаи **корзор**ро ҳамагӣ як маротиба дар асоси қолаби усули омехта *исм+пасванд+сифати феълӣ* ба кор бурдааст.

Яке аз вежагиҳои фарққунандаи исмҳои сохтаи осори мавриди киёси мо он аст, ки дар осори қиёсшавандаи а.XX исмҳои тавассути пасванди **-зор** сохта, ки аслан дар баробари далолат бар исми макон намудан боз ба фаровонии предмети асосии калима ишорат мекунанд, дар мавридҳои алоҳида дар шакли ҷамъ сурат гирифтаанд. Вале ин падидаи морфологӣ ба

асари а.XVIII характернок намебошад: регзорҳо [4, 278], пахтазорҳо [4, 454], хорзорҳо [4, 217], саксавулзорҳо [4, 3], киштзорҳо [4, 130], марғзорҳо [4, 453]: Убайдуллоҳ деҳаҳо, **киштзорҳо** ва боғҳоро вайрон кард [1, 201]; Дар канори рӯди Ҷилвон аз он **регзорҳо, сангзорҳо** ва **шӯразорҳо**, ки аз аввали ҳикояамон боз тасвир карда омадем, акнун асаре намонда буд [4, 346].

**Пасванди -истон** дар забони даврони мавриди муқоиса дар созмони чанд калимаи сохта ҳисса гузоштааст, ки онҳо чун анъана мафҳуми маконро ифода менамоянд. Метавон гуфт, ки ин унсури вожасоз таърихи беш аз ҳазорсола дорад, ки дар забонҳои эронии бостон дар шакли **stana** ба маънои ҷой дучор меояд ва дар забонҳои миёнаи ғарбиэронӣ ба гунаи пасванди **istan** корбурд мешуд [138, 75].

Воҳидҳои луғавиеро, ки бо ин пасванд сохта шудаанд, А.Ҳумоюнфаррух калимаҳои мураккаб меҳисобад [173, 94-95], ки шубҳанок менамояд. Табиист, ки пасванди **-истон** аслан вожаи мустақил буда, яке аз ҷузъҳои калимаҳои мураккабро ташкил медод, вале ин морфема ҳанӯз дар давраи миёнаи инкишофи забонҳои эронӣ, аз ҷумла тоҷикӣ ҳамчун унсури калимасоз ба шумор мерафт [121, 213; 138, 75].

Аён гашт, ки дар осори муқоисашаванда ин унсури луғавӣ дар ташаккули вожаҳои сохтаи шаҳристон [3, 18/31; 1, 197], гӯристон [3, 102/201], зимистон [3, 54/104; 1, 255, 255, 260, 260, 260] ҳиссагузорӣ кардааст: Шерони **найистони** шуҷоат, ки сурати ҷуръати он хоксорон дар ғароқоти ҳамийят диданд… [3, 106/210]; …**бӯстони** миллат ва **чаманистони** маърифатро тароват доданӣ буданд... [2, 127].

Ба ҳамин васила, пасванди номбурда дар осори муқоисашаванда мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ бо вожаҳои гуногун ҳамроҳ шуда, топоним сохтааст. Чунончи, дар мисолҳои зерин номҳои ҷуғрофии Регистон [3, 286/570; 2, 251; 1, 196], Бӯстон [3, 284/566], Систон [3, 98/185], Тахористон [1, 206], Гурҷистон [3, 19/34], Туркистон [3, 28/52; 2, 259; 1, 261], Табаристон [1, 277] истифода гардидаанд: ...тамомии сутуҳи майдони **Регистон** ва дарбори ҳазрати хилофатмаконро аз касрати ҳуҷуму ғалаба мамлуву машҳун

месохтанд... [3, 126/249]; ...бо вуҷуди ин рақибони банӣ Умайя наметавонистанд аз **Арабистон** ва Ироқ ба муқобили онҳо қувваи муташаккиле тайёр кунанд... [1, 212].

**Пасванди -када.** Дигар пасванди каммаҳсули исмсози осори мавриди омӯзиш **-када** аст, ки он чун анъана исми макон месозад: оташкада [3, 123/244], зиёфаткада [3, 255/508].

Бояд қайд намуд, ки пасванди мазкур дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ низ каммаҳсул буда, аслан, аз исмҳои конкрету маънӣ исми макон месохтааст: **майкада, буткада, оташкада, ғамкада, девкада, донишкада, ваҳшаткада** ва **зиёраткада** [174, с.98]. Забоншинос М.Олимҷонов зимни пажуҳиши калимаҳои сохта дар осори Бедил оид ба имкониятҳои калимасозии пасвандҳои **-гоҳ, -истон, -зор, -сор, -бор, -ина** сухан гуфта, инчунин сермаҳсул будани **-када**ро дар ашъори Бедил, мисли **таҳайюркада, таваҳҳумкада, ҷунункада, ҳаловаткада** таъкид намудааст [61, с.354-358]. Аммо дар осори қиёсшавандаи устод Айнӣ боре ҳам вонахӯрд. Ин пасванд дар “Туҳфат-ул-хонӣ” танҳо маротибае бо вомвожаи арабии **зиёфат** омада, исми макон сохтааст, ки бо ин шакл ва маънӣ дар дигар осори пешину пасин ба чашм нарасид: …ба пойи хизмат бар сари шелон *(хони таъом, зиёфат – А.Б.)* ва **зиёфаткада** истода, анвои атъима ва ширабор ҳозир карда, …ба он қавми номдор расониданд [3, 255/508].

Ин калима на дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” [179] ва на дар “Луғатнома”-и Деҳхудо [185] ва на дар “Фарҳанги форсӣ”-и Муин [186] пайдо нагардид.

Исми сохтаи **оташкада** ҳамагӣ 2 маротиба ба чашм расид, ки ба маънии **оташдон, алавхона** баромад мекунад [179, ҷ.1, 935]: …сипоҳи пургирудори фирақи ашрор низ дар қурби ҷавори давлати рифъатмадор машъали шарорат ва **оташкадаи** адоват афрӯхта... [3, 92/182].

### I.2.2. Калимасозии исм бо пасвандҳои ифодагари шахсу ғайришахс

Қиёсу муқобалаи мо аз он дарак медиҳад, ки дар осори мавриди таҳқиқ барои созмони калимаҳои сохтаи ифодагари шахс як силсила унсурҳои

вожасозе истифода шудаанд, ки онҳо бо вуҷуди дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ мавҷуд буданашон аз нуқтаи назари нақши худ дар калимасозӣ фарқ мекунанд, яъне бархе аз онҳо фаъоланд, бархе дигар, баръакс, ба гурӯҳи пасвандҳои ғайрифаъол дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳ чунин пасвандҳои калимасоз, аз қабили **-гар, -бон, -чӣ**, **-гор, -вар** ва **-бор** дохил мешаванд.

**Пасванди -гар**. Мусаллам аст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ пасванди **-гар** яке аз унсурҳои фаъоли калимасоз ба ҳисоб рафта [19, 75; 124, 53], роҷеъ ба унсури вожасози мазкур Ш.Ниёзӣ чунин нигоштааст: “Пасванди “-гар” пасванди камистеъмол аст. Ба воситаи ба исм илова кардани ин пасванд номи шахс сохта мешавад, ки он соҳаи машғулият, касбу кор, вазъияти иҷтимоӣ, хислат ва кирдори шахсро ифода мекунад: оҳангар, коргар ва ғ.” [55, 20]. Бино бар таъкиди проф. М.Қосимова, он исме месозад, ки мансуби шахс аст [36, 347]. Аммо акад. М.Шакурӣ дар хусуси саҳми ин унсури вожасоз сухан гуфта, қайд кардааст, ки “…имконоти **-гар** дар калимасозӣ гӯё ҳадду канор надорад. Бо **-гар** аз навъҳои гуногуни калимаҳо калимаи нав сохтан мумкин аст. Ин барои сарватафзоии забон имконоти фаровоне фароҳам меорад” [108, 172]. Ногуфта намонад, ки унсури вожасози номбурда дар адабиёти илмӣ ва рисолаҳову мақолоти ҷудогона низ ҳамчун яке аз пасвандҳои серистеъмоли исмсоз қаламдод шудааст [ниг.ба: 129, 47-55; 133, 183-184; 89, 294; 19, 111; 70, 127-128; 126, 88-94; 56, 31; 58, 16; 11, 32; 16, 42; 9, 179; 17, 32].

Гузашта аз ин, дар Грамматикаи академӣ оварда мешавад, ки “суффикси **-гар** дар исмсозӣ сермаҳсул буда, исмҳои шахс месозад, ки маъноҳои гуногун доранд: 1) аз исмҳои конкрет исмҳои шахс месозад, ки касбу ҳунарро мефаҳмонанд: **шишагар, шамшергар, чармгар, сӯзангар, суратгар, ҳалвогар, оҳангар, наългар, мисгар** ва ғайра” [19, 111; 13, 118].

Маводи фактологии а.XVIII аз он дарак медиҳад, ки пасванди номбурда яке аз унсурҳои калимасози каммаҳсул маҳсуб гашта, он ҳамагӣ бо якчанд исм, ба мисли **оҳан** (1 маротиба), **кор** (1 маротиба) ва **ҷилва** (11 маротиба) исмҳо сохтааст: Чун қалъаи Дизах дар камоли рифъату матонат буд ва

ҳарчанд тӯпу аррода ба девори сангини ӯ заданд, **коргар наёмад** [3, 198/394]; Ва фазои маърази тамошо аз шиддати шарораи нор ва касрати ғалабаи духон чун кӯраи **оҳангарон** даргузор меомад [3, 126/249].

Зоҳиран, дар мисоли фавқ калимаи сохтаи **коргар** дар таркиби феъли номӣ омада, маҷозан, ифодагари маъниҳои **судманд наёмадан**; **бефоида гаштан** мебошад. Ҳол он ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ вожаи мазкур далолат ба касбу кор ва шуғли шахсӣ мекунад. Ҳамчунин, муҳаққиқи забони достони “Сиёвуш”-и “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ Д.Н. Акбарова дар мақолаи хеш роҷеъ ба вежагиҳои вожасозии пасванди **-гар** сухан гуфта, пиндоштааст: “Вожаи **коргар**, ки шахсро аз рӯйи фаъолияташ ифода мекунад дар достони “Сиёвуш” ҳамагӣ ду маротиба истифода шуда, маҷозан, ба маънои “таъсирбахш”, “муассир” омадааст:

Нагардад чунин оҳан аз об тар,
На оташ бар ӯ-бар бувад **коргар**” [9, с.181].

Ба ҳамин тариқ, унсури калимасози номбурда бо исми маънии **ҷилва** омада, вожаи сохтаро ташкил намудааст. Бояд гуфт, ки **ҷилвагар** дар ҳама маврид дар ташаккули феъли таркибии номӣ бо феълҳои ёвари **омадан** (8 маротиба), **шудан** (1 маротиба) ва **сохтан** (2 маротиба) мавриди истифода қарор гирифтааст: ....то наййири иқболи кадомин давлати пойдор аз ҳиҷоби тавориву макмани астор ба саропардаи зуҳуру иштиҳор **ҷилвагар** ояд ва ахтари саодати кадом муштарихосият аз фалаки эътибор ба уфуқи рӯзгор чеҳра кушояд... [3, 45/85].

Дар осори мавриди қиёси [1; 2] а.XX, ба мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, **-гар** яке аз пасвандҳои сермаҳсул буда, дар маҷмуъ 31 маротиба ҷиҳати сохтани исмҳо истифода шудааст: мисгар [1, 123, 123], ҷилвагар [1, 146], ҷавобгар [1, 152], ҷодугар [1, 236, 236], исёнгар [1, 207], шӯришгар [1, 207, 243, 282], заргар [1, 198], коргар [1, 211, 271, 271, 271, 271], савдогар [1, 197, 198, 198; 2, 170, 196, 196, 196, 200, 200], истилогар [1, 205, 214, 231], дуредгар [1, 198], тороҷгар [1, 228], фиребгар [2, 144]: … аз тамоми аҳволи дарунии ӯ ва **истилогарони** араб воқиф шуда буд.… [2, 205].

**Пасванди -бон** аслан калимаи мустақил буда, аз решаи **-рā** маншаъ гирифтааст, ки маънои **ҳифз кардан**ро дошт [121, 210] ва дар давраи миёнаи инкишофи забонҳои эронӣ [113, с.22] чун морфемаи ёрирасон истифода мешуд.

Дар осори мавриди баҳси мо унсури вожасози номбурда ба калимаҳое ҳамроҳ гардида, вожагони нави ифодакунандаи шахс сохтааст, ки онҳо касбу кор ва машғулиятро ифода менамоянд. Дар асоси мисолҳои ҷамъшуда ба мушоҳида расид, ки бо ёрии ин пасванд дар забони осори давраҳои қиёсшаванда ҷамъулҷамъ панҷмаротибагӣ калимаҳои сохта ташаккул ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки дар асари таърихии а.XVIII пасванди номбурда танҳо як маротиба бо исми ҷондори ғайришахс омада, воҳиди луғавии дигаре месозад, ки он ҳам ба маънии маҷозӣ истифода шудааст: Аз асокири мансура ҳар баҳодуре, ки се сар меовард, ба назари хоси ҳазрати комгории салтанатшиор манзур сохта, навозиши шоҳона меёфт, то ки аз **сагбонони** давлати комрон шахсеро баста овард ва аз илтифоти олиҷоҳӣ сарафроз гардид... [3, 208/413].

Ба ҳамин минвол, дар осори устод Айнӣ бошад, унсури вожасози номбурда мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ сермаҳсул буда, як қатор исмҳои сохта ба кор бурда шудаанд, аз ҷумла соябон [1, 197], осиёбон [1, 199], мизбон [1, 220], дарбон [1, 223], посбон [1, 270]; саройбон [4, 69], ҳайвонбон [4, 443], анборбон [4, 472], дидбон [4, 370], нардбон [4, 368], посбон [4, 330], боғбон [4, 465]: Абумуслим дар ин меҳмонӣ ба **мизбони** худ розӣ сиёсии худро кушода... [1, 220].

Чун анъана ва аз рӯйи қоидаи забон дар осори мавриди назари ҳар ду аср пасванди **-бон** ба исм ҳамроҳ гардида, исмҳои нави ифодакунандаи номи ашёро ташаккул додааст: Пиёдаву савора ба теғу тир ба сӯрохи девор муқайяд шуда, баъзе **нардбонҳо** бар кунгураи он қалъа ниҳоданд ва ба қадами суръату чолокӣ бар фарози ҳисор баромада [3, 134/265, 152/301]; ...пардаҳои пеши хайма ва пардаҳое, ки ба ҷойи **соябон** дар рӯйи ҳавлӣ ба

тарзи сақф мекашанд... [1, 197]; Дуруст, - гуфт як камбағали дигар, - як **нардбон** ёфтан даркор аст... [4, 368].

Зимни пажуҳиш маълум шуд, ки Карминагӣ аз вомвожаи туркии **бош**=сар тавассути пасванди **-бон** як маротиба исми сохтаи ифодагари шуғл ва касб сохтааст, вале ҳодисаи мазкур дар осори устод Айнӣ дучор нашуд: Ва аз ҷониби Қубодиён умарои наймону дурмон бо элу **бошбон** ва **саргурӯҳони** худ пешкашҳои муносиб бардошта, ба хокбӯси остони рифъатбунён шитофтанд [3, 240/478].

**Пасванди -чӣ.** Бино бар пиндошт ва тахмини бархе аз муҳаққиқин дар марҳилаҳои гуногуни таърихи забони тоҷикӣ гӯё ду пасванди **-чӣ** арзи вуҷуд кардааст: яке пасванде, ки аз забонҳои туркӣ ба забони тоҷикӣ дар давраҳои хеле қадим иқтибос шудааст; дигаре пасванде, ки аслан решаи эронӣ дошта, дар порсии миёна шаклҳои **-chig** ва **-chik**ро дошт [121, 211]. Аз ин нуқтаи назар, забоншинос Д.Саймиддинов бо овардани далели қотеъ собит намудааст, ки унсури вожасози номбурда аслан ба туркӣ мансубият дошта, дар тули дуру дарози истифодааш, на танҳо дар ин ё он забонҳои алоҳидаи эронӣ, балки дар аксари забонҳои миёнаву (монанди порсии миёна, суғдӣ) нави эронӣ (мисли форсии муосир, дарии Афғонистон), ҳатто яке аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ, яъне арманӣ мавриди истифода қарор доштааст [74, 116-118].

Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда пасванди исмсози **-чӣ** чун воҳиди сермаҳсул ба чашм мерасад. Хусусияти боризи **-чӣ**-и забони асари Карминагӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар ағлаби ҳолат аз вожаҳои туркӣ дар ташаккули исмҳои шахс иштирок мекунад, вале дар осори устод Айнӣ ин вежагӣ кам ба назар мерасад. Бояд тазаккур дод, ки унсури вожасози мазкур дар осори қиёсшаванда [1; 2; 3] аз калимаҳои тоҷикӣ, арабӣ ва туркӣ исм месозад, ки шахсро аз рӯйи касбу кор ва машғулият ифода менамояд:

а) **вожаҳои тоҷикӣ:** туфангчӣ - 7 маротиба [3, 239/475], парвоначӣ - 11 маротиба [3, 287/571 1, 12 – 18 маротиба], ҷазоирчӣ [3, 151/299, 159/315, 239/476], занбӯракчӣ [3, 159/315], удчӣ [3, 226/449, 142/282], тӯпчӣ [3, 238/473, 280/558, 280/558; 1, 132], дарюзачӣ [3, 270/538], чарикчӣ [3,

270/537], пардачӣ [3, 91/179], ҳудайчӣ [2, 211, 216, 242, 242], тӯпчӣ [1, 132], намоишчӣ [1, 161, 161; 2, 190], шӯришчӣ [1, 207, 208, 281, 282, 282; 2, 235, 249], қалёнчӣ [1, 40]: …Шоҳмуҳаммадтӯбчибошӣ, ки низоми умури фавҷи **ҷазоирчӣ** ва туфангандозу **занбӯракчӣ** ва тӯпхонадор дар уҳдаи эҳтимоми ӯ буд... [3, 159/315]; Ҷавоби шароити шуморо ба **дастурхончӣ** ҳалова намудам... [1, 33].

Маълум аст, ки исми сохтаи **шикорчӣ** дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба гурӯҳи исмҳое дохил мешавад, ки шахсро аз рӯйи ихтисос ва касбу ҳунар ифода менамояд [70, 127; 19, 111]. Аммо бояд гуфт, ки дар забони асари Карминагӣ пасванди исмсози **-ӣ** барои созмони **шикорӣ** як маротиба ба вазифаи пасванди **-чӣ** мавриди истифода қарор гирифта, исми сохтаи **шикорчӣ** бошад, танҳо дар асари “Ғуломон”-и устод Айнӣ 1 маротиба ба чашм расид, дар ҳоле ки **шикорӣ** дар ин асар ба ҳайси сифати сохта 2 маротиба истифода шудааст: Барои Ғоиб, Шукур, Иҫтад ва Нормурод бошад, чор милтиқи **шикорӣ** ёфта медиҳам [4, 271, 239]; …**шикориёни** ҳумоюнлақаб дар ахзи мурғобии мақсад ба навъе иштиҳои ёфти қоз доштанд… [3, 64/124]; Ман инҳоро аз сарбозҳои пештара ва аз **шикорчиён** харида гирифта медиҳам [4, 270].

б) **вомвожаҳои арабӣ**: бояд гуфт, ки фақат дар осори таърихии устод Айнӣ аз вожагони арабӣ бо ёрии **-чӣ** як силсила исмҳои сохта ташаккул ёфта, дар асари Карминагӣ боре ҳам дучор нашуданд: нақорачӣ [2, 115], балвочӣ [2, 195, 239], хазиначӣ [1, 110], истиқоматчӣ [1, 103, 103, 104], ихтилолчӣ [1, 165; 2, 113, 240], тайёрачӣ [1, 182], ташкилотчӣ [1, 216], таҳқиқотчӣ [1, 234], ҳисобчӣ [1, 237], таърихчӣ [1, 239, 240, 263, 266, 266, 270], фитначӣ [2, 238], закотчӣ [1, 142, 143; 2, 110], масъалачӣ [2, 55]: ...аҳли дарбор аз машкоб гирифта то **нақорачӣ**, аз ясовул то саис, аз ҳудайчӣ то мирзо ва мулозимони эшон, ба унвони “олуқ” аз ин қозиён пул мегиранд [2, 114]; Ин панҷоҳ нафар уламои мазкур ба ҳамин қабил **истиқоматчӣ** буданд [1, 103].

Дар натиҷаи таҳлили қиёсии мавзуи мазкур маълум шуд, ки устод Айнӣ танҳо ду маротиба унсури вожасози **-чӣ**ро дар таркиби ибораи арабии

**аксулҳаракат** дар сохтани исми нав корбаст намудааст, ки ин вежагӣ яке аз хасоиси бориз ва фарққунанда маҳсуб мегардад: Вақте ки дастаи намоишчиён аз Чорсуи Бухоро ба роҳ даромада, то Хиёбон расида буданд, аз тарафи дигар **аксулҳаракатчиён** низ ба қуввати тамом бархоста... [1, 161, 165].

в) **вомвожаҳои туркӣ;** ҷорчӣ - 6 маротиба [3, 219/435] ва тавочӣ *(шахсе, ки ба расонидани фармони шоҳон вазифадор аст – А.Б.)* [3, 31/57, 117/231, 156/309, 2, 105], қӯрчӣ *(сипоҳдор – А.Б.),* кемачӣ=киштӣ *(киштибон – А.Б.)* [3, 291/580], ӯрунчӣ [3, 130/258, 150/298, 164/325, 167/331, 230/458], бошчӣ *(сардор – А.Б)* [3, 207/411], элчӣ *(расул, чопар – А.Б)* [3, 291/580; 2, 223]: …Шайхназарбаҳодур ва дигар **бошчиёни** ҳазора ва сада ва даҳа, ки зикри асомеи эшон муҷиби атноби таърих аст... [3, 207/411]; …**ҷорчиёнро** фармон дод, ки… халоиқро аз турку тоҷик ва аъробу аҳшом ахбору эълом намоянд [3, 33/61]; Мазмуни фармон дар бозорҳои туманот ва вилоёт ба воситаи **ҷорчиён** – мунодиён ба умуми аҳолӣ эълo карда шуд... [2, 105].

Қайд бояд намуд, ки Карминагӣ **элчи**ро, дар маҷмуъ, 30 маротиба корбаст намудааст ва ин исми сохта яке аз вожагони калидӣ маҳсуб мешавад. Ҳини пажуҳиш аён гашт, ки устод Айнӣ вожаи сохтаи **элчӣ**ро дар [1] 20м. Ва дар [2] 81м. 101 мавриди истифода қарор додааст, ки аз он 94 маротиба дар таркиби исми **элчихона** омадааст, ки он дар асари Карминагӣ тамоман дучор нашуд: ...дар мунтасафи моҳи мазкур **элчӣ** ба дарбори кайвонмадор омада, иззи бисотбӯс ёфт [3, 140/278]; Алъон ман аз зуҳури элчӣ омадам [2, 190, 72, 145, 178, 189, 190, 223].

**Пасванди -гор.** Қобили зикр аст, ки пасванди **-гор** ба **gar**-*и* забони порсии миёна мерасад [121, 212-213]. Зимни таҳқиқ аён гашт, ки дар асари таърихии а.XVIII бо ёрии пасванди **-гор** ҳамагӣ як маротиба аз асоси замони гузаштаи феъл **хост** исме сохта мешавад, ки шахсро аз рӯйи ихтисосу машғулият ифода менамояд [27, 140; 19, 112; 124, 55]. Аммо дар осори мавриди қиёси а.XX бошад, танҳо фурӯшгор [4, 69, 217, 273] ба назар расид: Подшоҳи наҷобатпаноҳ низ аз раъйи дурандеши амири сутудахисол иттилоъ

ёфта, аз ӯ **хостгор** ва хотимати хусрону вубол мусташъар шуд [3, 35/65]; Пас аз пул бароварда шумурда додани бой боз даллол ҳар ду дастҳои харидор ва **фурӯшгорро** бо пул ба ҳам пайванд дода... [4, 69].

Ба ҳамин тариқ, дар насри бадеии устод Айнӣ унсури вожасози номбурда аз сифати феълӣ исми сохтаи нави маъниро месозад. Лек дар асари Карминагӣ ин гуна ҳодиса дида нашуд: ...ба тарафи Қаршӣ **рафтагор** буданд, ба тарзи амонат супурд [4, 32, 118, 467].

Дар осори мавриди омӯзиши мо пасванди номбурда танҳо аз исмҳои маънии **мадад** ва **хидмат** исмҳои дигаре месозад, ки шахсро аз рӯйи амалиёту машғулияташ мефаҳмонанд: Аммо зоти шариф ва унсури латифи эшонро ҷуз зилли ҳумои саодати азалӣ боре не ва дар ҷараёни ҳаводиси айём ҷуз инояти лам язалӣ **мададгоре** не [3, 58/111; 4, 10]; ...барои **хизматгоронаш** "инсоф" ва итоат, барои гумоштагонаш, ки ба ғуломфурӯшӣ рафтаанд... [4, 34; 2, 184].

**Пасванди -вар** аз **bara**-и эронии бостон маншаъ гирифтааст, ки маънояш **бурдан** буда, мафҳуми моликиятро ифода мекунад (муқ. форсии бостон arštibara - найзадор, найзабардор) [138, 74]. Дар Грамматикаи академӣ оид ба унсури луғавии номбурда навишта шудааст, ки "суффикси **-вар** каммаҳсул буда, аз исмҳо сифате месозад, ки ба аломат ё хислате соҳиб будани предметро мефаҳмонад" [19, 143]. Метавон чунин гуфт, ки дар забони таърихномаи а.XVIII пасванди **-вар** дар ташаккули исмҳои сохта мавриди истифода қарор гирифта, аммо дар забони осори устод Айнӣ он танҳо ҷиҳати созмони исмҳои сохтаи **пешавар, баҳравар** ва **шуълавар** корбаст шудааст. Аз ин рӯ, пасванди **-вар** дар осори устод Айнӣ аз унсурҳои калимасози каммаҳсул ба ҳисоб меравад.

Дар "Туҳфат-ул-хонӣ" пасванди номбурда бо калимаи **ҷон** ҳамроҳ гардида, исми **ҷонвар,** вале бо вожаи **бор** замима шуда, дар таркиби феъл, яъне **борвар гардидан** омадааст: ...мисли як тӯқуз ғулом ва ҷорияи қалмоқ ва як тӯқуз **ҷонвар** аз шунқору шоҳину боз ва чанд даст найза ва асби тулфор...

[3, 206/409]; ...то ба муқтазои танокиҳу! таносилу! нахли умед самараи мурод **борвар гардад...** [3, 220/437].

Ба ҷуз ин, муаллифи асари а.XVIII аз сифати феълии **дида** ва унсури вожасози **-вар** дар ду маврид исм сохтааст: ...ройгон дар канори маснади эҳтирому мукнат нанишаст ва бо ҳар **дидаваре** бедории садамати тумтароқи ҳаводиси рӯзгор ба назари эътибор надид... [3, 88/173]; Эли бурқут ва Тағоймуродбий бо **мардуми дидавари** он вило дар хонаи хавфу даҳшат ва дар маъракаи ваҳму хашийят нишастанд... [3, 120/238].

**Пасванди -бор.** Яке аз пасвандҳои каммаҳсули асари Карминагӣ **-бор** буда, он танҳо 1 маротиба корбаст гардида, аммо дар осори устод Айнӣ боре ҳам унсури вожасози мазкур ба чашм нарасид: …ба пойи хизмат бар сари шелон *(хони таъом, зиёфат – А.Б.)* ва зиёфаткада истода, анвои атъима ва **ширабор** ҳозир карда, …ба он қавми номдор расониданд [3, 255/508].

### I.2.3. Калимасозии исм бо пасвандҳои ифодагари маънӣ

Маъмулан, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ як силсила пасвандҳо аз ҳиссаҳои дигари номии нутқ исмҳои маънӣ месозанд. Ба ин гурӯҳи унсурҳои калимасоз пасвандҳои **-ӣ, -гарӣ, -иш, -ор, - ворӣ, -гор, -о, -гонӣ, -ос/-ас** дохил мешаванд [19, 115]. Ҳамаи пасвандҳо дар ташаккули калимаҳои сохта мақоми ягона надошта, балки иддае аз онҳо сермаҳсул, қисми дигар каммаҳсул ё бемаҳсул мебошанд.

**Пасванди -ӣ (-гӣ).** Дар қатори пасвандҳои дигари фаъоли забони тоҷикӣ унсури вожасози **-ӣ (-гӣ)** дар забони осори давраҳои мавриди қиёс аз нуқтаи назари корбурд ва дараҷаи истифода дорои вежагиҳои ба худ хос буда, доир ба корбурду мақом ва арзиши он дар илми забоншиносии тоҷикӣ андешаҳои гуногун ироа шудааст [73, 127-131]. Забоншиносон В.С. Расторгуева ва Е.К. Молчанова қайд мекунанд, ки дар забони форсии миёна пасвандҳои исмҳои абстрактсози **-ih**, номи амалсози -išn, сифатсози -ig, -ōmand, -en, исмҳои шахсози -ār (-tār), -gār, -gar, -bon, -bed ва ҳамчунин суффикси -ag... аз пасвандҳои сермаҳсули ин забон буданд [138, 66]. Вобаста ба ин “вазифаҳо”-и **-ӣ (-гӣ)** бояд гуфт, ки он таърихан як пасванд набуда,

балки ду унсури калимасозе маҳсуб мешуд, ки яке дар бунёди исмҳои маънӣ, дувумӣ дар ташаккули сифатҳои нисбӣ мавриди истифода қарор дошт” [138, 66-67].

Дар ташаккули исмҳои сохтаи маънии осори муқоисашаванда пасванди **-ӣ** ҳиссагузорӣ карда, он, асосан, ба калимаҳои аслии тоҷикӣ ҳамроҳ гардида, исмҳои нав сохтааст, аммо мавридҳои ба вожаҳои арабиасл ва туркиасл илова ва сохта шудани воҳидҳои нави луғавӣ низ кам нест. Унсури вожасози номбурда дар забони осори давраҳои қиёсшаванда низ яке аз пасвандҳои исмсози маънии сермаҳсул ва фаъол буда, аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ, аз ҷумла исм, сифат, масдар, феъл ва зарф вожагони наве месозад [ниг.ба замимаи № 1.2.3.].

**Пасванди -шан.** Фактҳои забонии осори қиёсшаванда нишон медиҳанд, ки пасванди **-шан** танҳо бо калимаи **гул** (20 маротиба) корбаст шудааст. Ин унсури вожасоз танҳо дар асари Карминагӣ истифода шуда, аммо дар осори устод Айнӣ ба назар нарасид: Чун масофати маъруфи байналаном тай ёфт, он ғавси *(кумакрасон – А.Б.)* муборакдами маймунқадам дар шаъни ин ниҳоли **гулшани** иқбол низ дархости тараффуъ ва ҷоҳ аз даргоҳи ҳазрати Илоҳ намуда, навиди иёлати додгустарӣ дод [3, 7/12].

**Пасванди -иш.** Агарчи дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [19, 116] пасванди исмсози **-иш** серистеъмол, вале каммаҳсул зикр шуда бошад ҳам, дар забони осори давраҳои мавриди қиёс ҳам серистеъмол ва ҳам сермаҳсул ба ҳисоб рафта, чун анъана аз асоси замони ҳозираи феъл исми амал месозад: Пас, бояд ки амири бузургвор рафоҳияти ҳоли раоёву даҳоқин ва **оромиши** хотири фуқарову масокинро аз даргоҳи ҳазрати Илоҳ масъалат намоянд [3, 32/59]; Аз садоҳои маҳиби *(тарснок – А.Б.)* тӯпу туфанг ва аз **ғурриши** ҷазоиру сафшикан соиқаи раъду ноираи барқ ба сӯйи афлок мутасоид гашт [3, 20/36]; дар бораи **осойиши** мардум ваъдаҳои худро амалан ба вуҷуд овардан гирифт... [1, 278]; ...дар вақти таклифи қабули ислом ва ё даъват ба масҷид боз исён ва **шӯришҳо** барпо мекарданд [1, 202].

Дар мисоли охир устод Айнӣ исми сохтаи марбутаро дар шакли ҷамъ истифода бурдааст.

Зимнан, пасванди **-иш** дар осори мавриди таҳқиқ низ исмҳое сохтааст, ки онҳо давомнокии амалро ифода мекунанд: равиш [2, 37, 40, 40, 65, 245], гардиш [3, 279/555], ҷунбиш [2, 140; 25/45]: Ҳуҷуми лашкари беповусар чун **гардиши** чархи ахзар дар **ҷунбишу** ҳаракат омада, дар баробари он фаҷараи куффор фавҷ-фавҷ суфуфи мутаволӣ оростанд [3, 25/45]; Ҳукумати Бухоро ба як **равиши** мунтазам ба аксулҳаракати худ давомат мекард... [2, 245].

Дар "Туҳфат-ул-хонӣ" чанд таркиб истифода шудааст, ки дар асоси қолаби асоси замони ҳозираи феъл + пасванди **-иш** + пайвандаки пайвасткунандаи -у + асоси замони ҳозираи феъл + пасванди **-иш** таркиб ёфтаанд: **пурсишу навозиш, осоишу оромиш, тобишу намоиш, кушишу кӯшиш** [3, 129/255]: Баъд аз итмоми қоидаи **пурсишу навозиш** амири комёб ба рӯйи маҷмаи умаро ва мақдами аҳбоб абвоби суруру шодӣ кушода, ҷашни мулукона биёрост [3, 173/344]; Аз тарафайн ғояти **кӯшишу кушиш** ба зуҳур оварда, Шафеи ғалчаро ба зарбаи туфанг аз пой андохтанд [3, 259/516].

**Кӯшишу кушиш** дар асари устод Айнӣ танҳо як маротиба, вале ба гунаи **кӯшишҳо** ва **кушишҳо** дучор шуд: Аммо Абумуслим бо ин ҳама **кӯшишҳо** ва **кушишҳо** ба мақсади ҳақиқии худ нарасид [1, 222].

Шоистаи зикр аст, ки **-иш** дар осори устод Айнӣ аз асоси замони ҳозираи феъл +-он исми сохтаи **тарсониш**ро ташаккул додааст, ки исми сохтаи номбурда дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва дар асари Карминагӣ истифода нагардидааст: Аммо ин таҳдид ва **тарсониши** халифа ҳам ба шӯришчиёни Мовароуннаҳр таъсир накард [1, 282]; ...барои ин ки бача ин ҳаракатро як **тарсониши** хушку холӣ гумон накунад... [4, 19].

Ба назари мо ин ҳодисаро метавон аз вежагиҳои услуби устод Айнӣ қаламдод кард, ки дар натиҷаи таъсири лаҳҷаи Бухоро ба вуқуъ пайвастаасту мисоле аз истифодаи диалектизмҳо дар забони осор мебошад.

**Пасванди -ванд**. Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда танҳо унсурҳои луғавии **пайванд** ва **хешованд** тавассути пасванди **-ванд** сохта

шудаанд, ки ин падида бори дигар аз каммаҳсул будани он дарак медиҳад: ...асари **пайванди** ӯ аз иъзони сарафрозии ин ниҳоли гулшани иқбол зоҳиру ҳувайдо гашт [3, 56/107; 2, 67]; Дар Дашти Қалмоқ дар пеши падару модар ва **хешовандони** худ озодона зиндагонӣ мекард [4, 54, 61, 153, 180, 182, 218; 2, 61].

Дар мисоли дигар муаллифи асари таърихии а.XVIII калимаи мураккаби **абадпайванд**ро созмон додааст. Ҳини омӯзиш маълум гашт, ки ин ҳодисаи морфологӣ ҳамагӣ як маротиба рух додааст: Чун мавҳабати номутаноҳии ин давлати **абадпайвандро** ба нуввоби ҳазрати аъло марҳамат намуда, муҳол аст... [3, 224/445].

**Пасвандҳои -ак** ва **-ча**. Мусаллам аст, ки пасванди муштараки **-ак** дар забони эронии қадим ба гунаи **-a-ka** мустаъмал буд [73, 204]. Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ду пасванд: **-ак**$^1$ ва **-ак**$^2$ мавҷуд аст, ки яке бо асосҳо васл гардида, калимаи нав месозад, дигаре барои ифодаи маънои субъективӣ хизмат мекунад. Дар забони осори таърихии қиёсшаванда унсури вожасози мавриди назар аз пасвандҳои бемаҳсул ба шумор рафта, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, яке аз унсурҳои вожасози сермаҳсул мебошад. Агарчи пасванди **-ак** дар ағлаби ҳолот ба ташаккули исмҳои хурдию навозиш саҳм гузорад, вале дар таърихномаҳои муқоисашаванда ин пасванд ба калимаҳое мисли **нов, савор, мард, каниз** ва **тор** ҳамроҳ гардида, барои сохтани вожагони нав иштирок кардааст. Баёни ин матлаб он аст, ки пасванди **-ак** дар асар боре ҳам дар сохтани исмҳои хурдию навозишӣ дучор нагардид, минҷумла новак [3, 11/20, 20/36, 27/50, 67/130, 95/187, 99/195, 113/224, 130/258, 134/265, 261/519], саворак [3, 114/225], торак [3, 61/118, 61/117, 59/113, 31/57]: Он чи **савораку** давобби хориҷи он қалъа биаҷмаъиҳим дар қайди тасарруфу тороҷи сипоҳи нусратпаноҳ даромад [3, 114/225]; ...гулгунсавори ғунча саропо хӯди зумуррадӣ бар **тораки** нахли мавзун, яъне панҷаҳои гулбун таъбия фармуд... [3, 63/121], ...дар майдони муқобала авзори ҳарбро барпо намуда, ба **новаки** хунрез ва дами шамшеру тир ва саҳому туфанг якдигарӣ аз пой меандохтанд [3, 261/520]; Дар он миёна **канизаке**

буд, ки заҳролуд будани шаробро фаҳмида нанӯшид ва дар кунҷе пинҳон шуда [1, 263, 265, 265, 268]; ...соҳиби “Равзат-ус-сафо” ӯро “**мардаке** бадшакл ва қареҳманзар буд” гуфтааст [1, 237].

Ҳамчунин пасванди **-ча** яке аз морфемаҳои калимасозест, ки сарчашма ва решаи хеле қадима дорад. Ба таъкиди В.С. Расторгуева, ин морфема дар забони форсии миёна ба гунаҳои **-ičak, -čak** ҷиҳати ифодаи хурдиву навозиш истифода мешудааст. Аз ин нуқтаи назар, проф. М.Қосимова нақшу мақоми унсури калимасози мавриди қиёсро дар бунёди калимаҳои нави сохта таҳқиқ намуда, чунин пиндоштааст, ки пасванди **-ча** вежагии духӯра дошта, он метавонад ба ҳайси ҳам пасванди калимасоз, ҳам шаклсоз истифода гардад [33, 156-159]. Забоншинос О.Қосимов зимни таҳқиқи калимаҳои сохтаи “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ қайд мекунад, ки воҳиди номбурда алломорфҳои “-за, -жа, -из, -иза, -изак” дошта, ҳам дар шаклсозӣ ва ҳам дар калимасозӣ иштирок мекунад, вале назар ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар “Шоҳнома” каммаҳсул мебошад [126, 139-140].

Пасванди **-ча** дар таърихномаҳои муқоисашаванда аз пасвандҳои каммаҳсул бошад ҳам, дар ағлаби авқот пасванди номбурда дар осори мо барои шаклсозӣ хизмат мекунад: Аз насими ин муждаи руҳафзо **ғунчаи** омол дар чамани муддаои амири комгор рӯ ба шукуфт оварда, асбоби сафар ва буроқи роҳ муъадду муҳайё фармуд [3, 49/93]; ...маъмурон ин супоришро низ мисли супоришҳои пеш ба **тоқчаи** нисён хоҳанд гузошт [1, 176].

## Хулосаи боби аввал

Ҳамин тавр, категорияи морфологии муайяниву номуайянии исм дар забони осори давраҳои мавриди қиёс, чун анъана тавассути **-е** ва **чанд, ҳеч, баъзе** ва **як, ягон** сурат гирифтааст. Гузашта аз ин, **чанд** дар мавридҳои алоҳида пеш аз исмҳои ҳам артиклдор ва ҳам беартикл истифода гардида, аммо **ягон** ҷиҳати иҷрои ин вазифа дар асари таърихии а.XVIII боре ҳам дучор нашудааст.

Ваҷҳи корбурди аносири ҷамъбандӣ дар осори қиёсшанда якхела нестанд, масалан пасванди **-ҳо** дар [3] 471м. (18%), [1] 1324м. (52%), [2] 760м.

(30%) ва дар маҷмуъ 2555м. (17%)-ро ташкил медиҳад. Ин нишондод бори дигар собит намуд, ки пасванди **-ҳо** дар асари таърихии а.XVIII назар ба дигар унсурҳои ҷамъсоз каммаҳсултар аст. Сабаби ин ҳодиса дар он аст, ки дар асари таърихии а.XVIII [3] дар аксар маврид ҷамъбандии арабӣ ба кор бурда мешавад, масалан ҷамъбандии арабии солим (**-от** ва **-ин**) дар [3] 918м. (64%), [1] 125м. (9%), [2] 391м. (27%) ва дар маҷмуъ 1434м. (10%) ва ҷамъбандии арабии таксир дар [3] 5368м. (78%), [1] 533м. (8%), [2] 1002м. (14%) ва дар умум 6903м. (46%)-ро дарбар гирифтааст.

Унсури ҷамъсозии арабии **-ин** дар "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Кarминагӣ ба чашм нарасида, аммо дар забони осори таърихии устод Айнӣ [1; 2] пасванди номбурда сермаҳсул буда, дар маҷмуъ, ҷиҳати ҷамъбандии 44 калимаи арабӣ (146 маротиба) мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҳамчунин, бо ёрии пасвандҳои шаклсози ҳам тоҷикӣ **-ҳо** ва **-он** (**-ён**) ва ҳам арабии **-от** як қатор исмҳои ҷамъи арабӣ ҷамъулҷамъ шудаанд. Дар натиҷаи гузаронидани усули оморӣ аён гашт, ки ба воситаи аносири ҷамъбандии **-ҳо** 10к. (42%), **-от** 10к. (42%) ва **-он** 4к. (16%) исми ҷамъ дар шакли ҷамъулҷамъ 86 маротиба ба кор бурда шудааст, ки 1%-ро ташкил медиҳад.

Баъзе аз унсурҳои вожасоз, яъне исмсоз сермаъно, муштараквазифа мебошанд, ки дар ташаккули исмҳои сохтаи нав ҳиссагузорӣ мекунанд. Бояд қайд намуд, ки дар осори қиёсшаванда калимаҳои сохтае вомехӯранд, ки дар хазинаи луғавии забони адабии имрӯза нестанд, вале метавонанд аз нав барқарор ва таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикиро ғанӣ гардонанд.

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ МОРФОЛОГИИ СИФАТ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ва XX

## II.1. Категорияи дараҷа дар сифат

Мусаллам аст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ категорияи дараҷаҳои сифат тавассути пасвандҳои **-тар** (қиёсӣ) ва **-тарин** (олӣ) ифода мегардад. Аммо онҳо бо як қатор вежагиҳои хос дар марҳалаи гуногуни рушди таърихии забони мо, алалхусус дар марҳалаи ибтидоии давраи нави таҳаввули забони дарӣ-тоҷикӣ, аз ҳолати имрӯза фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, оид ба таъриху таҳаввули ҳодисаи мазкур чанд тадқиқот рӯйи кор омадаанд [147, 178; 142, 12]. Истифодаи пасвандҳои **-тар** ва **-тарин** дар ифодаи дараҷаи сифат якхела набуда, дар давраҳои гуногуни рушду густариши таърихи забони тоҷикӣ гоҳе фаъол ва гоҳе ғайрифаъол аст. Агар истифодаи васеи чунин воситаҳои грамматикиро муҳаққиқони “Таърихи Систон” ва “Ҳудуд-ул-олам” (а.X) [106, 8] таъкид карда бошанд, пас Г.Камолова қайд мекунад, ки дар забони “Маҷмуъ-ут-таворих” (а.XVI) “дараҷаҳои қиёсӣ ва олии сифат бо пасванди **-тар** ва **-тарин** сохта намешаванд” [125, 22], ки ин иқтибосот дол бар гуфтаҳои болост.

### II.1.1. Ифодаи дараҷаи қиёсии сифат

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дараҷаҳои қиёсӣ ва олӣ бо ду роҳ ифода мешаванд: синтетикӣ ва аналитикӣ. Ба ҳамин васила, метавон гуфт, ки дар забони осори давраҳои мавриди омӯзиш аломати бартарии сифат низ бо ҳамин роҳҳо сурат мегирад, яъне бо ин роҳ ифода гаштани муқоиса он аст, ки предметҳои қиёсшаванда дар ҷумла ҳузур дошта, сифати аслӣ бо ёрии пешояндҳо (хусусан бо пешоянди **аз**) дараҷаи муқоиса месозад [19, 137]. Бо вуҷуди ин, дараҷаи муқоисавии сифат тавассути пасванди **-тар** дар забони осори қиёсии мо дорои якчанд вежагиҳо мебошад ва дар поён баъзеашон матраҳ хоҳанд шуд:

1). Маъмултарин шеваи корбурди дараҷаи бартарии сифат ифодаи он бо пешоянди **аз** маҳсуб шуда, пешоянди мазкур ҳам пеш аз сифати қиёсӣ ва ҳам баъд аз он қарор мегирад: …туҳфаи олии даргоҳи ҷаҳонпаноҳ аз ӯ **беҳтар**

наёфтанд [3, 268/533]; …ба аламҳои аз ҳар чи **шадидтар** ҷони ширинро медоданд [2, 258]; Муқаннаъ ҳам ба қавли муаллифи “Равзат-ус-сафо” Абумуслимро **фозилтар аз** Муҳаммад пайғамбар медонист [1, 231, 242].

2). Маълум аст, ки дараҷаи муқоисавии сифат, дар навбати худ, бартариро ба таври муқоиса ифода мекунад, ки дар осори мавриди қиёс таркибҳои **камтар аз, афзунтар аз** ва **зиёдатар аз** чунин вазифаро адо мекунанд: Ба садамате **афзунтар аз** ҳисоби аҳли шумор мутаваҷҷеҳи арсаи корзор ва мутасаддии разму пайкор шуд [3, 64/123, 39/74]; …ба истеҳкоми қилоъ ва дуруби худ **зиёдатар аз** собиқ иқдому таваҷҷуҳ фармуданд [3, 117/231]; хоҳ инҳоро шумо сад нафар тахмин кунед, хоҳ **зиёдатар аз** он [1, 266].

Ба ҳамин минвол, метавон гуфт, ки дар асари таърихии [2] устод Айнӣ дар асоси қолаби **аз…+зиёдатар** дараҷаи аломати муқоисавии сифат сурат гирифтааст: …ба дараҷот аз тортуқи аҳли амир Абдулаҳад **зиёдатар** аст [2, 115, 56, 68, 114, 117, 122, 248]; …аммо заъфаш аз ман **зиёдатар** буд [2, 222].

3). Дигар он ки дар ҷумла ҳам муқоисакунанда ва ҳам муқоисашаванда мавҷуд мебошанд: …лабу дандони омоли ӯ фирӯзии бахти баланд ва толеи арҷманд монанди шукуфаи баҳорӣ бихандид ва камон ба **писари бузургтар** дод [2, 46, 47]; …дар баъзе қузоту **ҳуккоми бузургтар** мактубҳои хусусӣ карда [2, 145].

Дар ғурраи моҳи рамазони муборак хабари иртиҳоли бародари **амҷади** *(бузургтар - А.Б.)* олиҷоҳӣ аз ин дори пурмалол расида ва боғи ҷону мағзи сари муҳиббонро ошуфта ва халалпазир сохт [3, 177/352]; Хоҷаи мазкур ҷадди **амҷади** мананд [2, 210]; Тӯра фарзанди **аршади** – калонтар, бузургтар [178, 81] ҷаноби олӣ ва мавлонзодаи моён мебошанд… [1, 72].

Бояд гуфт, ки дар ҷумлаҳои боло **амҷад** ва **аршад** бар вазни *афъали* забони арабӣ, ки яке аз воситаҳои ифодаи дараҷаи сифат аст, яъне ифодагари аломати дараҷаи бартарии сифати **бузургтар** мебошанд. Лекин, Карминагӣ нисбат ба устод Айнӣ чунин усулро ба таври васеъ корбаст намудааст. Ба занни қавӣ, иллати чунин ҳодиса таъсири забони арабӣ аст, ки дар он

дарачаҳои қиёсиву олӣ – ҳар ду як сиға доранд ва аз рӯйи қолаби **афъалу, афъалу мин** ва ба сурати тафзилӣ ба кор меравaнд. Истеъмоли ин гуна дарачаи қиёсӣ ва олии забони арабиро муҳаққиқи забони “Таърихи Байҳақӣ” (а.XI) ишора намуда буд: Ва ишорат карданд сӯйи хатиби шаҳр ва ӯ марде пир ва фозил ва **асан(н)** *(яъне ба син калонтар, солмандтар – О.С.)* ва ҷаҳонгашта буд… [80, 54-18].

4). Чун анъана, ки он мутобиқ ба қоидаҳои грамматикии забон мебошад, дар ҷумла аломати ҳамон як предмет дар вақтҳои гуногун муқоиса карда мешавад. Ин вежагӣ дар он зоҳир мешавад, ки сифатҳои дараҷаи қиёсии осори мавриди омӯзиш ба ҳайси ҳиссаи номии феъли таркибӣ меоянд: …ҳар киро инсофу диёнат бештар, дуои гӯшанишинон дар ҳаққи ӯ лозиму **мутаассиртар** аст [3, 133/263]; ...мо **муътабартар** будани ривоятҳои ӯро дар бораи воқеаҳои Муқаннаъ дар боло қайд кардем [1, 264].

Гузашта аз ин, мо дар ин қисмати рисола тасмим гирифтем, ки вежагиҳои морфологӣ ва воситаҳои грамматикии ифодаи дараҷаи муқоисавии сифати аслие, ки ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [19] ва ҳам дар забони осори қиёсшавандаи [1; 2; 4] устод Айнӣ ба кор бурда шудаанд, дида баромада, баъзе хусусиятҳои боризи онҳоро ироа карда бошем:

а). Мусаллам аст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дараҷаи бартарии сифат “баъзе калимаю таркибҳои таъкидӣ қабул мекунад” [19, 135], ки дар ин ҳол аломати ашё пурқувваттар ифода мегардад:

-зарфи **боз** ва ҳиссачаи **ҳам**: ...муомилаи сардорон ва аскарони арабҳои истилогар боз ҳам **беномусонатар**, боз ҳам **бешармонатар** ва боз ҳам **ваҳшиёнатар** буд [1, 268]; …муомилаи аскарони ғолибомадаи араб боз ҳам **бадтар** мешуд [1, 268];

- калимаи **ҳазор бор**: …марги дафъиро **ҳазор бор беҳтар** аз он ҳоли асафиштимол медонистам [2, 208];

- пешоянди **аз**+**аввал(а)**+ҳиссачаи **ҳам**: Алӣ пешкашҳои **аз аввала ҳам зиёдтар** бурда, халифаро боз ҳам **хурсандтар** кард [1, 279]; ...интизоми

мадрасаҳо **аз аввал ҳам барбодтар** шуд... [2, 56]; ...маъхазҳои **аз аввал калонтар** дод... [2, 249].

б). Маълум аст, ки ифодаи дараҷаи бартарии сифат метавонад дар як вақт бо ду воситаи грамматикӣ, яъне бо пешоянди **аз** ва пасоянди **дида** сурат гирад. Ҷараёни таҳқиқот нишон дод, ки ин гуна восита танҳо як маротиба дар асари [1] устод Айнӣ ба кор бурда шудааст: Азбаски Муқаннаъро марвазӣ, яъне марвӣ мешуморанд, бояд ин деҳа **аз** Балх **дида** ба Марв **наздиктар** ва аз ҷумлаи деҳоти вай бошад [1, 233].

в). Ҳамчунин, дар осори [1; 4] устод Айнӣ мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дараҷаи бартарии сифат ба воситаи пешояндҳои таркибии **нисбат ба** ва **назар ба** ифода шудааст: Зеро Маҳдӣ **нисбат ба** Мансур **бетаҷрибатар** ва **сустиродатар** буд [1, 241]; Насрулло-қушбегиро, ки **назар ба** маъмурони дигараш **муътадилтар** буд, аз сари кор ронда… [4, 187].

г). Ифодаи муқоиса бо зарфи нисбатан [19, 138]: нисбатан осонтар [1, 215]: Чунки Алавиён умуман сода, дар ҳукмронӣ **нисбатан суст** ва **бетаҷриба** буда... [1, 216].

**Дараҷаи корбурди пасванди -тар дар забони осори давраҳои қиёсшаванда [ниг. ба замимаҳои № 2.1.1 (а) ва (б)]**

| **Сарчашмаҳо** | **Сифатҳои аслӣ+тар** | **%** | **Сарчашмаҳо** | **Дараҷаи корбурд** | **%** |
|---|---|---|---|---|---|
| XVIII | 5 | 9% | XVIII | 5 | 7% |
| XX(1) | 23 | 41% | XX(1) | 30 | 40% |
| XX(2) | 28 | 50% | XX(2) | 40 | 53% |
| **R – дар умум** | **56** | | **R – дар умум** | **75** | |






Ҳамчунин, дар забони осори давраҳои қиёсшаванда пасванди **-тар** барои ифодаи дараҷаи қиёсии зарф ва шумораи тахминӣ дар маҷмуъ 161м. аз он [3] 45м. (28%), [1] 89м. (55%) ва [2] 27м. (17%) мавриди истифода қарор гирифтааст, ки 68%-ро ташкил додааст. Аммо пасванди номбурда ҷиҳати ифодаи дараҷаи бартарии сифат ҳамагӣ 75м. (32%) омадааст.

### II.1.2. Ифодаи дараҷаи олии сифат

Бояд қайд намуд, ки дараҷаи олии сифат дар осори мавриди таҳқиқ чун анъана тавассути пасванди **-тарин** сурат гирифтааст. Дар натиҷаи мушоҳидаву таҳқиқ ва омӯзиши осори илмӣ-таърихии давраи гуногун маълум гашт, ки таърихан дараҷаи истифодаи пасванди **-тарин** нисбат ба пасванди **-тар** маҳдудтар мебошад. Ин ҳодисаро муҳаққиқони осори таърихии пешин ҳам қайд намудаанд. В.С. Расторгуева ақида дорад, ки пасванди **-тарин** хоси забони адабии тоҷикӣ буда, дар шеваҳо дучор намеояд [137, 59; 80, 60; 30, 22]. Тазаккур медиҳем, ки пасванди -**тарин** дар асари таърихии Карминагӣ танҳо дар ду маврид, аз ҷумла **камтарин** бандагон [3, 6/9], **мақҳуртарини** мардумон [3, 21/38] истифода шуда, аммо осори қиёсии устод Айнӣ он дар сохтани дараҷаи олии сифат хеле фаровон буда, дар таркибҳои **беҳтарин** ва **одилтарин** подшоҳон [1, 23], **беҳтарини** ашхосон [1, 144], **машҳуртарин** фасеҳон ва адибон [1, 227], **муҳтарамтарин** аҳолӣ [2, 111], **азизтарину гиромитарин** айём [2, 151], **беҳтарин** маъмурон [2, 117] ва ғ. корбаст мешавад: Мурвист аз ҳазрати Рисолатпаноҳ (с), ки ақбаҳи асмо дар рӯзи қиёмат "малику-л-амлок" аст ва соҳиби ин ном **мақҳуртарин мардумон** [3, 21/38]; **Муътабартарини** манбаъҳо дар бораи воқеаҳои Муқаннаъ нусхаи аслии арабии "Таърихи Наршахӣ " мебошад [1, 258]; ...баъд аз мусла кардан (буридани гӯш ва бинӣ) ба **ақбаҳтарин** ваҷҳе куштанд [1, 107]; ....**шадидтарин** аҳли балво шуда [2, 194]; Дар рӯзи балво ин мард **ашадтарини** шариатхоҳон буд [2, 203];

Дар асоси далелҳои боло метавон ибрози ақида намуд, ки устод Айнӣ барои ифодаи дараҷаи олии сифат **шадидтарин** ва **ашадтарин**-ро ба кор бурдааст, ки мисоли дуюм ҳам қолаби дараҷаи қиёсии арабии **афъал** ва ҳам

пасванди шаклсози тоҷикӣ, яъне **-тарин** сурат гирифтааст. Ин падидаи морфологӣ яке аз вежагиҳои фарқкунандаи ҳам забони асари таърихии Карминагӣ ва ҳам забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҳисобида мешавад.

Аз рӯйи мушоҳидаҳои ҷузъии мо метавон як нуктаи муҳимро қайд намуд, ки дар осори қиёсии устод Айнӣ, чун анъана ба воситаи пасванди **-тарин** аз сифатҳои аслии тоҷикӣ дараҷаи олии сифат шакл гирифтааст. беҳ**тарин** ва одил**тарин** подшоҳон [1, 23], кам**тарин** [1, 40], бад**тарин** ҳолат [1, 56, 122], бузург**тарин** ҳуқуқ [2, 254], сахт**тарин** азоб [2, 207], бисёр**тарини** муаррихон [1, 126], беш**тарин** вилоятҳо [1, 202]: Насруллоҳбий **беҳтарин** маъмурони бузурги аҳди амир Олимхон буд [2, 117].

Ҳамчунин, аз сифатҳои сохта ва мураккаби аслии тоҷикӣ ифодаи дараҷаи мазкур сурат гирифтааст: гиромии**тарин** айём [2, 151], бечора**тарин** раоё [1, 140], пастпоя**тарини** маъмурин [1, 138]: ...раҳмдил**тарини** амирони манғития Абдулаҳад аст [1, 122].

Дар осори мавриди омӯзиши устод Айнӣ бо ёрии **-тарин** аз калимаҳои арабӣ, низ дараҷаи олии сифат шакл гирифтааст: муҳтарам**тарин** аҳолӣ [1, 141; 2, 111], фақир**тарин** эл [1, 143], мушкил**тарини** ин ҳолот [1, 133], қави**тарини** подшоҳон [1, 100], мулло**тарини** амсолаш [1, 114], азиз**тарин**... айём [2, 151], лазиз**тарин** орзу [2, 207], муташаххис**тарин** тараққипарварон [2, 173]: ...яке аз ташвиқкунандагон ба намоиш ва мусир**тарин**ислоҳотхоҳон ҳамин Саълӣ-махдум буд [2, 195].

Ғайр аз ин, ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва ҳам дар осори пешин, аз ҷумла: “Таърихи Байҳақӣ” (а.XI) [80] ва “Бадоеъ-ул-вақоеъ” [а.XVI] [106] бо роҳи аналитикӣ шакл гирифтани дараҷаи олии сифат, яъне “ба ҳам омадани таркибҳои **аз ҳама**, **аз тамоми** ва сифати аслӣ сурат меёбад” [19, 138]. Агар таркибҳои фавқуззикр пеш аз дараҷаҳои оддӣ ва муқоисавӣ оянд, он вақт онҳо барои ифодаи дараҷаи олӣ ширкат меварзанд, ки муаллифони осори қиёсшаванда ин воситаи грамматикиро танҳо якмаротибагӣ дар асоси қолаби *дараҷаи муқоисавӣ+таркиби (аз ҳамаи)+мавсуф:* ...амири олишаън бар фарози маснади комронӣ, ки ӯруни

атоликӣ ва **болотар аз ҳамаи умароcт**, мумтози амсолу ақрон нишаста... [3, 127/251]; *мавсуф+таркиби (аз ҳамаи)+...дараҷаи муқоисавӣ:* ...аёл ва атфолашон бесарпанох монда буданд, ки ин муносибат **аз ҳамаи** фалокатҳо **сахттар** буд [1, 184].

Такя бар мисолҳои боло метавон гуфт, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ таркиби **аз ҳама** барои ифодаи дараҷаи олӣ истифода мешавад, аммо дар забони осори давраҳои муқоисашаванда ба нудрат бошад ҳам, гунаи **аз ҳамаи** ба чашм расид, ки яке аз вежагиҳои боризи ин мавзуъ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи корбурди пасванди -тарин дар забони осори давраҳои қиёсшаванда [ниг. ба замимаи № 2.1.2 (а)]**

| Сарчашмаҳо | Сифатҳои аслӣ+тарин | % | Сарчашмаҳо | Дараҷаи корбурд | % |
|---|---|---|---|---|---|
| XVIII | 2 | 6% | XVIII | 2 | 4% |
| XX(1) | 22 | 61% | XX(1) | 35 | 69% |
| XX(2) | 12 | 33% | XX(2) | 14 | 23% |
| **R – дар умум** | **36** | | **R – дар умум** | **52** | |







Маълум аст, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда пасванди -**тарин** аз нигоҳи ваҷҳи корбурд гуногун буда, барои ифодаи дараҷаи қиёсии

сифат пасванди мазкур дар маҷмуъ 2 маротиба [3] мавриди истифода қарор гирифтааст, ки 4%-ро ташкил медиҳад.

### II.1.3. Ифодаи дараҷаи ғайриқиёсии сифат

Мушоҳидаҳо нишон дод, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда барои ифодаи маънии грамматикии дараҷаи ғайриқиёсии сифат як қатор зарфҳои миқдору андоза ба мисли **зиёда, бағоят, бисёр, бас, басе, берун** ва **афзун** иштирок мекунанд. Чунин воҳидҳо, асосан кам ё зиёдии аломати предметро аз меъёри муътадил нишон медиҳанд.

Зимнан, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дараҷаҳои ғайриқиёсӣ ду хел мешаванд: дараҷаи зиёдӣ ва дараҷаи камии аломат. Дараҷаи зиёдии аломат, дар навбати худ, бо чунин роҳҳо ифода меёбад: 1) бо роҳи бевосита такрор шудани сифати аслӣ: **либосҳои лах-лах, олуҳои калон-калон** [19, 139]. Ҳини омӯзиши мавзуи мавриди назар маълум гардид, ки дар осори мавриди тадқиқ бо ин усул ифода шудани дараҷаи зиёдии аломат тамоман ба чашм нарасид. Ин гувоҳ бар он аст, ки чунин воситаи грамматикӣ дар забони ҳамон давра маъмул набуда, маҳсули давраи минбаъдаи рушди забони адабии тоҷикӣ мебошад. 2) бо роҳи бо сифатҳои аслӣ омадани зарфҳои миқдору андоза: **хеле озода, басо хуб, ниҳоят хатарнок, беҳад борик, беандоза ширин** ва **бениҳоят шод** [19, 139]. Гуфтан бамаврид аст, ки бо ин усул ифода гаштани дараҷаи зиёдии аломат ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [19] ва ҳам дар осори пешин [30; 125; 137; 106] ва ҳам дар забони осори давраҳои мавриди қиёс басо фаровон ба назар мерасад.

Яке аз вежагиҳои ҷудогонаи зарфи миқдору андозаи **хеле** он аст, ки дар “Туҳфат-ул-хонӣ”, дар маҷмуъ, танҳо як маротиба барои ифодаи зиёдии аломат вохӯрд: **хеле** хайрхоҳона [2, 71], **хеле** маданӣ [2, 72], **хеле** арзон [2, 117], **хеле** худсар [2, 153], **хеле** сахту матин [2, 220], **хеле** душвор [1, 216], **хеле** хунин [1, 276], **хеле** хунхӯр ва золим [1, 270], Шоҳи Эрон ба эшон **хеле** муҳоработи **азим** ва музоработи қавӣ намуда, акси матлаб дар ойинаи мурод мушоҳада кард [3, 40/75]; …барои бадном кардани қушбегӣ **хеле** ҳикоятҳои **аҷиби** бофтаву сохта… [2, 87]; Зеро мавқеи қӯшбегӣ **бисёр** нозук ва бораш

хеле **вазнин** буд [2, 182]. Аммо дар осори устод Айнӣ он бағоят васеъ корбаст шудааст, ки мисолҳои боло дол бар ин гуфтаҳост.

Зимнан, яке аз мухтассоти забони “Туҳфат-ул-хонӣ” дар он зоҳир мешавад, ки дар ифодаи мавзуи мавриди назар зарфи таркибии **зиёда аз ҳад(д)** баъд аз сифат меояд, ҳол он ки дар осори устод Айнӣ ва дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар намуди **аз ҳад зиёд(а)** пеш аз сифат қарор дорад: Ӯ ҷиҳати ифроти ҳасаду адовати **зиёда аз ҳад(д)** ҷамъи ҳавошиву тавобеъ сохта, мутаҳаррики силсилаи инод шуд [3, 161/319]; Аз ин сабаб **безобитагии зиёда аз ҳад(д)** ба ҳоли мардуми Шахрисабз роҳ ёфтааст [3, 289/576]; Абумуслим дар ин сафар ба оммаи арабҳо инъому эҳсони **аз ҳад зиёда** кард [1, 222]; Усул ва тартиби дарсҳои мо **аз ҳад зиёда** фосид шудааст [2, 120].

Ба ҳамин васила, дар забони осори таърихии давраи омӯзиш як қатор таркибҳо дар ифодаи дараҷаи ғайриқиёсии зиёдӣ, минҷумла: афзун аз шумор [3, 9/16, 11/20, 22/39, 24/43, 192/382]; афзун аз шумору адад [3, 154/305]; афзун аз эҳсову шумор [3, 164/325]; афзун аз қиёс ва зиёда аз тахмин [3, 181/359] ширкат меварзанд. Вале ин гуна таркибот дар забони осори устод Айнӣ роиҷ нестанд: Ва инчунин амири комёби тадбиршиор, ки **бо қӯшуноти зиёда аз ҳадди эҳсову шумор** дар хориҷи ҳисори шаҳри Бухоро нишаста ва муддати чандин моҳ ҷиҳати огоҳии аҳволи муонидони мамолик аз маркази давлат наҷунбид [3, 60/116]; …он муфсиди оташмизоҷро ба таҳдиди **зиёда аз хияри** *(баргузида, тафзил додани касе бар касе – А.Б.)* **мукнату иқтидор** ва ба тавҷеҳи **вофир аз сурати эҳсову шумор** ба поён фуруз оранд [3, 67/130].

## II.2. Сифатҳои сохта

Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои асосӣ ва пурмаҳсули ғаномандии забонҳои ҳиндуаврупоӣ, минҷумла забони тоҷикӣ, ба воситаи ванд (аффикс)-ҳо сохтани калимаҳои нав ба ҳисоб меравад. Аз аҳамияти вежа бархурдор будани мавзуи мавриди назарро забоншиноси рус Н.М. Шанский ҳанӯз солҳои 60-уми асри гузашта зикр карда, ба хулосае омада буд, ки “бе калимасозӣ забон таркиби луғавӣ дошта наметавонад. Маҳз, аз ин ҷиҳат

аҳамияти муҳими калимасозӣ дар системаи умумии забон муайян мегардад” [156, 253].

Вандҳои сифатсоз низ дар қатори дигар унсурҳои вожасоз мавқеъ ва ҷойгоҳи хоси худро доранд. Зимнан, ин қисмати кор роҷеъ ба қиёсу баррасии вежагиҳои морфологӣ ва дараҷаи корбурди онҳо бахшида шудааст.

### II.2.1. Калимасозии сифат бо пешвандҳо

Дар забони осори давраҳои муқоисашаванда пешвандҳои сифатсози забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, аз қабили **ба-, бар-, бе-, бо-, дар-, но-, фурӯ** ва **то-** мавриди истифода қарор гирифтаанд, аммо аз нигоҳи дараҷаи вожасозӣ на ҳамаи онҳо мақоми якхела доранд. Агар гурӯҳе аз пешвандҳои фавқ дар калимасозӣ фаъол бошанд, гурӯҳи дигар дар иҷрои ин вазифа кам истифода шудаанд.

Асноди таърихи забони адабӣ ва ҳозира гувоҳӣ медиҳад, ки дар сифатсозӣ пешвандҳои **ба-** ва **бо-** яке аз унсурҳои вожасози сермаҳсул ҳисобида шуда, тавассути онҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ як силсила сифатҳои аслӣ сохта мешаванд ва аз нуқтаи назари маъно ба ягон хосият ё аломат соҳиб будани ашёро мефаҳмонад [19, 144; 27, 198; 14, 123; 158, 11-13]. Муҳаққиқ Х.Н. Табаров дар боби дуюми рисолаи худ оид ба вежагиҳои морфологии забони ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн Кангуртӣ сухан гуфта, танҳо тавассути се пешванди сифатсоз, аз қабили **бо-, бе-, но-** сурат гирифтани вожасозиро қайд намудааст [144, 86]. Ҷараёни тадқиқот нишон дод, ки дар осори муқоисашаванда **ба-** нисбат ба **бо-** каммаҳсул буда, ба воситаи он Карминагӣ сифатҳои аслии раъфати **бағоят** 1 маротиба [3], хилвати **баихтисос** 1 маротиба [3], ҳодисаи **баногоҳ** 3 маротиба [3], минои **басангомада** 1 маротиба [3], фатҳе **баандоза** 1 маротиба [3] ва устод Айнӣ сифатҳои сохтаи талабаҳои **барушд** 3 маротиба [2], ҷои хушҳавои **бавусъат** 1 маротиба [2], фармони **батафсил** 1 маротиба [2], дасти **бақувват** 1 маротиба [2], мадрасаҳои **батартиб** 1 маротиба [2], маълумоти **батафсил** 1 маротиба [1], каси **башумур** 1 маротиба [1], сатинҳои **бадошт** 1 маротиба [1] дар мавридҳои алоҳида истифода намудаанд: ...баъд аз итмоми шаробу таом ва

маҷлиси шелон *(меҳмонии ом(м) – А.Б.)* маҳфили хос ва **хилвати баихтисос** бино ниҳоданд [3, 221/439]; Лекин баъзе талабаи **барушд** ба як назари ҳассосона аз ваҷоҳати муаллимон ба асли масъала пай бурданд [2, 138]; ...дилҳои қавии арбоби ҷасорат чун минои **басангомада** шикастан гирифт [3, 170/338].

Дар ҷумлаи охир Карминагӣ сифати аслии ифодагари монандиро аз рӯйи қолаби *пешванд+исм+сифати феълӣ* сохта, барои қавитар гаштани ин тобиши маъноӣ ҳиссачаи монандии **чун**ро қабл аз мавсуф ба кор бурдааст, ки дар осори устод Айнӣ ин гуна сифати сохта боре ҳам ба чашм нарасид.

Пешванди **бо-** ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва ҳам дар забони таърихномаи Карминагӣ дар сохтани сифатҳои нав сермаҳсул мебошад. Ҳини таҳқиқу қиёси ин мавзуъ аён гашт, ки устод Айнӣ дар осори худ [1; 2] пешванди **бо**-ро барои сохтани сифатҳо маҳдудтар ба кор бурдааст, яъне ин унсури вожасоз дар забони осори таърихии устод Айнӣ яке аз пасвандҳои каммаҳсул ҳисобида мешавад. Лозим ба қайд аст, ки дар забони тоҷикии қарнҳои пешин ҳам нақши ин пешванд дар калимасозии сифат муассир набудааст. Муҳаққиқи забони “Шоҳнома” аз хусуси вежагиҳо ва корбурди **бо-** сухан гуфта, ин унсури вожасозро ба гурӯҳи пешвандҳои сифатсози каммаҳсул ҷудо намудааст. Аз рӯйи ишораи мавсуф маълум мегардад, ки **бо-** дар забони ҳамон давра ба нудрат мавриди корбасти аҳли эҷод қарор гирифтааст [112, 21]. Маводи ҷамъовардаи мо имкон медиҳад, ки бархе аз ин хусусиятҳоро ба тариқи зайл ироа кунем:

Чун анъана, аз исм сифатҳои сохта созмон ёфтаанд, ки ин вежагӣ дар забони осори давраҳои қиёсшаванда маъмул ва роиҷ мебошад: мардуми **боғурур** [3, 114/225], ғуломи **бофарҳанг** [1, 213], умарои **боақлу дониш** [1, 56], эрониёни **боақлу ҳуш** [2, 84], курнуши **боэҳтиром** [3, 32/60], одамони **боҷуръат** [1, 261], одамони **боилму хибрат** [2, 170], душмани **бонизом** [1, 56], амири **босаодат** [3, 34/64], зани **боҷамол** [1, 265], бинандагони **босавод** [2, 73], сухани **бофасоҳат** [1, 212], одамони **боному**с [2, 258]: ...он сухан аҳволи ҳақиқии Муқаннаъ ва пайравони ӯро дар пеши хонандаи **бомуҳокима**

равшан карда медиҳад [1, 270]; Мумоилайҳ ҷавони фозил, **боҳамият**, донишманд буд [2, 100]; ...шоҳи Тӯрон бо аъёну муқаррабон роҳати филҳолро ба адами иқболи **боомол** мубаддал сохта… [3, 56/107].

Дар ҷумлаи охир муаллифи асар [3] бо ёрии пешванди номбурда аз исми арабии ҷамъи таксир ҳамагӣ як дафъа унсури луғавии наве сохтааст, ки дар дигар осори муқоисашаванда [1; 2] ин гуна сифати сохта ба назар нарасид.

Ҷумъаи дигар хоқони сурайёҷаноб фатҳу нусрат дар рикоб ба сӯйи Хузор наҳзат фармуда буд ва кӯчи он **манзили боҳаво** мазриби автоди хиёми зафарэҳтишом шуд [3, 263/523].

Карминагӣ дар ин ҷумла пешванди **бо**-ро ба вазифаи **бар**- мавриди истифода қарор додааст, ки мазмуни **хушбоду ҳаво**ро дорад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҳам **бо-** ва ҳам **бар**- маънои **дорои**ро медиҳад ва мавҷудияти сифати сохтаи **суфаи барҳаво** [19, 144] далели ин гуфтаҳост.

Карминагӣ сифатҳоро тавассути пешванди **бо-** бештар аз исмҳое месозад, ки бо калимаҳои дигар сифати мураккаб месозанд: амири **бовиқор**=*соҳибвиқор*, ки бино бар ҳисоби эҳсоии мо ҳафт маротиба корбаст шудааст [3, 32/60]; ҷамоаи **бошарорат**=*пурашрор* [3, 94/186]: Баъд аз вусули чопарон ба суддаи эътибори **амири бовиқор** ва шунидани хабари мусибатфазо камоли таъсиру риққат бар ботини комёбӣ истило ёфт [3, 43/81].

Карминагӣ ба воситаи пешванди номбурда унсурҳои луғавии нави нодир сохтааст, ки онҳо имрӯз мустаъмал нестанд: ...маҳфили хосро бо нудамои закотинати байзофитрат ва зурафои **боибтиҳоҷи**=*хурсанд, хушбахт, масрур (шодӣ, хурсандӣ, масаррат – А.Б.)* софификрат ороставу мурассаъ гардонид [3, 4/6]; …эҳзори таомҳои алвон карданд ва **бисоти боинбисоти=***хуррамӣ, шодӣ, хушӣ (кушода шудан; паҳн шудан; кушодарӯӣ; хушии табъ, хуррамӣ; шодӣ ва хушӣ – А.Б.)* наим барчида, судури изом муроҷаат ба манзилу мақоми худ намуданд [3, 272/541]. Дар ҷумлаи охир муаллифи асар сифати аслие сохтааст, ки сифату мавсуф ҳар ду аз як

решаанд, ки дар осори устод Айнӣ ин гуна сифатҳои сохта боре ҳам мавриди истифода қарор нагирифтаанд.

Пешванди **бар-** дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ яке аз унсурҳои калимасози каммаҳсул буда, аз исм, сифат ва зарф сифатҳое месозад, ки ба ягон аломат соҳиб будани ашёро ифода менамоянд [19, 144]. Муҳаққиқ А.А. Қутбизода қайд мекунад, ки пешванди сифатсози **бар-** низ яке аз каммаҳсултарин унсурҳои вожасоз дар “Шоҳнома” маҳсуб мешавад [8, 69].

Дар осори таърихии “Туҳфат-ул-хонӣ” ва “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” ва дар романи таърихии инқилобии “Ғуломон” ҳам **бар-** аз нигоҳи корбурду истифода ба гурӯҳи пешвандҳои каммаҳсул дохил мешавад. Бояд гуфт, ки дар асари таърихии “Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ”-и устод Айнӣ унсури вожасози номбурда ҳамчун сифатсоз дучор нашуд. Мушоҳидаҳо нишон дод, ки тавассути пешванди мавриди назар дар асоси қоида ва қонуни забони тоҷикӣ аз дигар ҳиссаҳои нутқ унсурҳои луғавии нав сохта шудаанд:

- аз **исм**: фарзандони **баркамол** [4, 26, 26, 215], салтанати **баркамол** [3, 200/397], асбоби **баркамол** [2, 57, 158], бародари **бархурдор** [3, 172/342, 210/417], саҳари **барвақт** [4, 188, 392]: Зикри талиъаи наййири дастгоҳи хусрави ҷамҷоҳ – Нодирқулишоҳи эронӣ, ки ҳазрати Ҷавводи мутлақ ва Файёзи **барҳақ** аз хазонаи [3, 19/33]; ...ба билфеъл воқеъ шудани ислоҳот умедашон **баркамол** буд [2, 158]; ...бештарини одамҳо барои “одами нағз” карда нишон додани худҳошон маълумотҳои **бардурӯғро** ҳам мерасонанд [4, 314],

- аз **сифати феълӣ** сифатҳо сохта шудааст, аммо ин гуна ҳодиса ҳам дар “Туҳфат-ул-хонӣ” ва ҳам “Ғуломон” банудрат ба чашм расид: мисраи **барҷаста** [3, 4/5], нақшҳои **барҷаста** [4, 79, 79, 98], комгори **баргузида** [3, 144/286]: ...аз хасоиси ишфоқи амири **баргузидаи** офоқ маҳфузу баҳравар омада... [3, 128/253]; ...монанди мавҷи нозуки об нақшҳои **барҷастаи** занҷирашакле пайдо мешуд... [4, 79].

Гузашта аз ин, устод Айнӣ дар асари худ [4] аз сифати **зиёд** воҳиди луғавии наве сохтааст, ки дар асари Карминагӣ ин гуна сифатҳои сохта ба чашм нарасид: завраҳи **барзиёд** [4, 95, 121, 136, 443, 443]: Агар ҷаноби олӣ андозҳои **барзиёд** андохта бошанд, болшевикон ҳам ба бойҳо контрибусия андохта гирифтаанд [4, 238].

Бо вуҷуди ин, метавон хулоса кард, ки пешвандҳои **бо-** ва **бар-** дар таърихи забони адабии тоҷикӣ тағйири вазифа накарда, дар гурӯҳи пешвандҳои каммаҳсул боқӣ мондаанд.

Пешванди **бе-** дар забони осори [1; 2; 3] давраҳои қиёсшаванда яке аз унсурҳои вожасози сермаҳсул буда, чун анъана, аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ як қатор сифатҳо сохтааст, ки ҳангоми васл шудан ба асос семантикаи мавсуфро тағйир додааст:

а). Ба аломати дар асос номбаршуда молик набуданро мефаҳмонад: фирқаи **бедин** [3, 85/168, 85/168, 100/197, 102/202, 106/210, 140/277], раийягони **бекору бечора** [1, 140], хусрави **бесипоҳ** [3, 98/194], бинандагони **бесавод** [1, 236], лофи **беасл** [2, 32], юриши **беҳангом** [3, 53/101, 175/347, 237/471], ҷангҳои дусолаи **бенатиҷа** [1, 255], ҳайвонҳои **безабон** [1, 82], ҳаракати **беҷойгоҳ** [3, 211/420], дарсхонии **беҳосил** [1, 114], раъйи **бебок** [3, 66/127], харҷҳои **бемаврид** [1, 138], мактабдорҳои **беилму тарбия** [2, 62], биёбони **беиморати беобу** алаф [1, 102], кардаи **беҷойгоҳ** [3, 147/292], тааррузоти **бесабаб** [2, 151], баҳодурони **бевафо** [1, 77], таассуби **беҷойгоҳ** [3, 169/335]: Ва аз шиддати хавфу камоли руъб мардуми **бедилро** муданқис *(табоҳиафкананда миёни қавм – А.Б.)* чун тири тахш *(мушак – А.Б.)* дар дидаи дилу паҳлуи ҷигар нишаст [3, 46/87]; Баъд аз қадре музокираи **бесуд** амир аз маҷлис бадар рафт.. [1, 166]; ...аз ин пурсиши **бемаҳал** ба иштибоҳ афтода, пеши он дӯст рафта... [2, 168].

б). Дар осори мавриди қиёс [3; 4] аз исмҳои мураккаб банудрат сифатҳо созмон ёфтаанд: ...як зани фаранҷидори **бечашмбанд** [4, 216]: ...бо гурӯҳе **бесаранҷом** дар оғози ҷидолу муторахаи давлати рӯзафзун ҳамдастон гардид [3, 251/500].

Як қатор сифатҳои сохтае вохӯрданд, ки аз нуқтаи назари семантикӣ ифодакунандаи аломати мусбати мавсуфанд: санияи **бекина** [3, 42/79], хуни **бегуноҳ** [1, 119], суҳбати... **бемалол** [2, 151], комравоии **бемалол** [3, 111/219], ашхоси **бегуноҳ** [1, 94], ҷавони **беозор** [2, 230], вақти **бетаҳошӣ** [3, 25/46], муҳаббати **бевосита** [3, 170/338], хонзодаи **бегуноҳ** [1, 45], ҳоли **бемаол** [3, 53/101], тираи **беозарм** [3, 44/84, 110/217]: Илова бар инҳо зарифу латифасанҷ, суҳбаташ сабуку **бемалол** буд [2, 151]; ...лангари истиқомат дар вилояти Кеши дилкаш ва Шаҳрисабзи **беғаш** андохта [3, 146/290].

в). Бо баробари аломати молик набудани предметро ифода намудани пешванди **бе-** боз семантикаи дороии аз ҳад зиёди аломату хислати мавсуфро ифода кардааст: назароти **беандоза** 6 маротиба [3], молҳои **беҳисоб** ё **беворис** [1, 109], хашияти **беқиёс** [3, 139/276], бӯстони **беранҷ** [1, 284], навозиши **бекарон** [3, 65/125], молҳои **беандоза** [1, 202], ҳамияти **бениҳоят** [3, 30/55], нусрати **беҳисоб** [3, 166/330], давлати **бемисл** [3, 220/437], амирзодаи **беназир** [3, 283/564]: Баёни ин матлаб он, ки Синтоб қалъае аст дар матонату истеҳком **беназир**, дар миёни дара, ки атрофи онро кӯҳсори рафеъ иҳота кардааст [3, 218/433]; ...пароканда шудани устодон ва коргарони моҳири он зулми аз ҳад зиёд ва андозҳои **беандоза** буд [1, 211].

Ҷараёни таҳқиқот нишон дод, ки сифати сохтаи **беандоза** дар асарҳои қиёсшаванда истифода гардидааст ва он аз ваҷҳи корбурд дар таърихномаи Карминагӣ фаъол ба назар расид, ки мисолҳои боло дол бар ин гуфтаҳост.

Ба ҳамин минвол, Карминагӣ сифати сохтаи **бешумор**ро 18 маротиба ба кор бурдааст, дар ҳоле осори [1; 2] қиёсшавандаи устод Айнӣ танҳо 4 маротиба истифода шудааст: Умарои кибор ва вукалои дарбор бо урваи бисёр ва дастпаймони **бешумор** мутаваҷҷеҳ ба ҷониби мавкаби рифъатмадорӣ шуданд [3, 90/177]; Арабҳо шаҳрро тороҷ карда, моли бисёр ва асири **бешумор** ба даст дароварданд [1, 200; 2, 142].

Яке аз хасоиси фарқкунандаи мавзуи мавриди омӯзиш он аст, ки Карминагӣ дар мавридҳои алоҳида ба ҳайси унсури луғавии **бениҳоят, беғоят** ва **бераъй** музоф ва музофун илайҳи [status constructus] арабии

**баидуннихоят, биақсалғоят** ва **ноқисурраъй**ро бамаврид истифода намудааст, ки ин падида дар осори устод Айнӣ дучор нашуд: ….муқобалаи вусул ва қурби ҷивори дарбори кайвонмадор ба алтофи **беғоят** ва икроми **баидуннихоят** баҳраманд ва масрур гардида [3, 65/125, 191/379] = …аз алтофи **бениҳояти** хоқонӣ инъому ташрифот ёфта, ба ишорати олӣ ба суйи мақарри худ шитофтанд [3, 270/537] = …дар инҳидому индироси он панҷаи болокашида саъйи балеғ ва кӯшиши бедареғ раъйи **биақсалғоят** расонид [3, 56/108].

Гуфтани ин нукта муҳим аст, ки Айнӣ дар романи таърихии худ - “Ғуломон” аз зарфи макон сифати аслӣ - **бепоён** сохтааст. Чунин сифатҳо, одатан, ба аломати дар асос номбаршуда молик набуданро мефаҳмонад. Вале он дар асари Карминагӣ ва дар дигар осори устод Айнӣ мустаъмал нест: биёбони **бепоён** [4, 3, 22, 80, 168, 278], саломи **бепоён** [4, 58], корҳои **бепоён** [4, 76]: ...инҳо ба тарзи киштиҳое менамуданд, ки дар баҳри **бепоён** шинокунон гашта бошанд [4, 97].

Ҳамчунин устод Айнӣ дар осори хеш [6] ба воситаи **бе-** ва сифати феълӣ унсурҳои луғавии наве сохтааст, ки дар асари таърихии Карминагӣ [3] ба чашм нарасиданд: чашмони **бенуршуда** [4, 4, 113], лабҳои **бехунгардида** [4, 234]: Оқибат лашкариёни зиёд ба шаҳри тамоман сӯхта ва **беодаммонда** соҳиб шуданд [3, 138].

Пешванди **но-** мусаллам аст, ки аз исм, феълу сифати феълӣ ва дигар ҳиссаҳои гуногун сифати аслӣ сохта мешавад, ки акси маънои асос, молик набудани мавсуфро ба он ифода мекунад ё ҳолати ашёро мефаҳмонад [19, 144]. Бино бар усули оморӣ аён гашт, ки ин унсури вожасоз дар асари таърихии а.XVIII яке аз пешвандҳои сермаҳсул ба ҳисоб рафта, аммо дар осори қиёсшавандаи устод Айнӣ он каммаҳсул мебошад. Дар идомаи матлаб метавон гуфт, ки бо он дар маҷмуъ [3] 30к./80м. ва [1; 2] 15к./16м. аз дигар ҳиссаҳои нутқ сифатҳои аслӣ сохта шудаанд:

а) **аз исм:** гурӯҳи/мудаббирони **ноҳинҷор** [3, 67/129, 25/46], зумраи **нопушаймон** [3, 136/269], ҷамои **ноасас** [3, 167/331], ҳаракатҳои / кирдорҳои

/ афъоли **ношоиста** [1, 224, 270], фирқаи **носипос** [3, 168/334], золими **ноинсоф** [2, 210]: Он зумраи **нопушаймон** олоти муҳорабаву асбоби музораба рост карда… [3, 136/269]; Наршахӣ баъд аз он ки як олам афъоли **ношоистаро** ба пайравони Муқаннаъ нисбат медиҳад... [1, 270].

б) **аз исмҳои арабӣ:** амри / домани / дағдағаи / шеваи / кардаи / ҷуръати / гирудори / кирдори **носавоб** [3, 21/38, 24/44, 90/177, 133/263, 171/339, 252/501, 289/576, 188/373, 214/425, 269/535, 279/555], кори **ноҳақ** [2, 137], хуни **ноҳақ** [1, 169, 185], вазъи **номаслук** [3, 29/53], ҳаракатҳои **нолоиқ** [1, 219], ҳаракати **номатбуъ** [3, 52/99], таворуди **номаҳрам** [3, 144/286], амри/муваҷҷаҳи **номаҳзур** [3, 76/150; 29/54], ҷойи **номаълум** [1, 245]: Ба ҳар фавҷи **номазбут** аз хабари мукнату тавон дур буд, лоҷарам сурати вақоеъро ба пояи сарири амири маъдалаттахмир боз намуда... [3, 148/294]; Ҳол он ки қосид дар натиҷаи муомилаҳои **нолоиқи** худ ба кушта шудани худ боварӣ ҳосил карда буд [1, 270].

в) **аз асоси замони ҳозира ва феъли модалӣ:** фирқаи **нотавон** [3, 56/108], афъоли **ношоист** [3, 174/346], талабаи **нодон** [1, 118], одами **нотарс** [2, 189], фурсати **ноёб** [3, 233/463], марди **нотарс** [1, 269]: Ва **мардуми нотавон** ва фуқарову масокинро ба ҷилои автон ва ҷудо шудан... [3, 211/420]; Муқаннаъ ҷанговари қаҳрамон, нотиқи гузаро, олими забардаст ва **нотарс** бошад ҳам, лашкаркаши моҳир ва стратеги дурбин набуд [1, 272]; Аммо аҳолии **нодони** бечора ин музахрафотро бовар карда...[2, 88, 162, 166, 175].

Ҳангоми қиёсу баррасӣ маълум шуд, ки Карминагӣ ба воситаи пешванди **но-** дар баъзе маврид аз сифату сифати феълӣ сифатҳои аслӣ сохтааст, ки дар осори муқоисашавандаи [1; 2] устод Айнӣ дучор нашуд: **аз сифат:** суханони **номулоим** [3, 174/346]; ….эшонро бино бар ҷароими қавиву хисоратҳои **номулоим** ҳеҷ гуна сурати ислоҳу мулоқот ба давлати абадмуддат мутасаввар набуд [3, 198/393]: **аз сифати феълӣ:** матлаби **норасида** [3, 15/25], қусури **ношуда** [3, 186/369], қавми **ношуда** [3, 141/279], Сипоҳи зафарпаноҳ бино бар сурати хайрияти маоризи он **қавми ношуда** дар қурби навоҳии эшон фуруз омаданд [3, 141/279].

Гузашта аз ин, муаллифи “Туҳфат-ул-хонӣ” сифатҳои тавассути пешванди **но-** созмонёфта, аз қабили ҷунуди **номаъдуд** [3, 82/162, 143/284], ашёи/ ҷуюши/ғаноими/сипоҳи/ **номасҳур** [3, 183/364, 11/19; 13/24; 149/295], мавҳабати/карами/қаҳри/ҳазрати/ниъами/нусрати **номутаноҳӣ** [3, 8/13, 19/34, 224/445, 233/463; 19/33; 57/110; 103/203; 196/389, 285/568; 211/420] ва таркиби устувори арабии **ло йуъадду ва ло йуҳсо**ро, ки маҷозан маънии беҳисоб, бешуморро дорад, ба як маънӣ истифода бурдааст. Аммо сифатҳои сохтаи фавқуззикр дар осори устод Айнӣ боре ҳам вонахӯрданд.

Дар “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” низ таркиби устувори арабии мавриди қиёс омадааст: Аспу гӯсфанди **ло йуъадду ва ло йуҳсо** ба дасти сипоҳи мансур афтода… [3, 302, 217/431]; Аз хонаи Аминҷон молу ашёи **ло йуъадду ва ло йуҳсо** тороҷ шуд… [2, 85]; …бо хайли ҷунуди вофиру афроди **номаъдуду мутакосир** ва бо кавкабаи ҳашамату саропардаи давлат дар муқобалаи он ҳисор нозил гардид [3, 158/313].

Дар мисоли охир вежагии боризе ба назар мерасад, ки Карминагӣ пешванди сифатсози **но**-ро бо калимаҳои арабӣ якҷоя истифода намудааст, ки ин ҳодисаро калимаҳои сохта ва содаи ҳамкомпонент меноманд [ниг.ба замимаи № 2.2.1 (в)].

…ҷалодату касрати шуҷоат дам ба дам **Қобили ноқобил** ва он ғафлатзадаи ҷоҳил мардуми худро бар ҷангу ҷидол таҳрис менамуд [3, 68/131]. Муаллифи асар дар ҷумлаи фавқ унсури луғавии наве ба воситаи пешванди номбурда сохтааст, ки ҳам мавсуф ва ҳам сифат аз як решаанд ва гузашта аз ин маълум аст, ки мавсуфи он исми хос мебошад.

Ҷараёни таҳқиқот аз он дарак медиҳад, ки дар осори мавриди қиёс тавассути унсури вожасози **но-** аз калимаҳои мураккаб сифатҳои аслии нав ташаккул ёфтаанд: фирқаи **номаслаҳатбин** [3, 133/264], аз субҳ то шом… айши **дурӯзаи нопойдорро** аз тозагии руҳу сармояи футуҳ дониста… [3, 44/84]; Аммо дузди бекаси **ноуҳдабаро** ё одамҳои бономуси бепули гирифторшудаи бухороомада... [2, 258].

Дар ҳамин асос, метавон гуфт, ки дар осори устод Айнӣ танҳо сифати **ноуҳдабаро** мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҳини таҳқиқ қарор додани пешванди каммаҳсули **дар-** ин нукта мусаллам гардид, ки Карминагӣ танҳо маротибае тавассути унсури вожасози номбурда ва сифати феълӣ калимаҳои нав сохтааст; …хатти қабул бар ҳошияи китоби саволу ҷавоби эшон накашид ва тумори мутаввал ва элчиёнро ба рақами истиғнои мададу муованати он тоифаи **дарҳампечида** чашми таманное накушуд [3, 52/100].

Аммо устод Айнӣ танҳо дар романи "Ғуломон" бо ёрии унсури вожасози мазкур ду сифат **даргузар** ва **дарҷӯш**ро сохта, онҳоро якдафъагӣ мавриди истифода қарор додааст. Сифатҳои фавқуззикр дар дигар осори таърихии қиёсшаванда дучор нашуданд: Ана ин яроқҳо на ин ки бодҳои **даргузари** биёбониро, балки бодҳоеро, ки монанди "дами" позарезони Ғиҷдувон оташҳои чӯянгудозро шуълавар хоҳанд кард... [4, 256]; Дуду ғубори саксавул, бухори чойҷӯши **дарҷӯш** нафаси бошандагони даруни хонаи сиёҳро ҳақиқатан сиёҳ ва торик карда буданд [4, 8].

Муҳаққиқ М.Д. Калонова дар рисолаи хеш оид ба ин масъала фикри худро ироа намуда, бемаҳсулии пешвандҳои **бар-, то-** ва **дар**-ро дар забони асри шоир қайд кардааст [124, 66].

Пешванди сифатсози **фурӯ** кӯтоҳшудаи **фурӯд** буда, ба маънии поин мебошад. Дар "Туҳфат-ул-хонӣ" унсури вожасози номбурда аз пешвандҳои каммаҳсул ба ҳисоб меравад: Лоҷарам, қаҳри субҳонӣ ӯро ба мақоме расонид, ки он чӣ бо ҳамаи халқ карда буд, ба танҳоӣ ба ӯ боз намуд ва дар вақти **фурӯмондагӣ** ҳеҷ касро ба ӯ мушфиқ ва меҳрубон насохт [3, 267/532]. Дар ин мисол унсури луғавии **фурӯмондагӣ** аз рӯйи усули омехта ташаккул ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки Карминагӣ сифати сохтаи мазкурро танҳо як маротиба мавриди истифода қарор додааст. Дар осори устод Айнӣ ин гуна сифатҳои сохта ба чашм нарасиданд. Мисолҳои ҷамъовардаи мо имкон медиҳад, то хулоса барорем, ки ин пешвандҳо дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX ҳам дар қатори пешвандҳои каммаҳсули сифатсоз қарор

доранд. Дуруст аст, ки дар забони тоҷикӣ пешванди сифатсози **то-** низ ба мушоҳида мерасад, аммо дар байни баъзе олимони соҳа роҷеъ ба унсури сифатсоз будан ё набудани он шубҳа аст. Дар осори қиёсшаванда пешванди **то-** боре ҳам дучор нашуд. Ба назари мо ҳам, адами корбурди ин пешванд ба ҳайси унсури сифатсоз дар осори давраҳои қиёсшаванда то андозае шубҳаи муҳаққиқонро дар мавриди унсури сифатсоз будани **то-** тасдиқ мекунад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи гузаронидани усули оморӣ роҷеъ ба дараҷаи корбурд ва нақшу ҳиссагузории унсурҳои вожасози мавриди қиёс дар ташаккули сифатҳои сохта аз рӯйи вазифаашон таҳлил намуда, такя бар нишондоди поён натиҷагирӣ намудем.

**Дараҷаи корбурди пешвандҳои сифатсоз дар забони осори давраҳои қиёсшаванда [ниг. ба замимаҳои № 2.2.1 (а) ва (б)]**

| **Унсурҳои вожасоз** | **Сифатҳои сохта** | **%** | **Унсурҳои вожасоз** | **Дараҷаи корбурд** | **%** |
|---|---|---|---|---|---|
| **ба-** | 11 | 5% | **ба-** | 17 | 3% |
| **бо-** | 55 | 23% | **бо-** | 142 | 27% |
| **бар-** | 10 | 4% | **бар-** | 21 | 4% |
| **бе-** | 115 | 49% | **бе-** | 246 | 47% |
| **но-** | 43 | 18% | **но-** | 100 | 19% |
| **дар-** | 1 | 1% | **дар-** | 1 | 0% |
| **фурӯ** | 1 | 0% | **фурӯ** | 1 | 0% |
| **то-** | 0 | 0% | **то-** | 0 | 0% |
| **R – дар умум** | **236** | | **R – дар умум** | **528** | |






### II.2.2. Калимасозии сифат бо пасвандҳо

Миқдори умумии пасвандҳои сифатсози забони адабии ҳозираи тоҷикиро баъзе муҳаққиқон 51 адад нишон медиҳанд:

“**-о, -осо, -огин, -он, -оне, -онӣ, -ор, -боре, -бон, -буд, -бурдор, -тар, -тарин, -чи, -дис, -со, -сор, -сон, -фом, -фаш, -ак, -коре, -ки, -гор, -гон, -гоне, гонӣ, -гар, -ган, -гуне, -гӣ, -гин, -ум, -мон, -манд, -умин, -нок, -анде, -у, -вор, -воре, -вар, -ваш, -ван, -вӣ, -е, -ӣ, -ик, -ин, -ине, -й**” [112, 14].

Дар осори муқоисашаванда аз миёни пасвандҳои сифатсози фавқуззикр бархе дар бунёди як қатор сифатҳои сохтаи нав ҳиссагузорӣ кардаанд, вале доираи истифодаи онҳо баробар нест. Масалан, пасванди **-ӣ** дар осори мавриди қиёс яке аз унсурҳои вожасози сермаҳсул маҳсуб мешавад, ки, асосан, аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ сифатҳои нисбии доираи семантикиашон гуногун месозад. Аз ин рӯ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ - донишманди а.XVI оид ба шарҳи вазифаҳои пасванди сифатсози **-ӣ** сухан гуфта, чунин қайд намудааст: “Чаҳорум (йо)-и нисбат ва он баъд аз исме, ки дарояд, нисбат ба он исм намояд, чун **забони порсӣ** ва **каломи арабӣ**, яъне нисбати забон порс аст ва нисбати калом араб аст, ҳамчунин **ҳиндустонӣ** ва **хуросонӣ** ва дар охири исме, ки бо “ҳо”-и мухтафӣ бошанд ва “йо”-и нисбат ба он пайвандад, “ҳо”-и мухтафиро ҳазф кунанд, чун **банголӣ** ва **маккӣ** ба маънии бошандаи Бангол ё бошандаи Макка” [60, 43]. Проф. Ш.Рустамов оид ба пасванди **-ӣ** гуфтааст, ки сифатҳои бо ёрии унсури калимасози мазкур сохташуда аз нуқтаи назари маъно ба 6 навъ гурӯҳбандӣ шудааст, аз қабили мансубият, таъйинот, нисбат ба макон ва нисбати замон [67, 47].

Н.Маъсумӣ ҳам дар хусуси пасванди номбурда чунин қайд намудааст: “Дар забони асарҳои С.Айнӣ, аз он ҷумла дар “Марги судхӯр”, бисёр кор фармуда шудани сифатҳои нисбӣ бо суффикҳои **-ӣ** ва **-гӣ** характернок мебошад” [43, 182].

Маъмулан, дар осори муқоисашаванда унсури калимасози номбурда дар ташаккули як силсила сифатҳои нисбии аз дигар ҳиссаҳои нутқ созмонёфта ҳиссагузорӣ намудааст:

а). Аз исмҳои гуногун сифати нисбӣ [7, 148] месозад: навозиши **султонӣ** [3, 70/136], шахси исёнкори **хуросонӣ** [1, 240], умарои **эронӣ** [3, 71/138], забони ҳозираи **тоҷикӣ** [1, 234], дарбори **хоқонӣ** [3, 72/139], ҷодугари **афсонавӣ** [1, 236], умарои **тӯронӣ** [3, 72/140], ҷамоаи **қаршигӣ** [1, 200]: Нуъуте *(ҷамъи наът, ситоишҳо дар васфи пайғамбари ислом – А.Б.),* ки тоирони шавоҳиқи *(шакли ҷамъи шоҳиқа, баландиҳо, табақаҳои баланд, пуршукӯҳ – А.Б.)* **малакутӣ** ба нағамоти **сабуҳӣ** сароянд… [3, 3/3]; …дар назари хонанда як найрангбози одӣ ва як ҷодугари **афсонавӣ** барин карда нишон додаанд [1, 236].

...мисли як тӯқуз ғулом ва ҷорияи қалмоқ ва як тӯқуз ҷонвар аз шунқору шоҳину боз ва чанд даст найза ва асби тулфор, ки рӯйида аз **асби абӣ** аст, ҳиммати гаронмояи амири комгор дар ҳаракат омада, дасти ҷуд ба домани эҳсон афшонд [3, 206/409].

Дар мисоли фавқ Карминагӣ аз вомвожаи арабии **аб** ба воситаи унсури калимасози номбурда сифати нисбӣ сохта, ки **асби абӣ** ба маънии **асби зотӣ** корбаст гардидааст. Аммо дар осори устод Айнӣ ба чашм нарасид. Вале метавон ин сифатро бо гунаи дигар шарҳ дод: вожаи абиййун дар арабӣ маънии “саркаш”-ро дорад [178, 3.1, 47]. Аз яқин дур нест, ки Карминагӣ ибораи “аспи абӣ”-ро ба маънии “аспи саркаш” ба кор бурда бошад. Дар ҳар сурат, мо на вожаи “абӣ” ва на ибораи “аспи абӣ”-ро ба ин маънии дар фарҳангҳои мавриди истифодаи мо дучор нашудем ва ин бори дигар исбот мекунад, ки сарчашмаҳои мансури мо то кадом андоза эҳтиёҷ ба тадқиқу баррасӣ доранд ва метавонанд дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ кумак расонанд.

б). Аз исмҳои маънӣ сифат сохтааст, ки ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҳам ин усул хос мебошад, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда хеле фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд: иродаи **азалӣ** [3, 15/25, 17/29, 59/113, 70/135, 90/178, 213/423, 214/425, 218/433, 220/437, 221/439, 225/447, 237/471, 259/515, 268/533, 277/552], хонаҳои **хусусӣ** [2, 76, 99, 106, 124, 130, 131, 131, 131, 142, 143, 143, 145, 145, 146, 146, 180, 186; 1, 89, 95],

афкори **умумӣ** [2, 40, 50, 61, 119, 121, 122, 143, 144, 144, 145, 147, 153; 1, 89, 95, 148, 197, 216, 218, 220, 238, 242, 272, 273], ҳуҷуми **қатъӣ** ва **умумӣ** [1, 229], дарсҳои **динӣ** [2, 31; 1, 18, 276], гоҳи **маъзулӣ** [2, 132]: ...табъи ифозатосори асолатшиори ҷаҳонпаноҳиро бино бар изҳори сифоти ҷибиллӣ ва ибрози камолоти азиз майл ба истикшофи **улуми ақлӣ** ва **фунуни нақлӣ** рӯ дод [3, 4/6]; Оммаи мардум, ки аз зулми **миллӣ, молӣ, сиёсӣ** ва **динии** арабҳо ба танг омада буданд [1, 276]; …уламо аз исботи ҳаром будани мактаб ба далоили **ақливу нақлӣ** оҷиз омаданд… [2, 70].

в). Аз исмҳои мураккаб сифат сохтааст: мактаби **алифбохонӣ** [2, 163], замири **ирамтахмирӣ** [3, 5/7], намояндаҳои **ғайрирасмӣ** [2, 174], ҳаводиси **турракушойӣ** [3, 5/7], гули **шодмонӣ** [3, 5/7], табли **шодмонӣ** [1, 151; 2, 115], ҷашни **шодмонӣ** [2, 156], давлати **соҳибқиронӣ** [3, 7/11]: Балки фурӯғи ин меҳри сипеҳри сарварӣ ва шуои ин наййири **саодатахтарӣ** битадриҷи-л-айййом ва марри-л-лайолӣ аз ҷабини мубини обои улвӣ ва аз ҷайбу домони уммаҳоти сифлӣ сотеъ ва ломеъ ояд [3, 6/9]; …ҳамаи ҳимматашро дар манъи мактаби **алифбохонӣ** сарф мекард [2, 163].

Дар осори забоншиносии ҳозираи тоҷикӣ [19, 140; 27, 192] **-гӣ** ҳамчун алломорф, яъне гунаи дигари морфемаи **-ӣ** ба қалам дода шудааст, ки танҳо пас аз садонокҳои **а, е, ӯ** ва ойтбарсари **ё** навишта мешавад. Гузашта аз ин, метавон қайд кард, ки ба воситаи **-гӣ** аз исму сифатҳои нисбии мансуб ба маҳал сохтани сифати нисбии дуюм, ки нишондиҳандаи мансубияти аломате ба аҳли маҳал аст, яке аз вежагиҳои фарқкунандаи морфологии забони осори устод Айнӣ мебошад, ки ин вежагӣ онро аз забони асари Карминагӣ фарқ мекунонад. Дар ин хусус Н.Маъсумӣ чунин қайд намудааст: “Калимаҳое, ки бо садонок тамом шуда, **-гӣ** қабул кардаанд, аз онҳо бо роҳи дубора илова кардани **-гӣ** сифат сохтан мумкин нест” [43, 184]. Бо вуҷуди ин, чунин мисолҳоро мо дар забони осори устод Айнӣ дучор шудем: тӯқсобои **ҷаъфаригӣ** [4, 263]: Магар намебинед, ки Абдуллобойбачаи **ҷаъфаригӣ** бо вуҷуди аз авлоди ғуломон буданаш аз бойҳои якуми тумани Ғиҷдувон

шудааст [4, 267]; …бехонумони бекасу кӯйро низ ба тухмати **эронигӣ** куштанд [2, 83].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ инкишоф наёфтани чунин усули сифатсозӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки ин хулоса нишоне аз услуби хоси устод Айнӣ мебошад, ки шояд дар зери таъсири шеваи Бухорову Самарқанд пайдо шуда бошад.

Ҳамчунин, пасванди **-она** (**-ёна, -гона** ва **-вона**) яке аз унсурҳои вожасози сермаҳсул дар забони осори давраҳои қиёсшаванда ба ҳисоб меравад. Ҳангоми таҳқиқ аён гашт, ки дар осори мавриди омӯзиш он аз нигоҳи корбурд ва ташаккули калимаҳои сохта нақши муассир доштааст:

**-аз исмҳои содаи тоҷикӣ** [1; 2; 3]: суханҳои **густохона** (1 маротиба) [3, 15/26], ҷангҳои / ҳамлаи / ҳиммати **мардона** (4 маротиба) [3, 26/48, 186/370, 158/313], либосҳои **занона** [1, 39], кӯшишҳои **мардона** [1, 83], анҷуманҳои **озодона** [1, 152], назари **душманона** [1, 204], муштариёни **солона** [2, 159]: Ҳиммати **мардонаи** амири зишавкати олизинат бар он дошт [3, 147/292]; Фирқае, ки яке аз бузургони ӯ ба як тавсияи **дӯстона** ба ҳамин дараҷа дур аз мантиқ муомила мекунад... [2, 180].

**-аз исму сифатҳои содаи арабӣ** [1; 2; 3]: насоеҳи **мулукона** [3, 48/91], ҳаёти **файласуфона** [2, 208], ғазаби / тааррузи / муомилаи **ваҳшиёна** [1, 269, 2, 226, 213], мавоиз ва насоеҳи **мушфиқона** [1, 64], муомилаи **разилона** [1, 93], унвони **аминона** [1, 98], ҳаракоти **маҷнунона** ва **мағрурона** [1, 104], таассуби **ҷоҳилона** [1, 127], ҳуҷраи **фақирона** [2, 42], тариқи **маъюсона** [2, 71], танқидоти сахт **муҳаққона** [2, 73], шикоятҳои **хоинона** [2, 101], маслиҳати **самимона** [2, 101], назари **ҳассосона** [2, 138]: ...ин **ақидаи авомонае**, ки дар ҳаққи ӯ машҳур шуда буд... [1, 236]; …он шайхро ба итоби **ғойибона** ба адабу эҳтирози **лоиқона** мутанаббеҳ сохт… [3, 165/328].

Дар ҳамин асос, метавон гуфт, ки дар асари таърихии а.XVIII бо ёрии **-она** танҳо аз исмҳои содаи арабии **мулук** (21 маротиба), **ғойиб** ва **лоиқ** (1 маротибагӣ) сифатҳои сохта мавриди истифода қарор гирифта, аммо дар осори таърихии а.XX дар маҷмуъ аз [1] 13к./23м. ва [2] 20к./24м. исмҳову

сифатҳои содаи арабӣ ба воситаи унсури вожасози номбурда як қатор сифатҳои сохта бамаврид корбаст шудаанд [ниг.ба замимаҳои № 2.2.2 (а) ва (б)].

Бояд қайд намуд, ки дар асари Карминагӣ дар аксар ҳол аз калимаҳои ифодакунандаи мулк, шоҳ ва дарбори шоҳӣ сифатҳои сохта созмон ёфтаанд. Ин ҳодиса яке хусусиятҳои фарққкунандаи асар мебошад, ки дар асари [1] устод Айнӣ танҳо иморатҳои **шоҳона** (1 маротиба) ба чашм расид: авотифи / мавоиди / ифтихори / ҷашни / алтофи / илтифоти / ҳиммати / ташрифоти / ишфоқи / ниъамоти / тӯйи **хусравона** (14 маротиба) [3, 31/57, 48/81, 83/164, 214/426, 226/450, 234/466, 229/456, 232/462, 245/488, 249/495, 269/536, 271/540, 275/547, 286/570], ишфоқи / насоеҳи / ташрифи / ташрифоти / ҷашни / хилъатҳои / сарупойи / базме / ойини / либосҳои / ҷашни **/** шарафи/ инъоми / тӯйи **мулукона** (21 маротиба) [3, 36/67, 57/110, 48/91, 80/157, 84/165, 173/344, 220/438, 206/409, 209/415. 215/427, 225/447, 226/450, 239/476, 241/479, 243/484, 249/495, 254/506, 256/509, 269/536, 286/569, 286/570], навозиши / тӯйи / ҳиммати / ташрифи / мавоиди / ташрифоти / эҳтироми / базми **шоҳона** (8 маротиба) [3, 208/413, 214/426, 226/450, 234/466, 234/466, 248/493, 249/495, 286/570], инъоми / инъомоти / иноёти / навозиши **подшоҳона** (6 маротиба) [3, 239/476, 80/157, 248/493, 263/523, 263/524, 269/536], ташрифоти **мулукона** ва инъомоти **подшоҳона** [3, 80/157], тӯйи **шоҳонаву** ҷашни **хусравона** [3, 214/426]: ...бо Алимуроди қалпоқ ва Амонбоқӣ ва ҷамъе, ки сардафтари шӯру шар буданд, иноёти **подшоҳонаро** эълом кард... [3, 263/523]; Худ аз пули хазина ва мусодара иморатҳои **шоҳона** меандохт [1, 40].

Ҳамчунин, дар осори [1; 2] устод Айнӣ як силсила калимаҳои сохтаву мураккаб бо пасванди **-она** ташаккул ёфта, ба ҳайси сифат баромад кардаанд, ки ин гуна сифатҳоро боре ҳам Карминагӣ мавриди истифода қарор надодааст, аз ҷумла *пешванд+исм+-она*: куштορҳои **бераҳмона** [1, 211], зарбу лати **бераҳмона** [2, 62], ҳаракоти **бетадбирона** [2, 173], *пешванд+асоси замони гузашта+пасванд+-она*: кори **бедодгарона** [1, 279], *исм+исм+-она:* ҳаракати **танқидкорона** [1, 99], **инқилобкорна** [1, 145], ҳаракати

**ислоҳоткорона** [1, 148], ҳаракатҳои **фасодкорона** [1, 153], нийяти **хиёнаткорона** [1, 157], ваъдаҳои **иқноъкорона** [2, 225], фармони **риёкорона** [1, 159, 182], *исм+асоси замони ҳозира+-она:* назари **мӯшикофона** [1, 99], ҳаракоти **ҳақгӯёна** [1, 99], афкори **ислоҳотхоҳона** [1, 147], ҳаракати **қонуншиканона** [1, 147], гуфтугӯҳои **фитнаангезона** [2, 93], муомилаи **номусшиканона** [2, 252], *ҷонишин+исм+-она:* тааддиҳои х**удсарона** [1, 127], рафторҳои **худсарона** [1, 158, 169; 2, 183]: Ба фармонҳои **адолатпарваронаи** амир эҳтиром мекард [2, 117]; Намояндагони элчихонаи Русия ба ҳаракатҳои **ислоҳотхоҳонаи** ҷавонбухориён аз ҳукумати амир ҳам бошиддаттар монеъ буданд [1, 147].

Дигар пасванди сифатсози серистеъмоли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ **-нок** ба шумор меравад, ки он бо исмҳо ва сифатҳо омада, сифати аслие месозад, ки ба аломати асосии калима соҳиб буданро мефаҳмонад. Дар асари Карминагӣ унсури вожасози номбурда барои созмонёбии чор калима, аз ҷумла маорики **ҳавлнок** [3, 103/203, 17/30, 233/464], ҳодисаи **саҳмнок** [3, 106/209], дидаи **намнок** [3, 124/246], мавзеи **хатарнок** [3, 263/524]: …аз ваҳшати ин ҳодисаи **саҳмнок** дар бими хатару ҳалок афтод [3, 106/209] ва дар осори [1; 2] устод Айнӣ ҷиҳати ташаккули ҳафт калима, ба амсоли ҷанги **шиддатнок** [1, 251], кори **зарарнок** [2, 178], фоҷиаи **даҳшатнок** [1, 267], маълумоти **асоснок** [2, 76], ривояҳои **ихтилофнок** [1, 154]: Мо дар ин ҷо барои мисол якчанд **воқеаи характернокро** нақл мекунем [1, 204]; Ба забони форсӣ ва арабӣ гап мезад ва сухани ӯ бофасоҳат ва **балоғатнок** буд [1, 212] мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ба каммаҳсул будани он дар забони осори давраҳои қиёсшаванда ишорат мекунад.

Муаллифони осори қиёсшаванда дар мавридҳои алоҳида пасванди -**манд**ро корбаст намудаанд, ки онҳо асосан аз исмҳо созмон ёфтаанд, аз ҷумла: насоеҳи **судманд** [3, 25/46, 30/56, 265/527, 282/561, 290/577], атоёи **арҷманд** [3, 32/60, 41/77, 42/79, 94/185, 99/196, 100/197, 108/214, 177/351, 178/353, 222/442, 255/507, 265/527], тотори **ҳамиятманд** [2, 85], ниҳоли **арҷманд** [3, 83/164, 246/490], мардумони **тануманд** [2, 220], сафҳаи

**ниёзманд** [3, 144/286], кори **судманд** [1, 74]: ...марди соҳибқалами ғаюри **ҳунарманд** буд [2, 125]; ...ҷаноби ӯро ба атоёи **арҷманд** ва бо ниамоти беназиру монанд хушдил сохт... [3, 32/60].

Мисолҳои бо **-манд** омада, шаҳодат бар он мекунад, ки пасванди мазкур ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва ҳам дар қарнҳои XVIII ва XX сермаҳсул маҳсуб мешавад: Амири кабир аз шунидани ин калимот мутаассир шуда, насоеҳи **судманд** ҷиҳати мумонаъати фарзанди комгори **арҷманд** ба кор бурд… [3, 30/56]; Мумоилайҳ ҷавони фозил, боҳамият, **донишманд** буд [2, 100].

Вале муҳаққиқ М.Калонова **-манд**ро яке аз пасвандҳои камистеъмоли девони мавриди таҳқиқи хеш меҳисобад ва роҷеъ ба воҳиди мазкур чунин қайд мекунад: “Ин дар ғазалиёти Ҳофиз ҳамагӣ 3 бор дар сохтани ду калима – **саодатманд** ва **дардманд** омадааст” [124, 28].

Боиси тазаккур аст, ки бархе аз пасвандҳои сифатсозе, ки дар охири а.XVII ва ибтидои а.XVIII дар калимасозӣ маҳдуд буданд, имрӯз низ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ каммаҳсул мебошанд: **-осо**: рикоби **ҳилолосо** [3, 185/368, 188/374, 233/463]; **-фом**: сипеҳри **фирӯзафом** [3, 104/206], сипеҳри **минофом** [3, 206/409]; **-сор**: ҷамоаи **гургсор** [3, 199/395]; **-ина**: кинаи **дерина** [3, 111/220]; **-вар**: тири **борвар** [3, 120/237] ва **-ваш**: сипоҳи **ҳабашиваш** [3, 92/182, 121/240]. Ҳамаи пасвандҳои фавқуззикр ба маънои асоси калима шабоҳат доштан ё ин ки соҳиб будани аломату хислатро ифода мекунанд: …рӯзи сешанбе салхи моҳи мазкур, ки хусрави ховар аз чиргаҳи улкои хитои машриқ оҳанги савории тасхири сипеҳри **фирӯзафом** намуда, ба қасди қалъаи гардунсанҷи оламафрӯзӣ ва дамомаи аъдосӯзӣ навохт… [3, 104/206]. Дар идомаи баёни ин матлаб метавон чунин ибрози ақида кард, ки дар осори [1; 2; 4] устод Айнӣ аз миёни пасвандҳои зикршуда ҳамагӣ –**осо**: ҷунбиши **барқосо** [1, 229], оби **ашкосо** [4, 346] ва **-ина**: асбоби **заррина** ва **симина** [1, 202], интиқоми **дерина** [1, 77], ҳавлии **бемардина** [4, 167] истифода шуда, каммаҳсул низ мебошанд ва мисолҳои зерин шаҳодати ин қайдҳост: …ба як ҷунбиши **барқосо** мубаддал гардидани онро нишон

медиҳад [1, 229]; “Таърихи Табарӣ” “…чун Қутайба Пайкандро бикушод, чандон асбоби **заррина** ва **симинаи** аз они занон (асбоби зинатии занона) ёфт” [1, 202, 282]; Элчихонаи рус боз ба тадохули аскар мумонаат карда, толеи ҷавонбухороиёни маҳбусро, ки душмани **деринааш** буданд... [1, 164].

Забоншинос С.М. Сабзаев низ пасвандҳои сифатсози **-ур, -гун, -о, -ваш, -ин, -фом** ва **-ина**ро унсурҳои вожасози каммаҳсул меҳисобад [71, 66]. Ба ғайр аз ин, ҳини омӯзиши ҳаматарафаи мавзуи мавриди назар маълум шуд, ки истифодаи як қатор пасвандҳои сифатсози забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз қабили **-гун, -гуна, -ак (-як), -акак (-якак), - гин, -со, -сон, -ур, -гона, -огин, -акӣ** ва **-чак** ба забони таърихномаи “Туҳфат-ул-хонӣ” характернок нестанд. Лек дар забони осори устод Айнӣ аз миёни унсурҳои вожасози фавқуззикр танҳо **-ак, -гин**, **-гун**, **-ин** ва **-огин** мавриди истифода қарор гирифта, аз ваҷҳи истеъмол онҳо мухталифанд. Масалан, пасванди **-ин** дар забони осори таърихии устод Айнӣ яке аз унсурҳои калимасози сермаҳсул мебошад. Ҳини омӯзишу қиёс маълум шуд, ки он бағоят васеъ корбаст шудаанд: ҷангҳои **хунин** [1, 202, 217, 276, 228, 230, 251, 255], бухорхудоти **охирин** [1, 196, 213, 213, 215, 217, 221, 221, 221, 276, 242, 252, 272, 275, 284, 284], кӯзаҳои **заррин** ва **симин** [1, 200], ҳуҷуми **аввалин** [1, 200, 220, 276], ҷомаҳои **абрешимин** [1, 282], девори баланди **сангин** [1, 246], нутқҳои **оташин** [2, 195, 226, 233]: ....ба зоҳири ҳоли ин дипломати **сангин** ва сиёсидони матин... [2, 227]; ...аз он ҷо барбатҳо, танбӯрҳо, кӯзаҳои **заррин** ва **симини** шаробандозӣ ва умуман асбобҳои маҷлиси айшу тараб ёфта...[1, 200].

Абумуслим марди миёнақад, **гандумгун**, хушманзар, ширинсухан, фарохчашм ва паҳнпешонӣ буд [1, 212].

Ҳамчунин, дар асари таърихии [1] устод Айнӣ пасванди **-гун** танҳо як маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ҳангоми омӯзиш маълум шуд, ки унсури вожасози номбурда яке аз пасвандҳои каммаҳсул ба ҳисоб мерафтааст.

**Пасванди -вор**. Мусаллам аст, ки пасванди **-вор** ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [ниг.ба: 19, 143; 139, 296; 52, 57-59] ҳамчун пасванди муштарак, яъне сифатсозу зарфсоз маънидод гаштааст. Дар ФТЗТ пасванди **-вор** чунин ташреҳ ёфтааст: "**-вор** ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маъноҳои монанд, мисл (одамвор, мардвор), лоиқ, арзанда ба чизе (сазовор, бузургвор, шоҳвор), миқдори ягон чиз, ки аз он чизе сохта шавад (ҷомавор мас., як ҷомавор чит), дорандаи чизе (умедвор, сӯгвор)" [180, -ҷ1., 284].

Ҳамчунин, Ф.Мирзоёров дар мақолаи хеш "Шарҳи баъзе пасвандҳои калимасоз дар "Фарҳанги Рашидӣ" оид ба вазифаи ин пасванд чунин таъкид намудааст: "Пасвандҳое, ки ба калима маънои лаёқат мебахшанд. Ин маънӣ дар луғати тафсирии "Фарҳанги Рашидӣ" бо ду пасванд **-вор** ва **-она** баён шудааст, ки ҳар ду дар забони муосири тоҷикӣ сифатсозанд" [49, 87]. Пасвандҳои фавқуззикр на танҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, балки дар дигар осори пешину пасин, аз ҷумла "Туҳфат-ул-хонӣ" вазифаи пасванҳои сифатсозу зарфсозро дошта, он муштарак маҳсуб мешавад. Омӯзишу таҳқиқи пасванди муштараквазифаи **-вор** дар забони асари таърихии а.XVIII нишон дод, ки он дар ташаккули сифатҳои сохта яке аз пасвандҳои сермаҳсул буда, нақшаш дар калимасозӣ муассир аст: амири **бузургвор** (22 маротиба) [3, 9/16, 10/17, 17/29, 22/40, 24/44, 30/55, 32/59, 32/60, 34/64, 38/72, 41/78, 41/78, 42/79, 47/90, 48/91, 213/423, 261/519, 274/545, 275/548, 277/551, 280/557, 285/567], гавҳари **шоҳвор** [3, 82/162, 200/397, 222/442], аспони **роҳвор** (7 маротиба) [3, 202/402, 204/406, 232/462, 250/498, 286/569, 286/570, 291/580], маносиби **сазовор** [3, 231/459]: Чун амири **бузургвори** саодатосор аз тавотури машийяти (*хостан, хоҳиш – А.Б.)* илоҳӣ ва тародуфи мавҳабати *(истеъдод – А.Б.)* номутаноҳӣ тайи мақомоти иёлатдастгоҳӣ намуд [3, 8/14]; ...асҳоби тараффуъ ва шаҳомат аз ин ҷавоҳири обдор ва дуррҳои **шоҳвор** музайяну муҷалло ва мурассаъу мусаффо гардид... [3, 83/163].

Дар идомаи матлаб метавон афзуд, ки пасванди-**вор** ҳамчун унсури сифатсоз дар асари таърихии устод Айнӣ хеле каммаҳсул буда, танҳо сифати

сохтаи “уламои **бузургвор** [2, 42]”-ро як маротиба дарёфтем, аммо дар романи таърихӣ-бадеии “Ғуломон”-и устод Айнӣ **-вор** дар ташаккули чанд сифатҳои сохта ҳиссагузорӣ намудааст: **нӯги найзавор** [4, 137]; лаълиҳои **ширавор** [4, 152]; чӯби **каланддаставор** [4, 226]; ҷасади калони **харвор** [4, 169]: Биё, биё! Аз он забони шаккаргуфтор, ки он сухани **асалворро** гуфт, як бӯсам, – гӯён сари ӯро пештар кашид [4, 458]; ...аз ҳаракатҳои **девонавори** бемор ба тааҷҷуб омада ба ӯ нигоҳ карда истода буд [4, 113]; ...“Ситораи мустақим”, ки маҷмуаи илмию динӣ буд, дар Истанбул ба зери идораи уламои **бузургвори** динӣ нашр мешуд [2, 42].

Ҳамчунин пасванди **-гар** яке аз пасвандҳои сифатсоз ва муштараквазифа маҳсуб ёфта, ба аломату хусусияте соҳиб будани предметро мефаҳмонад, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда он дар ташаккули чанд сифатҳои сохта ҳиссагузорӣ намудааст. Аз мисолҳои гирдоварда аён гашт, ки унсури вожасози мазкур каммаҳсул будааст: аъдои **фитнагар** [3, 9/16, 11/20, 13/23, 46/88], дости **даравгар** [3, 267/531]: …аммо чун боди зафару нусрат аз ҷониби сипоҳи бошавкат вазид, сад рӯбоҳи **ҳилагар** дар муқобалаи ҳар як аз ин шеронмардум дарнатавонист муқовамат кардан… [3, 114/225]; Аз ин ҷуръати аъдои **фитнагар** амири сутудасияр аз лашкаргоҳи қарияи Ҳазора дар ҷунбиш омад [3, 11/20]; Охир ба баҳонаи мурофиаи як нафар раияи **фиребгари** Рус азли қозии мазкурро аз амир хост [2, 145]; ...хоҳ дини исломро қабул карда бошанд ва хоҳ не, ба арабҳои **истилогар** бо назари душманонаи бисёр сахт ва бо чашми ғазабу нафрати пуршиддат нигоҳ мекарданд... [1, 204, 220, 221, 232, 242, 243, 244, 268, 269, 269, 270, 276].

Чун анъана, пасванди **-он** дар забони осори давраҳои қиёсшаванда монанди забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз асоси замони ҳозираи феъл дар созмони сифатҳои сохта ширкат меварзад ва он дар ҷараёни омӯзиш дар таркиби чунин калимаҳои сохта ба чашм расид: нақши **тобон** [3, 6/10], моҳи **тобон** [4, 58, 157], офтоби **тобон** [3, 36/67], офтоби **сӯзон** [4, 176, 424], меҳри **тобон** [3, 210/417], мисоли **дурахшон** [1, 174], маҳи **тобон** [3, 126/250]. Аз мисолҳои фавқуззикр аён мегардад, ки дараҷаи истеъмоли сифатҳои сохтаи

боло дар осори устод Айнӣ нисбат ба забони “Тухфат-ул-хонӣ” камтар мавриди истифода қарор гирифтааст: ...боргоҳи кибриё бар коффаи оламиён чун меҳри **тобон** равшан ва намоён ъало марри-ш-шуҳури ва-л-аъвом маориҷи улия ва мадориҷи разия расонида... [3, 231/459]; Дар ҷанги чингизиён мудофиаи Толиқон ҳам намунаи **дурахшони** қаҳрамонии аҳолӣ шуда метавонад [1, 36].

## II.3. Истифодаи вандгунаҳо дар забони осори давраҳои қиёсшаванда

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ як гурӯҳ калимаҳои решагӣ ҳастанд, ки аз ҷиҳати вазифа ва ифодаи маънои луғавӣ ва сохти грамматикӣ ба аффиксҳо шабоҳат доранд. Дар забоншиносӣ чунин морфемаҳоро “аффиксоид” ё худ бо истилоҳҳои “вандгуна” (“пешвандгуна”; “пасвандгуна”) ном мебаранд. Забоншинос Ш.Бобомуродов дар иртибот ба мавзуи омӯзиш морфемаҳои **хуш-, пур-, сер-, бад-, -ранг, сар-, дил-,** асосҳои феъл: **-овар, -ангез, -дор, -бахш, -омез, -шинос, -соз, -боз**ро қайд намуда, онҳоро яке аз унсурҳои сермаҳсули исму сифатҳои мураккабсоз меҳисобад [174]. Бояд қайд намуд, ки калимаҳои мураккабе ҳастанд, ки ҷузъҳои таркиби онҳо аз рӯйи маънову вазифа аз ҳамдигар тафовут доранд: дар онҳо як ҷузъ мустақилияти маъноии худро нигоҳ медорад, ҷузъи дигар воҳидест, дар асоси маънои аслии худ вазифаи унсури ёридиҳандаро адо мекунад. Чунин унсурҳо дар ҳар як марҳалаи таърихии рушди забони тоҷикӣ дучор мешаванд. Таҳлили қиёсии забони осори давраҳои муқоисашаванда аз ин дарак медиҳад, ки морфемаҳои **бад-, пур-, соҳиб-, суъ-(=бад), хуш-,** пасвандгунаҳои **-ангез, -андоз, -бахш, -бардор(ӣ), -боз, -бош(ӣ), -гир(ӣ), -дор(ӣ), -каш, -кор, -обод, -овар, -омез, -пазир, -ранг, -санҷ, -сифат, -соз, -фароз, -фаро, -фурӯш, -хона, -шинос**-ро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба воситаҳои онҳо сифатҳои мураккаб таркиб ёфтаанд.

### II.3.1. Дараҷаи корбурди баъзе пешвандгунаҳо

Чун анъана, дар забони осори қиёсшаванда пешвандгунаҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, аз ҷумла **пур-, хуш-, бад-** ва **соҳиб-** дар мавридҳои алоҳида истифода шудаанд, ки яке аз пешвандгунаҳои сермаҳсули асари

таърихии а.XVIII **пур-** ба ҳисоб рафта, дар аксар ҳолат воҳиди мазкур сифатҳои мураккаб сохтааст. Метавон гуфт, ки **пур-** дар осори таърихии а.XX дар ташаккули сифатҳои мураккаб кам ҳиссагузорӣ намудааст, ки аз ин рӯ, он яке аз пешвандгунаҳои каммаҳсул мебошад. Дар забони осори давраҳои қиёсшаванда бо пешвандгунаи **пур-** дар маҷмуъ 66к./142м. аз он дар [3] 51к./122м., дар [1] 14к./19м. ва дар [2] 1к./1м. [ниг.ба замимаи № 2.3.1 (а)] сохта шудааст, ки онҳоро аз рӯйи ифодаи маъно, сохти морфологӣ ва ваҷҳи корбурд метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд:

1). Сифатҳои мураккаби ифодагари ғуну фаровонӣ: **чамани пургул=сергул, водии пургиёҳ=сергиёҳ**, хазинаи **пурганҷ** [1, 284], сарои **пурбор** ва растаҳои **пурмолу** матоъ [1, 185]: …урдуи ҷалолатманот бо касрату иҷтимоъ ва инбисоти вусъати майдонӣ рӯз ба рӯз пушти муқаддимаи сипоҳ ва сатҳи музориоти он водии **пургиёҳ** нозил гардид… [3, 158/314].

Дар истифодаи вомвожаҳои арабиву туркӣ бо вожаҳои аслии тоҷикӣ як навъ омезиш ба назар расид. Карминагӣ пешвандгунаи **пур-**ро барои сохтани сифатҳои мураккаб вомвожаи арабӣ ва тоҷикии ба якдигар муродиф, ба мисли **пур+об** (тоҷикӣ) = **пур+моъ** (арабӣ) мавриди истифода қарор додааст. Ҳини пажуҳиш маълум гардид, ки **пурмоъ** ҳамагӣ як маротиба аз ҷониби муаллифи асар корбаст шудааст. Зимнан, бояд қайд намуд, ки ба чунин сохти грамматикӣ - **пурмоъ** шакл гирифтани калима ҳам ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва ҳам ба забони осори устод Айнӣ хос нест: …бо ҳазорон дидаи пурнам рафтанд ва дар соҳили он баҳри **пурмоъ** мазмуни ман йуфсиду фиҳо ва йасфику-д-димоа зоҳиру ҳувайдо гашт… [3, 74/143]; Тӯқсобаи мазкур озуқаи одамро маа алиқи давоб бо машкҳои **пуроб** ҳозир намуда, ба уштурҳо бор кард [1, 79]; …волиди бузургвори амири комгор тавъан ав карҳан бо дили хароб ва дидаи **пуроб** нури ҳадиқаи давлатро бо таҷҳизи асоси ҳашамату бахтиёрӣ саркардаи он даҳ ҳазор савор сохта… [3, 37/69].

Мисоли болоӣ ба монанди **дидаи пуроб** ва **дидаи пурнам=ашкбор** аз рӯйи ифодаи маъно муродифанд.

2). Муаллифони осори муқоисашаванда бо ёрии пешвандгунаи **пур-** аз исмҳои тоҷикӣ як силсила сифатҳои мураккаб сохтаанд: савлати **пургирудор** [3, 60/115], гирдобгоҳи **пурошӯб** [3, 13/23], дараи **пуршукӯҳ** [3, 216/430], машкҳои **пуроб** [1, 79], мутаҳаввирони **пуркина** [3, 68/131], танӯри **пуроташ** [1, 264, 267], ҷавонони **пурдил** [3, 23/42], суханҳои **пурдашном** [1, 270], ҳунарҳои... **пурбаҳо** [1, 198], сарои **пурбор** [1, 185], зиндагонии **пурошӯб** [1, 270]: ...худро аз миёни он баҳри **пурошӯб** бар карон кашад... [3, 187/372]; ... ин сарзамин, ки хазинаи **пурганҷ** ва бӯстони беранҷи давлатии хилофат аст, аз дасташ мебарояд [1, 284].

3). Гузашта аз ин, бо калимаҳои арабӣ низ дар ағлаби ҳол сифатҳои мураккаб сохта шудаанд, ки дар асари таърихии а.XVIII хеле фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд: ғамоми **пуримтинон** [3, 189/376], узри **пурғавӣ** [3, 194/386], қалъаи **пурашрор** [3, 133/264], ҷамоаи **пурҳарос** [3, 120/238], қалъаи **пурхайр** [3, 114/226], салотини **пурнифоқ** [3, 253/503], маҳшари **пуризтироб** [3, 87/172], ғуломони **пурвасвос** [3, 36/67], ҳоли **пурмалол** [2, 230], ашёи **пурқимат** [1, 279], ташкилотчиёни **пуриқтидор** [1, 216], нафрати **пуршиддат** [1, 204], коргоҳи **пурҳосил** [1, 211]: Муддати ду моҳ сари **пурғурури** ӯро бар доре, ки дар Регистони шаҳри Бухоро насб ёфта буд [3, 269/536]; ...ҳамаи аҳолии Кеш ва Нахшабро ба худ тобеъ кард ва аз одамони **пуриқтидори** он ҷо доиён тайёр намуда... [1, 244].

Ҳангоми қиёсу баррасӣ маълум шуд, ки дар “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”-и устод Айнӣ пешвандгунаи **пур-** танҳо як маротиба дар сохтани сифати мураккаби **пурмалол** мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ин бори дигар собит намуд, ки воҳиди мазкур дар осори муқоисашаванди [1; 2] устод Айнӣ каммаҳсул будааст: ...тамоми шаб бедор будем ва аз ҳоли **пурмалоли** ин ҷавони беозори рақиқулқалб риққат дар риққатам меафзуд [2, 230].

4). Муаллифони осори муқоисашаванда як гурӯҳ вожаҳоро бо ҷузъи **пур-** корбаст намудаанд, ки ҳолати руҳии инсонро ифода мекунанд: сари **пурнахвату** ғурур [3, 75/147], ботини **пурнахвату** ғурур [3, 109/216], дили

**пуркина** [3, 14/25], синаи **пуркина** [3, 121/239, 160/318], хотири **пуршӯриш** [3, 22/39]: …аз ҷониби осмон бар болои манзилу маъвои он муфсидон фуруз оварда, сари **пурнахвату** гардани тамоми иноди он қавми бадниҳодро нарм гардонанд [3, 280/558]; …балки мурдаҳои душманашонро ҳам таҳқир карда, дили **пуркинаи** худро ором медоданд [1, 269].

Бояд қайд намуд, ки устод Айнӣ сифати мураккаби **пуркина**ро бо ёрии пешвандгунаи номбурда сохтааст, ки танҳо як маротиба дар “Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ” ба чашм расид.

5). Ҳини ҷамъоварии мисолҳо ба як гурӯҳ калимаҳои мураккаб, аз қабили **пуримтинон, пурғавӣ, пуруббаҳат** рӯ ба рӯ шудем, ки онҳо ҳам дар “Туҳфат-ул-хонӣ” камистеъмол буда, имрӯз калимаҳои архаистӣ маҳсуб мешаванд. Аз мисолҳои бадастомада аён гардид, ки муаллифи ин асар калимаҳои мураккаби фавқуззикрро, якдафъагӣ корбаст намудааст: …бо вуфури ҷалодату касрати шавкат бо тӯбхонаҳои **пуруббаҳат**, ки сӣ адад тӯпи қалъакӯбу хумпораи барқшарора ва манҷаниқи раъдовоз буд… [3, 60/115].

Бояд зикр намуд, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда баъзе сифатҳои бо пешвандгунаи **пур-** сохташуда дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва ФТЗТ дучор мешаванд ва баъзеи онҳо [19] мавҷуд нестанд, дар ҷадвали поён онҳо ба таври муфассал оварда шудаанд.

| **Дар ФТЗТ ҳастанд** | | **Дар ФТЗТ нестанд** | |
|---|---|---|---|
| пурваҳшат [180, ҷ.2., 121] | пурфутуҳ [180, ҷ.2., 128] | пургирудор | пурвасвос |
| пургул [180, ҷ.2., 121] | пурмалол [180, ҷ.2., 124] | пурдашном | пурмуҳокима |
| пурғурур [180, ҷ.2., 122] | пурниҳеб [180, ҷ.2., 125] | пурнахват | пурмустаҷоб |
| пурдил [180, ҷ.2., 122] | пуркина [180, ҷ.2., 123] | пуртанг | пурмоъ |
| пурдаҳшат [180, ҷ.2., | пуршитоб [180, ҷ.2., | пурҳосил | пурвубол |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 122] | 130] | | |
| пурнам [180, ҷ.2., 125] | пурнур [180, ҷ.2., 124] | пурситез | пурҳарос |
| пуризтироб [180, ҷ.2., 123] | пуршуъла [180, ҷ.2., 130] | пуршӯриш | пурашрор |
| пуршавкат [180, ҷ.2., 129] | пурхатар [180, ҷ.2., 128] | пурситез | пурасос |
| пуршӯр [180, ҷ.2., 130] | пурошӯб [180, ҷ.2., 125] | пурхайр | пуровез |
| пуршукӯҳ [180, ҷ.2., 130] | пурмавҷа [180, ҷ.2., 123] | пурғавӣ | пурмол |
| пурнеъмат [180, ҷ.2., 125] | пурфитна [180, ҷ.2., 128] | пуримтинон | пуруббаҳат |
| пурҳазар [180, ҷ.2., 128] | пурҳавас [180, ҷ.2., 128] | | |
| пурмакр [180, ҷ.2., 124] | | | |

Аз рӯйи маъно ва вазифа пешвандгунаи **хуш-** дар осори мавриди қиёс ҷиҳати созмони як гурӯҳ сифатҳои мураккаб ба мисли андалебони **хушилҳон** [3, 2], булбули **хушовоз** [3, 2], мурғони **хушилҳон** [3, 45/86], булбули **хушхон** [3, 63/121], абраши **хушхиром** [3, 63/122], туъмаи **хушгувор** [3, 86/170], мазоқи **хушгувор** [3, 139/275], мутрибони **хушилҳон** [3, 185/367], шарбатҳои **хушгувор** [3, 271/540], навиди **хушҳол** [3, 278/554], **хушсифат** (коргоҳи пурҳосили **хушсифат**) [1, 211], марди **хушҳавсала** [2, 76], марди **хушманзар** [1, 212], ғуломбачаҳои **хушсурат** [1, 91, 93], дӯконҳои **хушиҷора** [1, 139] ҳиссагузорӣ кардааст. Ҷои таъкид аст, ки сифатҳои мураккаби фавқ ҳам дар забони ҳамондавра ва ҳам забони адабии ҳозираи тоҷикӣ умумиистеъмол буда, аммо доираи истифодаи пешвандгунаи **хуш-** назар ба **пур-** маҳдудтар мебошад: …мавсими оҳанги нағмасароии мурғони **хушилҳон** инони тамарруд *(шӯриш – А.Б.)* ва тағолуб *(мубориза кардан –*

*А.Б.)* аз ҷо намуда… [3, 45/86, 185/367]; Абумуслим марди миёнақад, гандумгун, **хушманзар,** ширинсухан, фарохчашм ва паҳнпешонӣ буд [1, 212].

Истифодаи пешвандгунаи **хуш-** чун муродифи пешванди **бар-** ба назар расид, ки яке аз вежагиҳои боризи осори қиёсшавандааст: фазои **хушҳаво**=барҳаво [3, 262/522]: Маблағи бузурге аз байни худ ҷамъ карда, то иди Рамазон барои мактаб як ҷои **хушҳавои** бавусъат муҳайё карданро мутааҳҳид шуданд [2, 61]; ...дар он хиттаи **хушҳаво** асокири мунташира ба имдод ва ҷорчиён ба урдуи ҳумоюн мулҳақ шуданд... [3, 219/435].

Пешвандгунаи **бад-** дар осори мавриди қиёс аз унсурҳои вожасози [3] сермаҳсул [1; 2] (ва каммаҳсул) ба ҳисоб рафта, дар аксар маврид сифатҳои мураккаб месозад ва дар дигар маврид бошад дар ташаккули исмҳои мураккаб низ ҳиссагузорӣ кардааст. Яке аз вежагиҳои фарқунандаи воҳиди мазкур дар он зоҳир мешавад, ки мавсуфи сифатҳои мураккаби бо пешвандгунаи **бад-** шаклгирифта дар ағлаби ҳол исмҳои ҷамъ ё ҷомеанд [3]. Маводи ҷамъовардаи мо ва қиёси онҳо нишон дод, ки **бад-**и осори қиёсшаванда мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз нигоҳи маъно ва сохти грамматикӣ адои вазифаи якхела доранд. Мисолҳои чунин калимаҳо дар ҷадвали зер ба таври муфассал оварда шудааст.

| **Исмҳои ҷамъ, ҷомеъ ва ҷамъи шикастаи арабие, ки ба ҳайси мавсуф омадаанд** | **Сифатҳои мураккабе, ки бо пешвандгунаи *бад-* сохта шудаанд** | **Саҳифаҳо** |
|---|---|---|
| мунозион | бадсигол | 3, 67/129, 73/141 74/144, 94/186, 106/210, 163/323, 201/399 |
| роҳзанон | бадрафиқ | 3, 18/31 |
| муфсидон | а) бадсигол; | **а)** 3, 63/122; **б)** 3, 65/126 |

| | | |
|---|---|---|
| | б) баднишон | |
| аъдо | бадахтар | 3, 25/46, 73/141 |
| равофиз | а) бадсигол;<br>б) бадомӯз | **а )** 3, 27/50, 34/63;**б)** 3, 61/117, 73/141 |
| абдол | бадсигол | 3, 234/466 |
| аҳвол | бадмаол | 3, 68/132 |
| қавм | а) бадниҳод;<br>б) бадмаош;<br>в) бадгуҳар;<br>г) бадхоҳ | **а)** 3, 26/47, 45/86, 66/127, 99/196, 280/558, 284/565; **б)** 3, 27/50, 74/144, 78/154, 85/167, 85/168, 99/196, 252/502; **в)** 3, 46/88, 72/140, 101/199; **г)** 3, 282/561, |
| ҷамоа | а) бадкирдор;<br>б) бадсиришт | **а)** 3, 73/142, 74/144, 266/529, 285/567; **б)** 3, 98/193, 159/315 |
| фирқа | а) бадсиришт;<br>б) бадмазоқ;<br>в) бадшиор;<br>г) бадсаранҷом;<br>ғ) бадлигом | **а)** 3, 14/25; **б)** 3, 68/131; **в)** 3, 86/170, 94/186; **г)** 3, 110/217, 236/470, 260/517; **ғ)** 3, 100/198 |
| мардум | бадсаранҷом | 3, 190/378 |
| фаҷира | бадойин | 3, 101/200 |

Амири шавкатдастгоҳ аз ҳаракати он қавми **бадхоҳ** огоҳ шуда, рояти ҷалодат ба ҷониби аҳли хисорат афрохт… [3, 281/559]; Бояд ғуломони **бадраг** “худамон бар болояш набошем, оқсаққол ба мо ҷавр мекунонад” [4, 123].

Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, пешвандгунаҳои **пур-, бад-, хуш-** дар забони осори мавриди қиёс ба гурӯҳи унсурҳои вожасози [3] сермаҳсул [1; 2] (ва каммаҳсул) дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳ метавон пешвандгунаи **соҳиб-**ро низ дохил намуд. Тибқи ҳисоби эҳсоии мо, Карминагӣ 124 маротиба ва устод Айнӣ [1; 2] 40 маротиба пешвандгунаи мазкурро истифода намудаанд [ниг. ба замимаи № 2.3.1 (е)]. Аз ин рӯ, метавон чунин пиндошт,

ки **соҳиб-** дар асари таърихии а.XVIII дар ташаккули калимаҳои мураккаб сермаҳсултар ба назар мерасад. Маводи ҷамъовардаи мо имкон медиҳад, ки тобишҳои маъноии **соҳиб-**и осори муқоисашавандаро чунин гурӯҳбандӣ намоем:

1) Карминагӣ бо пешвандгунаи **соҳиб-** сифатҳои мураккабе сохтааст, ки дар забони осори устод Айнӣ каммаҳсуланд, аз қабили соҳибмашраб [3, 15/26], соҳибвуҷуд [3, 82/162, 109/216, 162/321], соҳибтаъйид [3, 76/150], соҳибҳуҷум [3, 115/228, 170/337], соҳибмаснад [3, 127/251], соҳибметин [3, 160/317], соҳибтақсир [3, 211/419], соҳибиҷлол [3, 218/433], соҳибғараз [2, 253], соҳибнуфуз [1, 217; 4, 229], соҳибрушд [2, 30]: Пас мултамас аз ишфоқи он гузидаи халлоқ он, ки ароизи мо - мардуми **соҳибтақсирро** *(хоксор, бечора – А.Б.)* ба самъи ризо ва қабул исғо намояд… [3, 211/419]; аз бузургони эли Кенагас як шахси **соҳибнуфуз** буд [2, 140].

2). Дар осори қиёсшаванда пешвандгунаи **соҳиб-** дар сохтани исмҳои мураккаб низ мавриди истифода қарор гирифтааст, аз ҷумла: соҳибмансаб [1, 197], соҳибдеҳа [1, 243, 248, 254, 271, 272], соҳибоила [1, 265], соҳибҳақ [1, 281, 282], соҳибфикр [2, 34, 173, 173; 4, 66], соҳиброз [2, 109], соҳибқалам [2, 166; 4, 103, 228], соҳибҳуҷра [4, 10], соҳибсипос [3, 161/320], соҳибқирон [3, 40/75]: Ҳаққо ки чунин кирёси гардунмумос(с) ва асоси фалакиқтибос баъд аз **соҳибқирони** муайяди комрон амири мансур Темури Курагон малики атобахш аҳадеро аз салотини Эрону Тӯрон икром нафармуда [3, 21/38]; даъвои садҳо **соҳибҳаққонро** ҳукм ва иҷро мекарданд [1, 282].

Дар натиҷаи таҳлили қиёсӣ аён гашт, ки пешвандгунаи номбурда дар забони адабии осори қиёсшаванда дар созмони исмҳои мураккаб фаъолтар будааст [ниг. ба замимаҳоии № 2.3.1 (ж) ва (з)].

Вожаи **соҳиб** чун як калимаи мустақил дар забони адабии тоҷикӣ дорои чунин маъниҳост: *доранда, молики чизе, доро, давлатманд, соҳиби хату савод - соҳибхат = босавод* [180, ҷ.2, 262]. Пешвандгунаи **соҳиб-** дар “Туҳфат-ул-хонӣ” барои сохтани як гурӯҳ сифатҳои мураккаб хизмат мекунад, ки аз рӯйи ифодаи маъно ва вазифа дар забони адабии ҳозираи

тоҷикӣ муродифи вандҳои сифатсоз мебошанд. Ин гуна, вожаҳо, аз қабили *соҳибшараф = шарафманд, шарафнок, бошараф, бошарофат; соҳибсубот = босубот; соҳибнизом = бонизом* дар забони осори устод Айнӣ ба чашм нарасиданд. Дар забони осори мавриди қиёс бошад, як силсила сифатҳои мураккаб, аз ҷумла …ба суръати ҳар чи тамомтар аз вилояти Насаф ба хидмати хоқони олитабори **соҳибшараф** расониданд [3, 31/58]; Шайх Баҳлул бар лаби дарё расида, дар муҷозоту мувороти он панҷаи **соҳибсубот** омада, ишорат ба ду ангушти худ фармуд… [3, 57/109], духтарони **соҳибҷамол** [1, 266], марди **соҳибқалам** [2, 125, 151], одами **соҳибдавлат** [4, 68] мавриди истифода қарор гирифтаанд: Баъд аз сохтагии маҳомми лашкари **соҳибнизом** ҷавонони таҳамтаншиори пурдил, далерони муборазататвори душмангусел ҷавшанҳои курука ва зиреҳҳои довудӣ дар мардонагӣ афкананд… [3, 169/336]; …байни худҳо ашхосони **соҳибмашварат** ва мунавварулафкорро... [2, 185].

Бояд тазаккур дод, ки Карминагӣ дар мавридҳои алоҳида вандгунаҳоро тавъам бо пешвандгунаю пасвандгуна, пешвандҳо, пешвандгунаи арабии **зӣ, завӣ,** музоф ва музофун илайҳи ва факки артикли **ал-/,** ки аз рӯйи ифодаи маъно ва вазифа ба ҳамдигар муродифанд, бамаврид истифода намудааст, ки дар осори устод Айнӣ дида нашуд: Аз зилзилаву изтироби ин муқаддимаи пурҳарос хавфу руъб дар ботини **соҳибвасвоси** мардуми Шаҳраку бурқутия роҳ ёфта, пойи суботу қарорашон аз ҷо рафт ва бе роҳи ситезу овез маслиҳати гурез намуданд [3, 135/267]; = …ба қуввати бозуи давлати рӯзафзун ва шавкати истилои мавкаби ҳумоюн зилзилаи руъбу ҳарос дар ботини **пурвасвоси** фирақи кенагоси Шаҳрисабз ва ҷамоаи носи вилояти Кеш андохт… [3, 156/309, 64/124, 139/276, 173/343]; Инчунин дар анҳову ақтори мамолик ва суддаи *(тахти подшоҳӣ – А.Б.)* дарбори кайвонмадор умарои кибор ва **зираъёни** (ذی رایان) **соҳибиқтидор** аз ҷоми инқилоби адвор масту гаронбор гардида… [3, 15/25]; = …аз мавқифи фармони нофизулизъон шарафи судур ёфт, ки умарои **боиқтидори** соҳибмуносиби дарбор буруҷи сағири қалъаи шаҳрро тавзеъ ва тақсим намоянд… [3, 101/200], =

…сардорони **завиликтидорро** ба ҷониби Шаҳрак рояти мусораат афрохтанд… [3, 129/255]; Тӯйи олӣ ва ҷашни мулукона ба қудуми майманатлузуми волониами подшоҳи **соҳибкарам** ороста гардид… [3, 243/484]; Чун иродати ҳазрати муҳаймини мутаъол ва машийяти подшоҳи **карамбахши** лоязол ба тараққии давлату баландии иқболи амири сутудахисол бе мушоракати ихвону ансор ва бе муовадати аҳбобу ағёр тааллуқ ёфт… [3, 97/192]; …чанде аз мардуми хурдадони ботадбирро мусоҳиби сурину ҳадоё ба дарбори кайвониктидор афроштанд [3, 116/230]; …мувофиқи мизоҷи ин амири **соҳибуттадбир**, ки ойинаи табъи ваққод *(сӯзишворӣ, ҳезум – А.Б.)* ва сиҷҷили зеҳни дарроки ӯ мазҳари асбоби дороии мамлакат… аст... [3, 30/56]; Чун хусрави гардунсарир сироҷи ҳусни ақидат ва сафои тавийяти *(андеша – А.Б.)* амири **соҳибтадбирро** аз носияи ихлос ва ҳусни ихтисос барқангезу нурафшон дид… [3, 80/157].

**Дараҷаи корбурди пешвандгунаҳои сифатсоз дар забони осори давраҳои қиёсшаванда [ниг. ба замимаҳои № 2.3.1 (а); (б); (в); (г); (ғ); (д); (е) ва (к)]**

| **Пешвандгунаҳо** | **Сифатҳои мураккаб** | **%** | **Пешвандгунаҳо** | **Дараҷаи корбурд** | **%** |
|---|---|---|---|---|---|
| **пур-** | 66 | 37% | **пур-** | 142 | 41% |
| **хуш-** | 13 | 7% | **хуш-** | 18 | 5% |
| **бад-** | 26 | 15% | **бад-** | 68 | 20% |
| **соҳиб-** | 73 | 41% | **соҳиб-** | 115 | 34% |
| **R – дар умум** | **178** | | **R – дар умум** | **343** | |






## II.3.2. Дараҷаи корбурди баъзе пасвандгунаҳо

Як силсила пасвандгунаҳои сермаҳсулу каммаҳсул дар ташаккули вожаҳои мураккаб ҳиссагузорӣ намудаанд. Ҳар яки он дар ташаккули калимаҳои мураккаб мавқеъ ва нақши калидии худро дорад. Дар забони осори мавриди қиёс пасвандгунаҳои **-ангез, -андоз, -боз, -гир, -деҳ, -дор(ӣ), -кор, -овар** ва **-омез** аз унсурҳои вожасози сермаҳсул ба шумор рафта, онҳо, дар навбати худ, аз рӯйи адои вазифа пасвандгунаҳои муштарак мебошанд. Азбаски онҳо аз нигоҳи сохту вежагиҳои морфологӣ ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ шабоҳати том доранд, мо тасмим гирифтем, ки дар ин қисмати кор дар атрофи баъзе пасвандгунаҳои каммаҳсул сухан ронем.

Ҳангоми қиёсу баррасӣ аён гашт, ки дар забони давраҳои мавриди омӯзиш пасвандгунаи **-ранг** яке аз унсурҳои калимасози каммаҳсул баромад мекунад. Пасвандгунаи мавриди қиёс дар асари Карминагӣ танҳо дар ташаккули сифати мураккаби **миноранг** иштирок кардааст. Устод Айнӣ вожаҳои мураккаби **ҳафтранг** (1 маротиба), **хокистарранг** (4 маротиба) ва **сафедчаранг** (2 маротиба)-ро мавриди истифода қарор додааст, ки танҳо дар “Ғуломон” ба чашм расид, аммо дар осори таърихии устод Айнӣ пасвандгунаи мазкур истифода нашудааст: …Баҳроми хуношомро бар фарози қалъаи **миноранги** фирӯзафом ларза бар андом афтод [3, 186/370]; Осмонро абри **сафедчаранг** фаро гирифта буд [4, 205].

Пасвандгунаи **-олуд** низ яке аз унсурҳои вожасози каммаҳсул мебошад, ки Карминагӣ [3] онро дар таркиби танҳо **нафтолуд** (1 маротиба) ва устод Айнӣ [2] дар **заҳролуд** (1 маротиба), **хунолуд** (6 маротиба) истифода бурдаанд. Аммо дар забони асари Карминагӣ ба ҷои **хунолуд хуношом** дар баъзе мавридҳо ниёми **хуношом** [3, 28/51], самсоми **хуношом** [3, 105/208], мутаҳаввирони **хуношом** [3, 114/225], майдони **хуношом** [3, 130/258], теғҳои **хуношом** [3, 149/295] ба чашм расиданд, ки дар ин ҷо аллакай вожаи **ошом** ба ҳайси пасвандгуна баромад карда истодааст: ...теғҳои хуношом аз ниёми интиқом бароварда, доди таҳаввуру ҷалодат доданд... [3, 149/295].

Гузашта аз ин, пасвандгунаҳои **-навоз** ва **-фурӯш** низ яке аз унсурҳои калимасози каммаҳсул ба ҳисоб меравнд. Бояд қайд намуд, ки дар асари [4] устод Айнӣ танҳо сифати мураккаби овози **дилнавоз** ва дар забони асари Карминагӣ ҳазрати корсози **мискиннавоз** [3] дучор гардид: Сурудро, хусусан сурудеро, ки бо овози **дилнавози** форами ту гуфта шавад [4, 465]; Дар ин замон, ки ба ҷуз инояти ҳазрати **корсози мискиннавоз** паноҳе набуд… [3, 86/170].

Дар ҷумлаи охир муаллиф пасвандгунаҳои **-соз**, **-навоз**ро паиҳам мавриди истифода қарор додааст.

Пасвандгунаи **-фурӯш** дар осори устод Айнӣ дар ташаккули сифатҳои мураккаб иштирок мекунад [1; 2], аз қабили масхарабози **кулчафурӯш**, Ҳоҷӣ Абдуллои **чойфурӯш**, муллоҳои **шариатфурӯш**, эшонҳои **шариатфурӯш**, гурӯҳи **ватанфурӯш**: Дар натиҷа ин гурӯҳи **ватанфурӯш** бе он ки ба аҳолии шаҳр хабар диҳанд, вакилони худро бо пешкашҳои лоиқ ба пеши сараскари муғул фиристода… [1, 55]; …хоин ва золим ва амалдорони вай, ки муллоҳои **шариатфурӯшро** барои чунин рӯзе парвариш мекарданд… [2, 159].

## Хулосаи боби дуюм

Дараҷаҳои сифати қиёсӣ ва олӣ дар забони осори қиёсшаванда тавассути пасвандҳои **-тар** ва **-тарин** ифода шуда, воҳидҳои мазкур аз нигоҳи истифодаашон нисбат ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ каммаҳсул мебошанд. Устод Айнӣ барои ифодаи дараҷаи олии сифат **шадидтарин** ва **ашадтарин**-ро ба кор бурдааст, ки мисоли дуюм аз рӯйи қолаби дараҷаи қиёсии арабии **афъал + тарин** сурат гирифтааст. Ин падидаи морфологӣ яке аз вежагиҳои фарқкунандаи забони асари таърихии Карминагӣ ва забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҳисобида мешавад. Аммо дар асари таърихии а.XVIII пасванди **-тарин** ҳамагӣ 2 маротиба барои ифодаи дараҷаи олии сифат ба кор бурда шудааст.

Яке аз вежагиҳои забони "Туҳфат-ул-хонӣ" дар он зоҳир мешавад, ки дар ифодаи дараҷаи ғайриқиёсии сифат зарфи таркибии **зиёда аз ҳад(д)** баъд

аз сифат меояд, ҳол он ки дар осори устод Айнӣ ва дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар намуди **аз ҳад зиёд(а)** пеш аз сифат қарор дорад.

Пешвандҳои **бо-, бе-** ва **но-** дар осори қиёсшаванда яке аз унсурҳои вожасози сермаҳсул буда, аммо пешвандҳои **ба-**, **бар-** ва **дар-** назар ба онҳо каммаҳсултар ба назар расиданд, ки дараҷаи корбурди ин пешвандҳо якхела нестанд, масалан пешванди **ба-** 17 маротиба (3%), **бо-** 142 маротиба (27%), **бар-** 21 маротиба (4%), **бе-** 246 маротиба (47%), **но-** 100 маротиба (19%), **дар-** 1 маротиба (0%), **фурӯ** 1 маротиба (0%) ва дар маҷмуъ 528 маротиба корбаст шудаанд.

Як силсила пасвандҳои сифатсоз, аз ҷумла **-гун, -гуна, -ак (-як), -акак (-якак), - гин, -со, -сон, -ур, -гона, -огин, -акӣ** ва **-чак** ба забони асари Карминагӣ хос набуда, аммо забони осори таърихии устод Айнӣ аз миёни пасвандҳои боло танҳо **-ак, -гин**, **-гун**, **-ин** ва **-огин** мавриди истифода қарор гирифтанд, ки истеъмоли онҳо мухталифанд. Пасвандҳои **-гин** ва **-ин** дар забони осори таърихии устод Айнӣ яке аз унсурҳои калимасози сермаҳсул мебошанд.

Вожаҳои мураккаби тавассути вандгунаҳо таркибёфта яке аз хусусиятҳои боризи забони осори қиёсшаванда буда, муаллифон вандгунаҳоро дар ташаккули сифатҳои мураккаб хеле бамаврид истифода бурдаанд. Табиист, ки дараҷаи корбурди пешвандгунаҳо якхела нестанд, масалан пешвандгунаи **пур-** дар [3] 122 маротиба (86%), [1] 19 маротиба (13%), [2] 1 маротиба (1%) ва дар маҷмуъ 142 маротиба (41%) ва пешвандгунаи **хуш-** дар [3] 12 маротиба (60%), [1] 6 маротиба (30%), [2] 2 маротиба (10%) ва дар маҷмуъ 20 маротиба (5%) ва пешвандгунаи **бад-** дар [3] 58 маротиба (85%), [1] 6 маротиба (9%), [2] 4 маротиба (6%) ва дар маҷмуъ 68 маротиба (20%) ва пешвандгунаи **соҳиб-** дар [3] 90 маротиба (78%), [1] 19 маротиба (17%), [2] 6 маротиба (5%) ва дар маҷмуъ 115 маротиба (34%)-ро ташкил медиҳад.

# БОБИ III. ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ МОРФОЛОГИИ ШУМОРА ВА ҶОНИШИН ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ва XX

## III.1. Калимаҳои мансуб ба шумора

Таҳқиқи шумораҳои забони давраҳои мавриди қиёс ба монанди дигар ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, басо муҳим ва то андозае баҳсбарангез мебошад. Омӯзиши ҳаматарафаи мавзуи мавриди назар ба мо имкон медиҳад, то умумияту фарқи шумораҳои осори муқоисашавандаро муайян намоем. Калимаҳои мансуб ба шумора аз дигар вожаҳои забонӣ бо он хусусияти боризи худ фарқ мекунанд, ки дар онҳо маҳсули абстрактии тафаккури инсон инъикос ёфтааст, ки дар забон ба мушоҳида мерасад.

Маълум аст, ки шумораҳо аз рӯйи вазифа ва маънии худ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) шумораҳои микдорӣ; 2) тартибӣ. Таҳлилу қиёси таърихи шумора барои рушду ташаккули сохти морфологии забон мавзуи басо мубрам ба ҳисоб меравад, зеро омӯзиши ин мавзуъ аз нигоҳи таърихӣ марбут ба якчанд масъалаҳо аст: “1) пайдоиши номҳои адад ва муносибати мутақобилаи онҳо; 2) шаклҳои ададҳо; 3) категорияҳои муайянкунандаи шумора; 4) таъйин ва тақсими шумора ҳамчун ҳиссаи нутқ аз ҳиссаҳои дигари нутқ. Аз байни ин муаммоҳо сеи охир байни худ робитаи зич доранд” [80, 74].

Дар осори муқоисашаванда низ мавзуи мавриди назар дар асоси таснифоти фавқуззикр сурат гирифта, калимаҳои ифодагари мафҳуми шумораро ба ду даста ҷудо намудем:

а) калимаҳои ифодакунандаи шумор;

б) ифодаи шумора бо ададҳо [109, 59].

Дар рафти ҷамъоварии мисолҳои марбута калимаҳоеро пайдо намудем, ки чун анъана, дар забони осори қиёсшаванда барои ифодаи мафҳуми шумор истифода гардидаанд, аз ҷумла вожаҳои **аввал, аввалин** ва **нахуст, нахустин**. Вожаи **аввал** арабӣ буда, тоҷикии он **нахуст, якум** маҳсуб меёбад

ва ин ақидаро С.А. Самарқандӣ ҷонибдорӣ намуда, вожаи **аввал**ро дар форсӣ **нахуст** ва **нахустин** мешуморад [77, 27]. **Аввал** ба чанд маънӣ кор фармуда мешавад, ки яке аз маъноҳояш ба ҳайси шумораи тартибии **якум** корбаст гаштани он ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [19, 155] ва ҳам дар забони осори таърихии қиёсшаванда мебошад. Аммо ногуфта намонад, ки Карминагӣ дар асари худ боре ҳам шумораи тартибии **якум**ро истифода накардааст. Ба ҷои он вожаҳои зикршударо дар мавридҳои муайян истифода бурдааст: **аввал** [3, 63/121, 67/130, 68/132, 103/204, 118/233, 139/275, 271/539, 180/358, 210/417, 261/519, 271/540]. Вале дар осори устод Айнӣ ҳам **аввал** ва ҳам **якум** хеле бамаврид ва фаровон истифода шудааст. Муҳаққиқи забони "Ҷомеъ-ут-таворих" Ш.Р. Юсупов зимни пажуҳиши хусусиятҳои луғавию семантикии шумора дар мақолаи ҷудогонаи худ чунин мепиндорад: "Вожаи **аввал** дар забони "Ҷомеъ-ут-таворих" ба маънои шумораи **якум** истеъмол шудааст: **Аввал** бояд донист. **Аввалро** ба ҳомие аз фарзандони худ дод" [109, 54]. Ин вежагӣ махсуси ин асар набуда, балки дар дигар осори пешин, минҷумла "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ [ниг. ба: 135, 19; 62, 71; 63, 50], "Бахше аз тафсири куҳан" (а.IX-X ва чаҳоряки аввали а.XI) [ниг. ба: 99, 162], "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ (а.XIV) [ниг. ба: 109, 53] низ дида мешавад [ниг. ба: 37, 195]: **аввал** [1, 29, 48, 81, 90, 137, 147, 152, 161, 165, 187, 205, 216, 218, 218, 223, 223, 234, 235, 238, 240, 242, 244, 247, 259, 272, 273], сафари **аввал** [1, 34], 200 нафари **аввал** [1, 37], рӯзи **аввал** [1, 51, 178], арзаи **аввал** [1, 125], фирқаи аввал [1, 173], мартабаи **аввал** [1, 214]: **Қисми аввал** аз аморатнишон Муҳаммадҳакимбийи атолиқ оғоз ёфта, баёни зуҳури давлати Муҳаммадраҳимхон - валади ӯро бо инқирози айёми салтанат навишта шуд. **Қисми дувум** ибтидои уруҷи мартабаи шавкату иҷлоли амири умдатулмулки ҳашаматдастгоҳ Муҳаммаддониёлбийи атоликро ба авлоди комгори ӯ дар силки таҳрир намуда меояд [3, 274/545]; …**аввал**, миллионҳо сервату сомон аз падар мерос гирифта буд. **Дувум**, ҳамаи аҳли дарбор ва аксари уламо ва маъмурон

қадрдон ва намакхӯрдаи падараш буданд [2, 57]; …ӯ ин мақсадро дар **мартабаи аввал** пеш ниҳода наметавонист… [1, 214].

Боиси қайд аст, ки устод Айнӣ дар осори худ [1; 2] калимаи **нахуст**ро тамоман мавриди истифода қарор надодааст. Карминагӣ бошад, калимаи **аввалин**ро боре ҳам ба кор набурдааст: ...дар **ҳамлаи аввал** ва **зарбати нахуст** девори ҳисори қалъаи Бухоро, ки зиёда афсурда ва басе муҳаққар аст, поймоли сутурону мавошӣ хоҳем намуд... [3, 103/204, 6/9, 35/65, 105/207, 128/253, 143/284, 215/427]; ...бар авранги ҷалодату эҳтиром ҷой диҳад, **нахустин** абвоби футуҳот ва аснофи ҳусули муродот аз хонаи дӯсту душман ба рӯйи ӯ кушояд... [3, 30/55, 95/187, 97/192, 104/205]; …дар деҳаи чанд моҳ боз дар хомӯшии зимистонӣ гӯр шудамонда **нахустин** бор менамуд [4, 337]; Дар бозгашти сафари Русия **нахустин** коре ки кард, азли Бурҳониддини раис буд [1, 120]; …**аввалин** касе, ки аз Аму гузашта ба Бухоро ҳуҷум кард, Убайдулло бинни Зиёд буд [1, 200, 114, 198, 200, 276].

З.Мухторов собиқаи куҳан доштани ин навъи тақсимоти шумораҳоро зикр намуда, чунин ибрози ақида кардааст: “Дар забони авестоӣ шумораҳо маъмулан миқдорӣ ва тартибӣ буда, шаклгирии онҳо ба таври зайл аст: 1-/aiva/ - як, 2-/dva/ - ду, 3-/tri/ - се, 4-/catur/ - чаҳор” [50, 59]. Аз ин нуқтаи назар, шумораи **як** дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз вожаҳои муштараквазифа ба ҳисоб рафта, роҷеъ ба воҳиди мазкур забоншинос Ҳ.Каримов бисту шаш хусусияти калимаи **як**-ро дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ зикр намуда, ба чунин хулоса меояд: “Калимаи **як** аз калимаҳои бисёр қадимии гурӯҳи забонҳои эронӣ, ҳатто забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ (албатта, бо шаклҳои овозии мухталиф) мебошад” [31, 23].

Дар забони осори таърихии қиёсшаванда шумораҳои миқдории аслӣ аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фарқи ҷиддие надоранд. Шумораи миқдории аслӣ назар ба дигар шумораҳо сермаҳсулу маъмул мебошад. Дар осори мавриди қиёси мо низ калимаи **як** аз нигоҳи вазифа ва корбурд дорои чанд вежагиҳост:

а). Барои ифодаи микдори шахс: Ҳангоми вусул ба наздики он дараи мавсуф **як нафар** аз он мардум ба дасти сипоҳи пешҷанг афтод [3, 216/429]; Ҳоҷӣ Абдусатторбек аз роҳ бемор шуда бармегардад ва он **як нафар** дигарро ҳам сарҳаддорони Хитой роҳ намедиҳанд [1, 187, 187].

б). Барои ифодаи номуайянӣ: Мустаиддонро маҳҷур сохта, **як каси** онҳоро даст баста ба даргоҳи ҷаҳонпаноҳ оварданд [3, 205/407]; Ба дарбори амир **як расм** матрук шуда буд [2, 113].

в). Мусаллам аст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ шумораи **як** бо ҷонишини таъйинии **ҳар** якҷоя омада, аз байни ашёи ҳамҷинс предмети алоҳидаро нишон медиҳад, ки ин ҳодисаи грамматикӣ дар забони осори таърихии қиёсшаванда низ хос аст: **Ҳар як** ба навои ушшоқӣ ин тарона месуруданд [3, 15/26]; Чингизиён қувваи одамӣ ва вазни сангро ба ҳисоб нагирифта **ҳар як** санги калонро ба пушти асир, ки рост ояд, мегузоштанд [3, 53].

### III.1.1. Шумораҳои миқдории аслӣ

Шаклҳои шумораҳое, ки дар осори таҳқиқшаванда ба кор рафтаанд, ба истиснои баъзе ададҳо аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фарқи ҷиддӣ надоранд. Аз ин нуқтаи назар, шумораҳои аслӣ “дар таърихи тараққиёти забони тоҷикӣ нисбат ба дигар воҳидҳои лексикӣ-грамматикӣ хеле кам тағйир ёфтаанд” [30, 25]. Танҳо тарзи навиштори баъзеашон, амсоли **чаҳор, дусад, дувист, чиҳил** ва **понсад** аз шакли муосири истеъмоли онҳо тафовуте доранд. Шумораи миқдории аслии **чаҳор**и “Туҳфат-ул-хонӣ” ҳамаи ададҳои томи муқарририро дар бар мегирад ва хелҳои дигари шумораҳои миқдории аз **чаҳор** сохташуда дар мавридҳои алоҳида вохӯрданд: чаҳор [3, 225/447, 268/533, 188/373, 189/376, 203/403], чаҳордаҳ [3, 270/538], чиҳил [3, 141/280, 181/360, 262/521, 266/529], чиҳилу панҷ [3, 229/456], чиҳилу нуҳ [3, 96/190], чаҳорсад [3, 257/512, 261/520, 244/486, 266/530], чаҳор ҳазор [3, 248/493, 248/493, 280/557, 206/409] ва даҳ ҳазору бисту чаҳор [3, 222/441], чиҳил ҳазор [3, 283/564]: Амири комгор аз сипоҳони ҷамоаи қирқ **чиҳил** касро интихоб карда, замимаи асокири фирӯзимаосир гардонид. Ҳикмат дар

ихтиёри **чиҳил кас** аз он ҷамоа он буд, ки чун лафзи **қирқ** дол аст бар **чиҳил**, адади ахзи **чиҳил нафар** аз он ҷамоа мутеи фармон сохтани тамомии эшон бошад [3, 202/402].

Дар мавриди истифодаи шумораи **чор** ва шакли дигари он муҳаққиқ О.Сулаймонов зимни баррасии забони “Таърихи Байҳақӣ” қайд мекунад, ки “дар “Таърихи Байҳақӣ” истифодаи шумораи **чаҳор** маъмул буда, шакли **чор** дида намешавад” [81, 205]. Муҳаққиқи забони “Ҷомеъ-ут-таворих” - Ш.Юсупов низ ҳини омӯзиши мавзуи мавриди баҳс айнан ҳамин ҳодисаро мушоҳида кардааст [109, 54]. Аммо Карминагӣ танҳо як маротиба **чорса**дро истифода бурдааст ва устод Айнӣ ҳам **чорсад** ва **чаҳорса**дро дар мавридҳои алоҳида истифода намудааст: **чаҳорсад** нафар [1, 61, 72, 178], **чаҳорсад** танга [1, 149]: …ба онҳо ҳуҷум кард, **чорсад** нафарашонро кушт ва боқимондагонашонро бандӣ карда… [1, 209]; Рӯзи чаҳоршанбе ғурраи рамазони муборак **чорсад** харвор ғалла ба ҷамоаи Қароқалпоқ аз Самарқанд суюрғомишӣ фармуда, бадрақа бо эшон ҳамроҳ сохт [3, 204/406].

Роҷеъ ба шумораи **дувист** як гурӯҳ забоншиносон, аз ҷумла К.Г. Залеман, В.А. Жуковский ва диг. тарафдори аз шакли авестоии **dvae(ca) saita** (- ду ва сад) будани шумораи **дувист** мебошанд [122, 26; 51, 167], ки истифодаи шумораи мазкур дар ин шакл дар асрҳои X-XI ба назар расида, он минбаъд дар забони тоҷикӣ ҳам идома ёфтааст [125, 7]. Корбурди шакли **дувист** на танҳо дар осори таърихии асрҳои X-XI, балки дар асари таърихии а.XVIII ҳам маъмул мебошад, ки дар осори таърихии устод Айнӣ ин шакли шумораи миқдорӣ дида нашуд ба ҷои он **дусад** мавриди истифода қарор гирифтааст: Адади мақтулони сипоҳи хасм ва асирони бадастафтода **дувисту ҳафтод** кас буд [3, 209/415]; …Мирзоалии девонбегӣ, ки бо **дувисту панҷоҳ** кас ба эҳтимом ва ҳаросати қалъаи Киштуд ихтисос ёфта буд, аз он ҷо фирор намуд [3, 194/385, 39/74, 209/415, 282/562, 287/572]. Карминагӣ шакли **дусад**ро низ дар мавридҳои алоҳида ба кор бурдааст: Ва Мирзоалиро бо **дусаду панҷоҳ** нафар аз ҷавонони лашкар ба ҳукумати он вило мутааййин намуда, бозгарданд [3, 191/379, 291/580, 193/383].

Ҳини омӯзиши дигар нусхаҳои таърихномаи “Туҳфат-ул-хонӣ” ва қиёси онҳо маълум гардид, ки дар ин нусхаҳо баъзан ба ҷои **дувист дусад** истифода шудааст, ки шояд аз ибтикороти носихони нусхаҳои баъдӣ бошад: Имомқулибий **дувист** кас аз ҷавонони муътабар фиристод [3, 244/486]; Мувозии **дувист** кас аз бандиён бо душохаву занҷир аз назари эътибори ҷамҷоҳи комгор гузаронида, аз алтофи хусравӣ шарафи навозишу икром ёфтанд [3, 264/526]; ...дар мавкаби нусратсумоти ӯ камтар аз **дусад** нафар умарову сардор каси дигар ҳозиру муҳайё набуд [3, 77/151].

Дар таърихномаи “Туҳфат-ул-хонӣ” шумораи миқдории **панҷсад** дар аксар ҳолат дар шакли **понсад** истифода гардидааст: Дар ин ҳангом Муҳаммаддӯстбек - бародари Муҳаммадаминбийи юз аз ҷониби Ҳисор **бо понсад** савор расида, навиди таволии лашкару таватури карру фар(р) дод [3, 150/297, 107/211, 123/244, 124/245, 159/315, 183/363, 188/374, 192/381, 193/383, 195/388, 205/408, 241/480, 248/493, 287/571].

Адади лӯндаи аз ҳазор зиёд дар “Туҳфат-ул-хонӣ” танҳо як маротиба бо калимаи **лак** (сад ҳазор) [19, 152] дар таркиби шумораи таркибии **сад лак ҳазор** дучор гардид. Дар осори устод Айнӣ ин гуна ададҳо ба мисли **миллион, миллион-миллион** ва **ҳазорон-ҳазор** вохӯрданд, ки онҳо дар навбати худ далолат ба бисёрӣ низ мекунанд. Роҷеъ ба ин мавзуъ муҳаққиқи забони “Таърихи Байҳақӣ” О.Сулаймонов чунин гуфтааст: “Адади **миллион** дар шакли **ҳазор-ҳазор** ифода меёбад, ки дар осори насрии моқабли Байҳақӣ ва баъдӣ ҳам дучор мешавад” [81, 203-210]. Аз ин рӯ, бояд қайд намуд, ки ин тарзи ифодаи адади миллион имрӯз дар забони тоҷикӣ мавҷуд набуда, ба қатори шумораи архаистӣ қарор дорад. Аммо устод Айнӣ **миллион-миллион** ва **ҳазорон-ҳазор**ро бо ҳамин қолаб навишта бошад ҳам, онҳо барои ифодаи бисёрӣ ва номуайянӣ хизмат мекунанд: Зулҷалоле, ки теғи амраш **сад лак ҳазор** лашкари ҷавшангуселро аз Одам то ба ин дам ба як дам аз пой даровaрда ва синони қаҳраш бисёр аз бисёр диловари кӯҳдилро ба як ҳамла аз ҷо рабуда... [3, 2]; ...аз тарафи аскарони араб тороҷу толон дидани ин сарзамин ва **миллион-миллион** пул сулҳона доданаш, Қутайба аз ин ҷо аз

гузаштагони худ зиёдтар молу пул ба даст даровард [1, 202]; …тасаддуқи сари азизи ҳазрати сайидам ва соҳибам **ҳазорон-ҳазор** бор шавам… [1, 124].

### III.1.2. Шумораҳои миқдории тахминӣ

Ҳама гуна шумораҳои забони осори давраҳои мавриди қиёс аз ҷиҳати сохти грамматикӣ ба ҳамгунаҳояшон дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ шабоҳат доранд. Аз ин рӯ, шумораҳои тахминии осори таҳқиқшаванда дар ҷумлаҳо ҷои махсусеро ишғол менамоянд ва аз рӯйи вазифаи морфологӣ аз шумораҳои тахминии забони тоҷикии имрӯза тафовути ҷиддие надоранд: як-ду тир [3, 94/186], як-ду бор [1, 107], ду-се рӯзе [3, 101/200; 1, 72], ду-се нафар мулозим [3, 196/389], ду-се кас аз мардум [3, 199/396], ду-се ақба [3, 215/428], се-чор хонавор [1, 19], панҷ-шаш нафар сарбозийя [1, 132], даҳ-дувоздаҳ бор [1, 110], шаст-ҳафтод [1, 92], сӣ-чиҳил нафар [1, 162], 100-200 нафар [1, 98], чаҳорсад-панҷсад нафар [1, 174], 20-21-уми феврал [1, 185], ду-се ҳазор пиёдаву савор [3, 186/369]: ..як девори он муттасил ба фарози ҷабал аст ва **панҷ-шаш** ҳазор хонавор аз турку тожик сокину мутаваттини он диёр… [3, 187/371]; …ҳеҷ вақт ман танҳо набудаам ва ҳамеша **шаст-ҳафтод** нафар бо ман будаанд.. [1, 92].

Муҳаққиқони осори манзуму мансури асримиёнагӣ дар натиҷаи таҳлили хусусиятҳои шумораҳои асарҳои алоҳида усулҳои пайдо шудани шумораҳои тахминиро ба таври гуногун ишора намудаанд [ниг. ба: 62, 63; 64; 170; 99]: “Яке аз вежагиҳои шумораҳои тахминии асари мазкур дар он аст, ки ин намуди шумораҳо бештар бо вожаҳои ифодагари замон меоянд. Ба шахс ё предметҳои алоҳида истифодаи шумораҳои тахминӣ дар асар нисбатан кам ба назар мерасад” [30, 80]. Аммо қиёсу муқобалаи мо шаҳодат аз он дод, ки дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX нисбат ба шахс ё предметҳои алоҳида истифода гаштани бештари шумораҳои тахминӣ ба назар мерасад, ки мисолҳои фавқуззикр далел бар ин гуфтаҳост.

Ҳамчунин шумораи тахминӣ тавассути пайвандаки **ё** сурат мегирад, ки аз ҷониби Карминагӣ ҳамагӣ як маротиба корбаст шуда, вале дар осори устод Айнӣ фаровонтар ба назар расид: панҷ ё шаш рӯз [3, 210/417], саду чиҳил ё

панҷоҳ [1, 111], дар зарфи 18 ё 20-сола таҳсил [2, 54, 54], ҳазор ё ду ҳазор танга [2, 115], се ё чаҳор мартаба [2, 142], дар як ҳафта ё дар як моҳ ё дар як сол [2, 159], чор ё панҷ олчин [2, 212], ду ё се нафар [1, 206]: …тӯмори роҳи дури Ӯротеппаро ба қадами таковарони бодрафтор нерӯ бахшида, дар **панҷ ё шаш** рӯз бегоҳи душанбе, бисту ҳафтуми моҳи муборак лоҳиқ ба лашкаргоҳи ҳумоюнӣ гардид… [3, 210/417]; …ин нархро бо як-ду бозор ба сурати ҷаъл ба **саду чиҳил ё панҷоҳ** мерасонанд… [1, 111].

Мутобиқи қоидаи забонӣ дар забони адабии тоҷикии а.XX шумораҳои тахминӣ бо калимаи **як** ва шумораи аслӣ асос ёфтаанд, вале ба забони адабии тоҷикии а.XVIII ин тарзи сохта шудани шумораҳои мавриди баҳс характернок нестанд: …**як даҳ ҳазор** нафар аскари озмудаи ҷангдидаро ба даҳ ароба тӯпи соиқаосор дар болои тӯра маъмур сохта… [1, 76].

Ҳангоми таҳқиқи шумораҳои забони осори таърихии қиёсшаванда маълум гардид, ки як қатор калимаҳои мансуб ба зарф, аз ҷумла барои сохтани шумораҳои тахминӣ пеш ё пас аз шумораҳо меоянд: қариб сӣ нафар [3, 154/306, 283/563, 284/566, 40/76, 25/45, 200/397, 280/558, 198/393, 47/89; 2, 183, 251], қариб 50 нафар [2, 72], тахминан ду ҳазор [3, 198/394, 248/494], тақрибан ду каси дигар [3, 199/395], тахминан чиҳил ҳазор нафар [1, 83], тақрибан се олчин [2, 207], тақрибан ним олчин [2, 212], тақрибан ним соат [2, 221]: …ҷамоаи эли наймонро, ки **ба тахмин** чаҳор ҳазор хонавор буданд, кӯчонида ба ҷониби Миёнколот ва қалъаи Дабус фиристод [3, 248/493]; …ба унвони духтархона тақрибан 30 нафар духтарони болиғаи раияро ҳамроҳи худ овард [2, 109]; …худ бо лашкари нусратнишон, ки **ду ҳазор ё камтар** буданд, дар муқобалаи он ҷуюши номаҳсур *(беҳисоб – А.Б.)* аз хавфу ҳарос ва дар суфуф ҷалодат орост [3, 11/19]; … тамомии қароқалпоқ, ки **қариб се ҳазор** хонаворанд, аз лаби дарёи Сайҳун кӯчида, ба Хавос фуруз омаданд [3, 204/405].

Ба ҳамин минвол, дар осори устод Айнӣ шумораҳои тахминие вохӯрданд, ки баъди калимаҳои **тахмиман** ва **тақрибан** омадаанд, ки дар

асари таърихии Карминагӣ роиҷ нест: тахминан бист-сӣ газ [1, 92]: Дар ин намоиш тақрибан **панҷ-шаш ҳазор** нафар… [2, 194].

Маълум аст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ яке аз хасоиси боризи шумораҳои тахминӣ аз шумораи аслӣ дар он аст, ки бо вай предмети шумур низ гоҳо такрор шуда меояд. Дар осори устод Айнӣ ин падидаи морфологӣ хеле фаровон ба чашм расида, дар таърихномаи Карминагӣ истифодаи он танҳо як маротиба вохӯрд:

а). Шумора+ воҳиди шумур: панҷ рупия-даҳ рупия [1, 142], як дона-ду дона милтиқ ва таппонча [4, 58], 17 чорек - 16 чорек пахта [4, 70], чор таноб-панҷ таноб [4, 362], як тор-ду тор [1, 62], се соата-чор соата роҳ [1, 22], се моҳ - чор моҳ [4, 182]: Ғайр аз инҳо ба дасти ҳар кадом аз бойҳо ҳам **як дона-ду дона милтиқ ва таппонча** ҳаст [1, 58].

б). Шумора+ воҳиди шумур + пайвандаки **ё** + шумора+ воҳиди шумур: ҳазор ман(н) ё ду ҳазор ман(н) [3, 125/247], як сол ё ду сол [1, 103], як танга ё ду танга [1, 47], як шаб ё ду шаб [1, 121], як ман ё даҳ ман [1, 136]: ...баҳодури мазбур моҳ ба моҳ аз мазрааи саркори амири боиқтидор аз **ҳазор ман(н) ё ду ҳазор ман(н)** ғаллаи сулсот ва мавоҷиби чираву аликро мефиристоданд [3, 125/247]; ...-гӯён ноз мекард ва пас аз ҷанҷол ва хархашаи бисёре бо **як танга ё ду танга** зиёда кардани корвонбошӣ он одам розӣ шуда... [4, 47].

в). Шумора+ воҳиди шумур, шумора+ воҳиди шумур:...онҳо ҳам дар масофати **як фарсах, ду фарсах** аз якдигар дуртар канда шудаанд [4, 3].

г). Шумора+ воҳиди шумур + пайвандаки **ё** + дар баъзе мавриди аломати дефис + шумораи миқдории касрӣ+ воҳиди шумур: - Дар куҷо дидаед, ки **як таноб ё яку ним таноб** гандум дувоздаҳ ман ҳосил кардааст [4, 128]; Ҳаво гарм шуда кори деҳқонӣ, ки баромад, косиб - деҳқононе, ки **як таноб-ним таноб** замин доранд... [4, 339].

ғ). Шумораи тахминӣ + ҷонишини **чанд** + воҳиди шумур: Агар ба даст афтам, **се-чор чанд пули** инҳоро ба штраф медиҳам, -гӯён Раҳим-қассоб аз оғил баромадан гирифт [4, 392].

д). Ё + шумора+ воҳиди шумур, шумора+ воҳиди шумур **ва** воҳиди шумур: Аммо ба он баррагоне, ки ҳанӯз пӯстҳошон нарасида буд, то ду-се бор макидани модар, **ё як рӯз, ду рӯз ва се рӯз** макидани он (ба ҳолаш нигоҳ карда) умр мебахшиданд [4, 98].

Дар байни мисолҳои бадастомада [3; 1] ба мушоҳида расид, ки калимаи **чандин** бо шумораи миқдории **ҳазор** [3] ва воҳидҳои шумор, аз қабили, **астар, пиёда** ва **фарсах** [3] ва нумеративи **нафар** [1] омада, то андозае миқдори номуайянии ашёро ифода кардааст. Аммо дар асари "Ҷомеъ-ут-таворих" ин падидаи сарфӣ бидуни иштироки ин гуна воҳидҳои забонӣ сурат гирифтаанд: "**Чандин ҳазор анбиё** ва авлиё ва салотин ва мулук аз заррияти ӯ дар вуҷуд орад" [109, 54]. Зимнан, Карминагӣ фақат шумораи миқдории **ҳазор**ро дар ҳамин асос дар мавридҳои алоҳида истифода намудааст: чандин ҳазор пиёда [3, 151/300], чандин ҳазор астар [3, 21/37]; ...хоки бодияи навмедӣ бар фарқи хиҷолату беобрӯӣ бехт ва **чандин ҳазор фарсах** аз истиҳолаи шармсорӣ гурехт [3, 187/372]; Дар ин мақсади хайрияи мо аҳли дарбор ва **чандин нафар** ашхоси маълум алҳол монеъанд [1, 172].

Дар мисоли охир маълум аст, ки калимаи **чандин** беиштироки ягон шумораи аслӣ фақат бо нумеративи **нафар** барои адои ин вазифа як маротиба дар асари устод Айнӣ ба кор бурда шудааст, ки яке аз вежагиҳои бориз маҳсуб мешавад.

Метавон афзуд, ки дар забони осори қиёсшаванда шумораи **ҳазор** ба худ пасванди **-он** қабул намуда, то андозае мафҳуми номуайянро ифода мекунад. Проф. М.Н. Қосимова дар бобати ин масъала чунин қайд намудааст: "Агар шумораҳои миқдорӣ пасванди ҷамъбандии **-он**ро гиранд, он гоҳ адади номаълумро мефаҳмонанд" [37, 195]: ҳазорон мароҳил [3, 3], ҳазорон таъзим [1, 125]: …аз афроштани фироши ақли сабуксар **ҳазорон мароҳил** дур… [3, 3]; Сиёсати Темур, иборат аз ин буд, ки **ҳазорон** занон, кӯдакон, мардон ва ҷавононро сар бурида несту нобуд кунад… [1, 298].

Дар ҳамин асос, бо пешояндҳои **ба** ва **бо** ҳамроҳи **ҳазорон** як қатор таркибҳо сохта шудаанд, ки барои созмони зарфҳои миқдору тарзи амал дар

осори қиёсшаванда [3; 1] хизмат мекунад. Ҳини таҳқиқи ин мавзуъ аён гашт, ки устод Айнӣ танҳо як маротиба дар як асари таърихии худ [1] бо ҳамин вежагӣ ба кор бурдааст: бо ҳазорон қасовати қалб [3, 14/26], бо ҳазорон дидаи пурнам [3, 74/143], ба ҳазорон таваҷҷуҳ [3, 110/218], ба ҳазорон ойин [3, 135/268], ба ҳазорон таъзим ва тавозуъ [1, 125]: ...аз самими қалб **ба ҳазорон** забон изҳор намуда, бо аҳли қавофил ба ҷониби тариқ суръату роҳпаймоӣ моил шуданд [3, 87/172]; …**ба ҳазорон таъзим ва тавозуъ** дастхатти мубораки олиро бо ду дасти адаб гирифта... [1, 125].

Чун анъана, устод Айнӣ шуморҳои миқдории **даҳ, сад**, **ҳазор, миллион**ро ба тавассути пасванди ҷамъбандии **-ҳо** мавриди истифода қарор додааст, ки онҳо низ ададҳои номаълумро мефаҳмонанд: даҳҳо овоз [4, 334], садҳо нафар [1, 25, 100; 2, 251], садҳо соҳибҳаққон [1, 282], садҳо одам [2, 220, 220; 1, 94]: ...ба хуни **садҳо** амсоли мо маҷруҳини мазлум олудашудагӣ буд [2, 220]; …ба мамлакати шумо **ҳазорҳо** “ғулом”, яъне дасти корӣ ба пои худ ва муфт хоҳад омад [4, 57]; …**миллионҳо** сарвату сомон аз падар мерос гирифта буд [2, 73]. Аммо Карминагӣ шумораҳои фавқуззикрро дар ин сурат ба кор набурдааст.

### III.1.3. Шумораҳои миқдории касрӣ

Мусаллам аст, ки ин гуна шумораҳо миқдори ашёи нопурраву аз бутун кам, яъне ҳиссаи адади томро ифода мекунанд. Дар забони давраҳои омӯзиш шумораҳои касрии **ним, яку ним, дую ним, аз даҳ чаҳор, аз даҳ се, аз даҳ ду ё аз даҳ се, сулсон, чаҳоряк, даҳяк** ба назар расиданд. Аксари онҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҳам маъмуланд. Ҳини муқоиса аён гашт, ки дар забони асари таърихии а.XVIII шумораҳои касрӣ нисбат ба дигар анвои шумораҳо аз нигоҳи корбурд ва сохтори морфологиашон каммаҳсуланд. Дар асари таърихии “Туҳфат-ул-хонӣ” шумораҳои миқдории касрии **сулсон, дую ним** ва **ним**, аммо дигар сохтори морфологии ин гуна шумораҳое, ки дар забони осори таърихии а.XX [1; 2] ва дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [19, 154] дида мешавад, ба чашм нарасид.

Усули дигари сохтори шумораҳои касрӣ ҳамонест, ки то имрӯз дар забони мо маъмул мебошад, яъне “адади том (шумораи аслӣ) бо каср ояд, он гоҳ аввал шумораи аслӣ ва баъд шумораи касрӣ меояд” [19, 154] ва ин усул дар забони даврони мавриди қиёс ҳам дида мешавад: дую ним мисқол [3, 80/158 1 маротиба], яку ним олчин [2, 219 1 маротиба], дую ним миллион [2, 180 1 маротиба]: …сесад ҳазор рупияи ҷаҳонободӣ, ки ҳар яки ӯ ба вазни **дую ним** мисқол зари сафед аст, ҷиҳати худдоми амири соҳибдавлату иқбол икрому илтифот фармуд [3, 80/158].

Бояд қайд намуд, ки дар забони таърихномаҳои а.XX шумораи касрии **ним** аз нигоҳи истеъмол назар ба забони асари таърихии а.XVIII сермаҳсултар ба назар расид: ним фарсах [3, 135/268 1 маротиба], ним соат [1, 128, 132; 2, 79], ним ҳисса [1, 134], ним олчин [2, 212, 212]: …аз он ҷо то қалъаи Қипчоқ **ним** фарсах роҳ беш набуд [3, 135/268]; Моҳиёнаи сарбоз ва соири маошгирони дарбори ҳукумат аз уламо, умаро ва сипоҳ баъзе **ним** ҳисса, баъзе як ҳисса ва баъзе ду ҳисса зиёда карда шавад [1, 134].

Дар осори устод Айнӣ шумораҳои касрии **аз даҳ чаҳор, аз даҳ се, аз сад чиҳил** [1, 111] дучор гардиданд, вале дар таърихномаи Карминагӣ ба чашм нарасиданд. Аз ин нуқтаи назар, метавон гуфт, ки дар забони адабии тоҷикии а.XVIII онҳо ҳанӯз характернок набуда, баъдан аз аввали а.XX сар карда, ин гуна шумораҳои касрӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар асоси як сохтори морфологии муайян [19, 154] сурат гирифтаанд: Ҳиссат-ул-хироҷи заминҳои мамликаи султониро, ки то ҳол **аз даҳ чаҳор** гирифта мешуд, баъд аз ин **аз даҳ се** гирифта шавад [1, 134, 111; 2, 104]; Аммо маънан ва ҳақиқатан **аз даҳ ду ё аз даҳ се** ба ҳисоби деҳқон мемонд ё намемонд [2, 111].

Дар ҷумлаи охир шумораҳои номбурда тавассути пайвандаки **ё** такрор шуда омада, ба ҳайси ҳам шумораи касрӣ ва ҳам тахминӣ истифода шудаанд.

Танҳо дар асари устод Айнӣ [1] шумораи касрии **чаҳоряк** ба чашм расид, вале дар асари насри бадеии [4] нависанда шумораҳои касрии **сеяк, чоряк, шашяк** дучор шуданд. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки дар забони насри бадеии устод Айнӣ ин гуна шумораҳо аз ваҷҳи корбурд сермаҳсул

будаанд: …ба мавзеи Чаҳорбакр, ки ба масофати **чаҳоряк фарсах** роҳ дар ҷиҳати ғарбии шаҳри Бухорост, омада нузул намуд [1, 7]; …дар он сурат пули ба ҳаво рафта таппа-тахт ба **чоряки** бадали иҷора мерасид [4, 142; 127, 275, 364]; Гуфта мешавад, ки ҳафт ҳазору панҷсад танга, яъне қариб **шашяки** бадали иҷора ба "мақбуз" рафт… [4, 142].

Ба ҳамин минвол, дар осори мавриди қиёси [1; 4] устод Айнӣ шумораҳои касрии **сеяк, даҳсе** ва **даҳяк** *(вақфи махсус аст, ки шарташ донистани тамоми "Ҳидоя"-и шариф аст – А.Б.)* ва дар таърихномаи муқоисашавандаи а.XVIII вомвожаи арабии **сулсот** вохӯрданд, ки онҳо ба сифати исми сохта ва мураккаб истифода шудаанд: …аз ҳосилоти онҳо **сеяк** ва нисфӣ барои вақф гирифта мешавад [4, 145, 145]; Аз рӯйи дувоздаҳ ман ҳосил, **даҳсе** ҳаққи подшоҳӣ ва **даҳяк** [1, 129, 133, 135, 136, 136, 145, 145, 145] ҳаққи авқофро ҳисоб карда нависед [4, 127]; Баъд аз он ки ҷумлаи **сулсот** қабзи саркори олӣ ва ғуломони даргоҳи шоҳӣ шуд [3, 36/68, 36/68, 125/247, 197/391, 242/481, 256/510].

Вожаи **сулсот** иқтибосии арабӣ буда, дар асл аз решаи **сулс** ба маънии **сеяк, аз се як ҳисса** бо илова кардани пасванди шаклсози арабии **-от** ва ба гунаи **сулсот/сулусот** бо маънии сеякҳо сохта шудааст. Гузашта аз ин, дар асар вомвожаи арабии **сулсон** танҳо як маротиба дучор шуд. Ин вожа аз решаи арабии **сулс** бо илова кардани пасванди мусанно, яъне шакли дутогии исм ба гунаи **сулсон/сулусон** сохта шуда, ба маънии **ду ҳисса аз ҷумлаи се ҳисса, ду сеяк корбаст** шудааст, ки дар осори таърихии устод Айнӣ ба чашм нарасид: …он саги хунхори худобехабар баъд аз тай кардани **сулсони** роҳ ва қатъи тариқу масофат бино бар оромиши рукӯбу давоб(б) ва барӣ аз тақоруби навоибу инқилоб майл ба осоиш фармуд [3, 46/88].

Зимнан, **сулсот** дар матн на ба ҳайси шумора, балки ба маънии исм корбаст шудааст, зеро дар забони арабӣ ҳам вожаҳое, ки воситаҳои ифодаи маъниҳои грамматикии исмро (дар мисоли мо **-от** мебошад, ки аз исми танҳои занонаи арабӣ шумораи ҷамъи исмҳо сохтааст) қабул мекунанд, ба исм табдил меёбад, яъне ба ҳодисаи субстантиватсия дучор мешаванд.

### III.1.4. Шумораҳои тартибӣ

Дар забони осори мавриди омӯзиш мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ин навъи шумораҳо бо илова намудани пасванди **-ум** (бо қаринаҳои **-юм, -вум**) сохта мешаванд. Сурати **-юм** ва **-вуми** он тибқи қоидаи низоми овозии забон ҳини баъди шумораи бо садонок тамомшуда омадани ин пасванд ба вуҷуд меояд. Пасванди номбурда дар забони форсии миёна низ барои сохтани шумораҳои тартибӣ ба кор мерафт, ки он аз **-ama**-и эронии бостон аст [169, 46]. Илова бар ин, дар осори форсии бостон ин навъи шумораҳо ба кор рафтаанд, ки дар таркиби худ пасванди мазкурро доранд: **aivam**, **duvitīyam**, **çitiyam** [73, 54]. Аз ин нуқтаи назар, донишманди асримиёнагии форсу тоҷик Хоҷа Ҳасани Нисорӣ роҷеъ ба пасванди мавриди таҳқиқ сухан гуфта, чунин арзёбӣ кардааст: "Чаҳорум "мим"-и таъмини теъдод ва он баъди исми аъдод дарояд ва ҳарфи қабли худро мазмум намояд, чун "якум" ва "дувум" ва "севум" ва "чаҳорум" ва ғайри он" [60, 38].

Аз маводи фактологӣ ба мушоҳида расид, ки истифодаи шумораҳои тартибӣ дар осори муқоисашаванда бо баъзе вежагиҳо аз забони имрӯза тафовут дорад. Чунончи, барои ифодаи шумораи тартибии **якум, дуюм** ва **сеюм** дар асари таърихии а.XVIII гунаҳои **яке, дигаре, ва дигар** мавриди истифода қарор гирифтаанд. Бино бар пиндошти устод Хонларӣ, гунаи **ва дигар** дар асл **ду дигар** мебошад, ки котибони нусхаҳо доли аввали онро ба вов табдил ва онро тасҳиф кардаанд [172, 131]. Ногуфта намонад, ки муҳаққиқони пешин дар хусуси корбурди шумораҳои тартибии **ду дигар, седигар** ба ҷои **якум** ва **дуюми** имрӯза ишора карда буданд [99, 161], тамоман ба чашм нарасид, зеро ин вежагиро дар забони порсии дарӣ "бозмондаи форсии миёнаи зардуштӣ" донистаанд [169, 96]: Ва чун Туманойхон, ки ӯро ду писари олиманзар буд, **якеро** маншури хонӣ дод ва **дигареро** дастури амирулумароии узбакии Чингизхон омад… [3, 7/12]; …**якеро** ба худ ва **дигареро** ба бародарзодааш, Нодиршоҳ илтимоси хонро пазируфта [1, 8]; Ва **яке** аз мастуроти он хонадон - хулосаи гавҳари асолату нақоваи ахтари ҷалолатро дар силки муҳаррароти худ номзад кард **ва**

**дигарро** ба яке аз фарзандони комгори худ васлат дод [3, 21/37]; Нуқоваи он кавокиби сипеҳри каромат **се ахтари** бурҷи шарафу сарафрозӣ ба камоли ҷоҳу эҳтиром фоиз гаштанд: **яке**, амири комёбе, ки рутбаи хуршед ба тамомии оламиён равшану зоҳир аст; **ва дигар**, Муҳаммадёдқоштибий, ки аз ин ду гавҳари дарёи эҷод натиҷаи як садафи муҳити бахтёрианд; **ва дигар**=сеюм, Муҳаммадбароти қушбегӣ, ки аз дигар дурҷи ҳарами иффат ба вуҷуд омад...[3, 17/30].

…**яке** барои тӯйи хатнаи писар арза медод, инъоме меёфт. **Яке** "ба ман фалон китоб даркор аст, аммо ба гирифтан пул надорам" гуфта, арза медод, ба муддао мерасид. **Яке** фалон саҳм мозодаи вақф, ё тавлияти подшоҳишударо талаб мекард, ба матлуб комёб мегардид [2, 120].

Дар ин ҷумла устод Айнӣ **яке**ро ба ҳайси шумораҳои тартибии **якум, дуюм** ва **сеюм** бамаврид истифода намудааст, ки ин вежагиро Карминагӣ боре ҳам корбаст накардааст.

…ба мулоҳизаи ду фоида мактабҳоро зиёрат кард: **яке** он, ки ба муносибати зиёраташ авом гумон карданд, ки ҳомии ин мактабҳо рус ва ин мактабҳо… **Дувум**, тараққипарварону мактабхоҳон ба муини мактаб будани элчихона итминон ҳосил карда.. [2, 136].

Чун анъана, устод Айнӣ дар ҷумлаи боло шумораҳои **яке** ва **дувум**ро тартибан овардааст, вале Карминагӣ онро истифода накардааст.

Аз рӯйи мисолҳои ҷамъшуда бармеояд, ки Карминагӣ ва устод Айнӣ ба сифати шумораи тартибии дуюм, шумораи арабии **сонӣ**ро дар мавридҳои алоҳида ба кор бурдаанд: …соири аломот дар аҳдҳои **сонӣ** [2, 96]; Ҳар кадоми олуқгирон дар сари моҳи **сонӣ** аз аввал зиёдатар талаб мекунанд [2, 114]; Ва дар расми муғулу атрок рутбаи атолиқӣ **сонии** султонӣ ва **дувуми** соҳибқиронӣ эътибор додаанд [3, 7/12].

Дар ҷумлаи охир Карминагӣ танҳо маротибае ҳам шумораи тартибии арабии **сонӣ** ҳам шумораи тоҷикии **дувум**ро корбаст намудааст.

Бояд ёдовар шавем, ки Карминагӣ ва устод Айнӣ шумораҳои тартибиро дар ағлаби ҳолот барои ифодаи рӯзҳо, санаҳо ва моҳҳои муҳими таърихӣ ба

кор бурдаанд: Рӯзи якшанбеи **нуҳуми** моҳи рабеъуссонӣ ва **понздаҳуми** ҳамали санаи алфун ва арбаъун ва ситтуна ва миатун (09.04.1164/07.03.1751) мувофиқи кӯй йили суродиқи иқбол ва рояти давлат дар ҳаракат омад [3, 156/310]; …рӯзи чаҳоршанбе соати як баъд аз зуҳр **18-уми** зилҳиҷҷа соли 1338 ҳиҷрӣ (**якуми** сентябри 1920 мелодӣ)… [1, 186].

Дар "Туҳфат-ул-хонӣ" ифодаи қариб тамоми санаҳои муҳими таърихӣ бо шумораҳои арабӣ сурат мегиранд, аммо ба забони осори таърихии устод Айнӣ хос нест: дар санаи алфа ва сабъа ва ишруна ва миатун [3, 1127/1715, 17/29, 21/37, 35/66, 38/72, 42/79, 46/87, 49/93, 63/122, 89/176, 118/234, 126/249, 131/260, 137/272, 179/356, 201/399, 210/418, 214/426, 220/437, 222/442, 250/497, 255а, 289а, 294а, 143/283, 150/297, 156/310, 197/391]; …тухми шарорат дар мазрааи замир мекошт, то дар санаи **алфун ва арбаъа ва салосуна ва миатун** (1134/1721) яке аз салотинзодаҳои Тӯрон - Раҷаб номеро дар балда ва маҳфузаи Самарқанд ба хонӣ бардошт [3, 9/15].

### III.1.5. Нумеративҳо ва воҳидҳои шумор

Дар забони осори мавриди қиёс як қатор калимаҳои нумеративӣ ва воҳидҳои шумор барои ҳисоб намудани миқдори ҳам ашёи дискретӣ ва ҳам ғайридискретӣ ба назар мерасанд, ки бо гузашти замон баъзеи онҳо аз байн рафтаанд ва баъзеашон то имрӯз дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ истеъмол мешаванд.

Карминагӣ ва устод Айнӣ дар осорашон нумеративҳоеро мавриди истифода қарор додаанд, ки онҳоро аз рӯйи вазифа ва тобишҳои маъноӣ метавон ба зергурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

1). Нумеративҳое, ки ҳини ҳисоб намудани миқдори одамон ба кор бурда мешаванд: **тан, кас** ва **нафар.** Зимнан, ин воҳидҳои мазкур дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ роиҷ мебошанд.

**Тан** дар осори мавриди қиёс танҳо як маротиба ба ҳайси нумератив омадааст: Ва бо вуҷуди он ки камтар аз **сесад тан** диловари таҳамтан сар дар ҳавошии рикоби он амири шуҷоатинтисоб буда… [3, 11/20]; Муқаннаъ бо **36 тан** аз наздикони худ ба наздикиҳои об омада... [1, 245].

**Кас** яке аз воҳидҳои сермаҳсул маҳсуб мешавад ва дар сарчашмаҳои таърихии мавриди қиёс (дар саҳифаҳои 3, 25/45, 40/76, 57/110, 177/351, 188/373, 194/385, 197/391, 199/395, 204/406, 205/407, 205/407, 205/407, 209/415, 209/415, 209/416, 212/422, 215/428, 217/431, 241/480, 244/486, 252/501, 257/512, 261/520, 261/520, 267/531, 278/554, 280/557, 280/557, 283/563; 1, 211, 211, 217, 220, 226, 234, 254, 272) мукаррар омадааст: Дар назди тӯра аз **400 нафар кас** беш намонд [1, 78].

Дар ҷумлаи боло ба таври мувозӣ ҳам **нафар** ва ҳам **кас** мавриди истифода қарор гирифтааст, дар асари таърихии Карминагӣ ин вежагӣ боре ҳам ба чашм нарасид: …бегоҳи ҷумъа дар ағруқ **аз даҳ кас як нафар** гузошта, сӯйи Тангдевор озим шуданд [3, 215/428].

Дар ҷумлаи охир ба таври мувозӣ ду нумеративи баробарҳуқуқ корбаст шудаанд, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ ба гунаи **аз даҳ як нафар** ё ин ки **аз даҳ як кас** чун шумораҳои миқдории касрӣ баромад мекунанд.

**Нафар** дар забони осори даврони муқоисашаванда ба таври васеъ истифода гардидааст. Л.П. Смирнова қайд мекунад, ки дар “Таърихи Систон” нумеративҳои **-то** ва **нафар** дучор нашуданд [142, 21]. Дар забони асари Карминагӣ ҳам нумеративи **-то** дучор нашуд: Бино бар он, Муҳаммаддӯст эҳроми даргоҳи мазлумпаноҳ баста, аз Пешовар ба рафоқати **ду-се нафар** мулозим қатъи манозил ва тайи мароҳил намуд [3, 196/389, 77/151, 77/152, 78/154, 105/208, 107/211, 116/229, 141/280, 160/317, 189/376, 191/379, 192/381, 196/389, 203/403, 254/505, 266/530, 267/531, 268/533, 268/534, 280/558, 283/563, 283/564; 1, 117 маротиба; 2, 130; 4, 126 маротиба]; ...Убайдуллоҳ аз он асирон **чор ҳазор нафарро** ғуломи худ кард [1, 200].

Вежагии боризи **нафар**и “Туҳфат-ул-хонӣ” дар он аст, ки Карминагӣ воҳиди мазкурро ҳангоми нишон додани миқдори ҳайвонот низ корбаст намудааст. Чунин тарзи корбарии нумеративи **нафар** ҳам ба забони адабии тоҷикии а.XX ва ҳам ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ хос намебошад: …борони эҳсон бар мақорини эшон борида, ҷиҳати эшон **сесад**

**нафар** асбони роҳвор ва хилъатҳои фохир ва бист ҳазор хонӣ бахшида, аз инъоми мулукона сарафрозӣ дод [3, 269/536].

2). Нумеративҳое, ки барои ҳисоб намудани исми ҷондори ғайришахс истифода шудаанд, аз ҷумла **сар** ва **тӯқуз.**

**Сар** дар таърихномаи "Туҳфат-ул-хонӣ" ҳамагӣ як маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст: …аз он ҷумла ёздаҳ ҳазор гӯсфанд ва ҳазор гов ва понсад **сар** асб ба қабзи саркори давлат интизом ёфт [3, 183/363]; Муҳаббат дар вақти хӯрокхӯрӣ **як сар** ангурро бо як парча нон дар як рӯмолча баста "ин азони Фотима" гуфта монда буд [4, 462].

Дар ҷараёни тадқиқот аён гашт, ки **сар** танҳо як маротиба дар "Ғуломон"-и устод Айнӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Тӯқуз** вомвожаи туркӣ буда, он дар "Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ" туҳфа барои арус; даста, дарза, банд ташреҳ ёфтааст [179, 614]. Зимнан, як нуктаи муҳимро қайд бояд намуд, ки дар таърихномаи "Туҳфат-ул-хонӣ" **тӯқуз** ҳам ба вазифаи нумератив ва ҳам ба вазифаи исм вохӯрд: Чун сухани кадхудоёни он қавм шарафи қабул ёфт, **се тӯқуз** аспи хонзод ва **як тӯқуз** шутури роҳвор пешкаш оварда, дусад хонавор аз элоти худ оқулӣ ба Бухоро доданӣ шуданд [3, 291/580]; Инчунин бузургони завилэҳтиром ва умарои боэҳтишом фарохури иззату икром **тӯқузҳое** пешкаш аз асбони роҳвор ва қумошҳои нафис аз назари кимёасар гузаронида, шарафи навозишу қабул ёфтанд [3, 286/569].

Дар ҷумлаи охир маълум аст, ки Карминагӣ танҳо як маротиба воҳиди шумори **тӯқуз**ро ба сифати исм мавриди истифода қарор додааст, ки он ба маънои **туҳфа** ва **ҳадя** корбаст шудааст.

Вежагии фарқкунандаи воҳиди мазкур дар он аст, ки дар осори таърихии пешин ва забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба вазифаи исм корбаст гаштани он хос набуда, аммо дар забони гуфтугӯии қисмати шимоли Тоҷикистон, аз ҷумла Хуҷанд ва тобеи он то ҳол ба чунин вазифа мавриди истифода қарор мегирад. А.Зоҳидов, Б.Осимова – мураттибони "Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд" дар иртибот бо воҳиди мазкур - исм

баъзан бо феъли ёридиҳанда феъли таркибии номӣ сохтани онро таъкид намуда, мисол ҳам овардаанд: “Тӯққус кардан – якчанд чизро болои ҳам гузоштан: Ҷевом-ба идиш-а тӯққус када намон-тон, йаг заминҷуммӣ шав-ат, ҳама-ш ғалтида мешикан-ат” [170, 288]. Ба осори мавриди қиёси устод Айнӣ истифодаи воҳиди шумориши мазкур хос намебошад.

Тазаккур бояд дод, ки **тӯқуз** на танҳо барои муайян намудани миқдори исмҳои ҷондори ғайришахс, балки барои ифодаи миқдори исмҳои шахс ҳам истифода мегардад: Чун Эрдонабек маҳзари пешкаше ба назари кимёосор ҳозир оварда буд, мисли **як тӯқуз ғулом** ва ҷорияи қалмоқ ва **як тӯқуз ҷонвар** аз шунқору шоҳину боз ва чанд **даст** найза ва асби тулфор, ки рӯийда аз асби абӣ аст, ҳиммати гаронмояи амири комгор дар ҳаракат омада, дасти ҷуд ба домани эҳсон афшонд [3, 206/409]. Дар ҷумлаи фавқ вожаи **даст** ба ҳайси нумератив омадааст, ки ин яке аз хусусиятҳои фарққунандаи мавзуи мавриди таҳқиқ маҳсуб мешавад.

Ба ҳамин минвол, Карминагӣ воҳиди шумори **адад**ро ҳамагӣ як маротиба истифода бурдааст, лек дар забони осори таърихии устод Айнӣ бошад, дар таркибҳои: яксаду панҷоҳ **адад** маъхаз [1, 96, 97, 97], тақрибан сад **адад** дастхат [1, 122], тахминан **ҳазор адад** ҷарида [2, 149, 159], панҷ-шаш **адад** мактаб [1, 163], **панҷ-шаш адад** ҷавонтуркон [1, 163] ба кор бурда шудааст: ...бо вуфури ҷалодату касрати шавкат бо тӯбхонаҳои пуруббаҳат, ки **сӣ адад** тӯпи қалъакӯбу хумпораи барқшарора ва манҷаниқи раъдовоз буд... [3, 60/115].

3). Воҳидҳои шуморе, ки ҳангоми ҳисоб намудани предметҳои алоҳида омадаанд: **ман** ва **харвор**. Дар натиҷаи омӯзиши ҳаматарафаи мавзуи мазкур маълум гардид, ки **ман** ва **харвор** дар “Туҳфат-ул-хонӣ” танҳо барои ҳисоби **ғалла** мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, шоистаи зикр аст, ки воҳиди шумори **харвор**ро устод Айнӣ боре ҳам ба кор набурдааст. Бино бар маълумоти Алумар, дар Хоразми а.XIV ченаки **харвор** баробар ба 100 ратли хоразмӣ будааст. Абулғазнӣ бошад, дар оғози а.XVII **шутурвор** ва **харвор**ро қайд намудааст, ки ченаки **шутурвор** назар ба **харвор** 1,5 маротиба қиматтар

аст [150, 105, 64, 83-85; 63, 129]: Рӯзи чаҳоршанбе ғурраи рамазони муборак **чорсад харвор** ғалла ба ҷамоаи қароқалпоқ аз Самарқанд суюрғомишӣ фармуда… [3, 204/406]; …**ҳафт ҳазор харвор** ғалла аз атрофу ақтор ҳосил карда, ба Самарқанд расониданд [3, 179/356]; …ҷиҳати асбоби маишат мустаҳфизони он ду қалъаи мазкур ва баҳодури мазбур моҳ ба моҳ аз мазрааи саркори амири боиқтидор аз **ҳазор ман(н) ё ду ҳазор ман(н)** ғаллаи сулсот ва мавоҷиби чираву алиқро мефиристоданд [3, 125/247].

Ҳарчанд калимаи **ман** дар ифодаи вазн бо калимаи туркии **ботман** муродиф бошад ҳам, дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ онҳоро барои ифодаи вазнҳои гуногун истифода намудаанд. Масалан, дар Қӯқанд 1 ботман ба 8 пуд баробар буд, ки он ба 128 кг рост меояд, вале дар баъзе лаҳҷаҳои шимол ин вазн 100 кг-ро ташкил медиҳад [130, 158]. Умуман, дар Бухорои асрҳои XVII-XIX ҳашт намуди **ман**, аз 0,8 то 262 кг мавҷуд буданд [156, 156]. Боиси зикр аст, ки калимаи номбурда дар лаҳҷаҳои ҷануб чун ченаки вазн, ки баробари 8 пуд (128 кг) аст, истифода мешавад: *Йа* ***мани́*** *и ғала-ра бъфрушен* (Данғараи Боло); *Вахти қадим-да чор пуд-а ним* ***ман*** *мегуфтан* (Чавроғи Боло). Ин калима чун воҳиди ченаки сатҳ (масоҳат), ки баробари як гектар аст, корбаст шудааст: *Ҳаф* ***ман*** *зъмин дорем, ҷъф кардайесодан* (Лангари Шоҳ). Ба маънои зарфе, ки бо он шир чен мекунанд, омадани ин калима ба мушоҳида мерасад: *Йа хърма-ра мāн мекънан-ъ ба (баъд) шир мегиран* (Учқул) [46, 66-70]: Инҳо ихтиёр доштанд, ки як заминро як **ман** ё даҳ **ман** ҳосилот тахмин намоянд [1, 136].

4). Дар баробари ин мо зимни таҳқиқи мавзуи мавриди баҳс бо якчанд калимаҳое, ба мисли **мил, фарсах, газ, сол, пора, ҷариб, мисқол, рупия** дучор шудем, ки ба сифати воҳидҳои шумор ба кор рафтаанд, ки ҳар кадоме воҳиди муайяни шумори мафҳумҳоро баён менамояд: тахминан бист-сӣ **газ** [1, 92], панҷоҳ **газ** [1, 251, 251]: Ҳар тире, ки аз хонаи тӯп кушод ёфта ба даруни ҳисори шаҳр меафтод, **чандин газ** ба зери замин фурӯ мерафт ва баъд аз фурсате, ки доруи даруни хонаи тӯп оташ гирифта, ба ҷониби боло сууд мекард ва **сад пора** гардида, дару деворро мунҳадим месохт [3, 102/201;

178/353, 198/393, 238/474]; Умри гиромии ҳазрати Саййид Абулфайзхон **чиҳилу нуҳ сол** аст [3, 96/190]; ...то мушорунилайҳи бо ҷумҳури девониён амр ба эҳзори фуқарои тумонот сохта, **мувофиқи ҷариб** *(ченаки дарозӣ, баробари 4 қафиз, 1 қафиз баробари 144 газ. баробари 1000 зироъ - А.Б.),* ки иҳотаи девор **ҳаждаҳ ҳазор газ** баромад, ба раъоё қисмат намуданд [3, 178/353]; ...камоли хайрхоҳии амири зафариқтибос зеҳннишини хотири он фармонравои ҷамоҳир боис омад, **сесад ҳазор рупияи** ҷаҳонободӣ, ки ҳар яки ӯ ба вазни **дую ним мисқол** зари сафед аст, ҷиҳати худдоми амири соҳибдавлату иқбол икрому илтифот фармуд. Амир бо ҷуду эҳсон **сад ҳазори ӯро**, ки **як лак зари сафед** аст, ба умарои Тӯрон тавзеъ ва қисмат фармуд [3, 80/158]; саду панҷоҳ ҳазор **мисқол**… [1, 202].

Дар асоси маводи фактологӣ метавон гуфт, ки дар забони осори қиёсшаванда ҳамагӣ як маротиба нумеративи арабии **мисқол** барои ифодаи ченаки вазн истифода шудааст. Дар ФЗТ моддаи “***мисқол*** *а.* 1. *кҳн.* воҳиди ченаки вазни чизҳои майда, ки асосан ба 4,68 гр. баробар буд. 2. санги тарозу” [179, 365]. Ногуфта намонад, ки воҳиди ченаки мазкур дар адабиёти илмиву осори шоирону нависандагон як хел ба назар намерасад. Аз ин нуқтаи назар, муҳаққиқи рус Е.А. Давидович дар асоси маводи мансуб ба асрҳои XVII-XVIII дар вилоятҳои Самарқанду Бухоро ба 4,7 г. баробар будани ин вомвожаро қайд намудааст [39, 50].

Зимнан, Карминагӣ нумеративи **мил**ро фақат бо шумораҳои миқдории сода мавриди истифода қарор додааст, аммо дар ягон осори қиёсшавандаи устод Айнӣ воҳиди шумориши номбурда дида нашуд: …аз мавзеи Қипчоқ, ки то ба Ургут нисфи **як мил** роҳ аст, ҷумҳури сипоҳ тай намуда, дар муқобалаи он қалъа аламҳои иқбол барпо карданд [3, 186/369]; …фиаи ашрори равофиз бо даҳшати афзун аз шумор аз перомуни қалъа ва муҳосараи ҳисор бархоста, **як мил** роҳ бар ақаб нишастанд [3, 24/43, 217/432, 198/393].

Гуфтани он ҷоиз аст, ки дар асари мавриди назари мо номи худи ашёи шумурдашаванда ба ҳайси нумератив истифода шудааст: ду қомати румҳи шиҳобӣ [3, 160/318], чандин ҳазор астар [3, 21/37], чиҳил ароба [3, 181/360],

чиҳилу панҷ асби тӯбчоқи роҳвор [3, 229/456], шаш ҳазор савор [3, 244/486]: Ҳазрати аъло Давлатқӯшбегӣ ва Ҷумъақултӯқсобаро масҳуби **ҳазор савор** ҷиҳати забти амвол ва тасарруфи ашёи Муҳаммадаминбий ва тавобеи ӯ аз аҳли қуро ва ғайруҳу ва ахзи моли амонӣ дар муқаддима роҳӣ карда... [3, 247/492]; Аз вусули рояти рифъатмадор Мӯсобий ва Дӯстмуҳаммадбий мунаббеҳ ва хабардор гардида, бо **ду-се ҳазор пиёдаву савор** сари роҳ бар муқаддимаи сипоҳ гирифта, аз боғот гузаштанд [3, 186/369]; Дар муддати бист рӯз ба қуввати саъю бозуи эҳтимом наҳре ба ҳусул пайваст, ки тули он **ду ҳазору чаҳорсад газ** ба заръи шоҳӣ ва умқи ӯ дар баъзе мавозеъ **ду қомати румҳи шиҳобӣ** ва арзи ӯ низ аз ин қабил [3, 160/318]; ...асбоби таҷаммулу шавкат мекашид ва **чиҳил аробаи** гардун ҳомили тӯпу арродаи раъдосор омада, дар инони якрони давлат зилзила дар қилои матини аъдо меандохт [3, 181/360].

"Воҳиди масофа гоҳо ба воситаи вожаҳои махсус, ки андозаи ҳаракати чизеро аз як нуқта ба нуқтаи дигар нишон медиҳанд, баён гардидааст, ки чунин ифода кардани ченаки масофа хоси гуфтори халқӣ буда, то ба имрӯз низ дар забони тоҷикӣ мавриди корбурд қарор дорад: … ва ба ҳеҷ ҷойи дигар касеро заҳра набошад дар об шудан ба **як тирпартоб** дур аз шаҳр; …дар миёни кӯҳ шаҳр аст **ду тирпартоб** дар ду беш нест" [18, 135].

Дар забони "Туҳфат-ул-хонӣ" низ ин ҳодисаи сарфӣ ба чашм расид: Тӯпхонаи Намозгоҳ, ки **як тирпартоб** роҳ аз қалъа дуртар дар муҳозии дарвоза буд ва мамлӯ аз миракони туфангдор чашми мӯру дидаи морро ҳадафи бундуқаи оташбор месохтанд [3, 283/564]; Чун аз маҳалли саворӣ то манзили мақсад **як ҷавлонгоҳ** буд, зоти ҳумоюнӣ бо юсуну ойини чингизӣ баронғору ҷавонғор ороста, ба тарафи аъдо азимат фармуд [3, 264/526].

## III.2. Ҷонишин ва вежагиҳои морфологии баъзе анвои он

Ҷонишин низ дар қатори дигар ҳиссаҳои номии нутқ мавқеъ ва ҷойгоҳи хоси худро дорад. "Ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ категорияи муайяни калимаҳоро ташкил намуда, мавқеи калони истеъмолӣ доранд" [79, 7].

Маълум аст, ки ҷонишин ҳамчун ҳиссаи номии нутқ хусусияти унвонӣ дорад, вале бар хилофи исму сифат ҳодисаҳои сермаъноӣ, омонимӣ, синонимӣ, антонимӣ ба калимаҳои ҷонишинӣ хос нест [19, 157].

Бояд қайд намуд, ки дар забони даврони мавриди қиёс хелҳои ҷонишинҳо, аз қабли предметӣ (ман; ту; ӯ; вай; мо; моён; моҳо; шумо; шумоён....); сифатӣ (ин; он; ҳамин; ҳамон; чунин...) ва миқдорӣ (чанд; чандин; чӣ қадар; ин қадар; ҳамон қадар...) ба чашм расиданд, ки мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ буда [19, 157], ягон фарқи бориз надоранд, аз ин рӯ, мо аз таҳқиқи ҳаматарафаи ин падидаи грамматикӣ худдорӣ намудем.

Зимнан, ин қисмати кор роҷеъ ба қиёсу баррасии вежагиҳои сарфӣ ва дараҷаи корбурди баъзе навъҳои он, аз ҷумла ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва таъинӣ бахшида шудааст.

### III.2.1. Ҷонишинҳои шахсӣ

Низоми ҷонишинҳои забони даврони муқоисашаванда бисёр мураккаб буда, хусусиятҳои морфологии худро дорост. Бино бар иштирокчии баъзе ҳодисаю воқеоти ҳамон давра будан муаллифон худро бо калима-ҷонишинҳои **банда, камина, камтарин, муҳаққар, фақир** ва **мусаввиди авқор** муаррифӣ намудаанд.

Маводи ҷамъовардаи мо ва ҳамчунин қайди хулосаҳои муҳаққиқони ин масъала [ниг. ба: 166, 58-72; 163, 34-41; 161, 119-128; 164, 65-72; 139, 169-170; 162, 108] имконият медиҳад, ки ҷонишинҳои шахсии осори мавриди қиёсро мухтасаран дар ҷадвали зер нишон диҳем.

| **Шахс** | **Шумораи танҳо** | **Шумораи ҷамъ** |
|---|---|---|
| Шахси 1 мутакаллим | ман, банда, муҳаққар, камина, фақир | мо, моён |
| Шахси 2 мухотаб | ту | шумо, шумоён |
| Шахси 3 ғоиб | ӯ, вай, он | онҳо, инон, эшон, эшонон |

Хусусияти грамматикии ҷонишини шахси якуми танҳои осор дар он зоҳир мешавад, ки муаллифон гоҳ **ман** ва гоҳ калима-ҷонишинҳои **камина, банда, муҳаққар** ва **фақир**-ро ба вазифаи якдигар истифода намудаанд.

Яке аз вежагиҳои фарққунандаи ҷонишини шахсии **ман** дар он аст, ки Карминагӣ онро як маротиба мавриди истеъмол қарор додааст: …баъд аз шикасти тамомии сипоҳ дастбурде намоям, ки нусрат бар аъдои дин ба номи **ман** нишинад, тааллул варзид *(овора кардан – А.Б.)* [3, 25/46].

Аммо устод Айнӣ дар асари худ ҷонишини шахсии номбурдаро 146 маротиба корбаст намудааст [2]. Сабаби ба нудрат истифодашавии ин воҳид ба назари мо дар он аст, ки забони "Туҳфат-ул-хонӣ" забони таърихӣ-илмӣ мебошад. Гузашта аз ин, бо риоя аз русуму одоби дарборӣ муаллиф худро дар аксари ҳолат бо ҷонишинҳои **камина, банда** ва **муҳаққар** муаррифӣ мекунад: **Камина** хост ба атвору афъол мақомоти ӯро бино бар ибқои осори ҷамил дар васиқаи айём ба сунъи ихтисор сабт намояд [3, 4/5]; …ба остонбӯсии даргоҳи салтанатпаноҳ кас фиристод, ки аз ин **банда** ҷарима филҳол содир нагашта… [3, 219/435].

Д.С. Филот ба ҳайси ҷонишини шахсии шахсҳои якуму сеюми танҳо як қатор калима-ҷонишинҳоро, аз қабили: "банда, banda (theslave); мухлис mukhlis (the (your) devoted); ихлоскеш, ikhlas-kish (the (your) mostdevoted; камтарин, kamtarin (the least); камина, kamina; каниз kaniz (the (your) handmaidorfemaleslave); ҳақир haqir; ишорат ба шоҳ Фидавӣ, Ҷоннисор, Хоназод, Хоксор, Ҳазрат, Қиблаи олам, Ҷаноби Олӣ"-ро [165, 60] баррасӣ намудааст. Аз байни мисолҳои фавқуззикр калима-ҷонишинҳои **банда, ҳақир** бо гунаи **муҳаққар, камина, ҳазрат** ва **Қиблаи омол**, **фақир** ва **мусаввиди аврок** дар маводи таҳқиқи мо истифода шудаанд. Истифодаи калима-ҷонишинҳои асар назар ба осори пешина, ба монанди "Самаки айёр" (а.XII) [79], "Баҳористон"-и Ҷомӣ (а.XV) [79], "Маҷмуъ-ут-таворих" [30; 135], "Бадоеъ-ул-вақоеъ" (а.XVI) [116], "Таърихи салотини манғития"-и Сомӣ ва "Таърихи Бадахшон" (а.XIX) [79] маҳдудтар мебошад:

а). Калима-ҷонишини **банда** ба вазифаи ҷонишини шахси якуми **ман** истифода гардидааст. Дар “Туҳфат-ул-хонӣ” як маротиба ва дар “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” бошад се маротиба ба назар расид: …ба остонбӯсии даргоҳи салтанатпаноҳ кас фиристод, ки аз ин **банда** ҷарима филҳол содир нагашта… [3, 219/435]; …аз ин қабил музокараҳоро зиёда махфӣ медоштанд, **банда** аз тафсилоташ бохабар нестам [2, 167].

б). Калима-ҷонишинҳои **камина** ба вазифаи ҷонишини шахсии **ман** дар осори мавриди қиёс ҳамагӣ як маротиба корбаст гардидааст: **Камина** хост ба атвору афъол мақомоти ӯро бино бар ибқои осори ҷамил дар васиқаи айём ба сунъи ихтисор сабт намояд [3, 3/4]; …ҳар рӯз баъд аз фароғи таълим ба ҳуҷраи фақиронаи **камина** дар мадрасаи Кӯкалтош меомад [2, 42].

в). Калима-ҷонишини **муҳаққар** ба вазифаи ҷонишини шахсии **ман** истеъмол гардидааст. Воҳиди мазкур дар дигар осори таҳқиқшуда ба назар нарасид. Он аз **ҳақир** бо қолаби арабии **муфаъъал** сохта шуда ба маънои ночиз, хурд, ҳақир ва банда омадааст: …дар он ҷо шарҳи суфуфу ороиши муаскар ва муқаддамоти қалъагириро басту муфассал сохта, **ин муҳаққар** мазмуни китобатро дар силки рақам интизом дод [3, 152/302].

Ҷонишини **мо** дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

а). Ишорат ба шахси якуми ҷамъ мекунад: Акнун ки навбати интизоми қавонини он хонадон ба **мо** расида, мехоҳад, ки силсилаи интисоби шоҳӣ ба таносуқи лоиқ ва талоҳуқи собиқ барпо ва мураххас бошад [3, 55/105; 82/161, 104/205, 161/320, 189/376, 200/398, 211/419, 211/420, 273/543, 234/466, 254/505]; “Мо ҳеҷ чизро намехоҳем” - гуфта фарёд мезаданд… [1, 165]; Азбаски **мо** ҷоеро надида ва маҳолифи илмии шаҳреро наозмуда будем…[2, 32, 32, 35, 36, 36, 36, 36, 36, 37, 37, 38, 38, 38, 38, 38, 40, 42, 42, 42, 42, 43, 43, 46, 47, 68, 76, 81, 95, 150, 161, 166, 173, 178, 180, 180, 180, 184, 190, 194, 194, 194, 207, 215, 225, 226, 227, 228, 229, 229, 230, 235, 240, 240, 241, 241, 242, 243, 244, 251].

б). Дар осори қиёсшаванда ҷонишини шахси якуми шумораи ҷамъ **мо** бештар пеш аз сифати феълӣ ё дигар ҳиссаҳои нутқ ҷиҳати равшантар ифода

намудани матлаб баёния (-) корбаст гардидааст: …байналфариқайн собит аст ва **мо** - давлатхоҳонро нисбат ба мулозимони остони рифъатнишон ҳеҷ гуна тараддуде ва маншаъ нест ва аз вуфури алтофи хоқонӣ **мо** - мухлисон низ умедворем [3, 254/505, 43/81, 141/279, 157/312, 172/341, 241/479, 253/504]; ..**мо** – падарон ба харҷи худ атфоламонро заруриёти диния ёд диҳонем? [2, 139, 32, 40].

в). Ҷонишини **мо** пеш ё баъд аз исмҳои ҷомеъ омада, ба ҳодисае ишорат мекунад, ки ба тарафайн дахл дорад, ки ин вежагӣ танҳо дар асари таърихии а.XVIII ба мушоҳида расид: Пас мултамас аз ишфоқи он гузидаи халлоқ он, ки ароизи **мо - мардуми** соҳибтақсирро ба самъи ризо ва қабул исғо намоянд [3, 211/419, 133/263, 211/419, 241/479, 135/268, 289/575].

г). Ҳамроҳ омадани ҷонишини **мо** бо пасоянди **-ро**: ….шукӯҳи ҳашаматасоси шавкати ҷаҳонпаноҳи қавӣ ва заиф бо вазеъ ва шарифи вилоят **моро** ъало раъйи-л-ъайн мушоҳид гардид…[3, 210/418, 211/420, 211/420, 253/503]; **Моро** лозим буд, ки дар хотимаи зикри амир Олим фасле дар аҳволи хусусиаш низ… [1, 188, 209, 265; 2, 36, 180, 211, 212, 225, 226, 227, 227, 227, 228, 228, 228, 229, 242, 243].

Истифодаи ҷонишини шахсии дуюми танҳо **ту** дар “Туҳфат-ул-хонӣ” назар ба осори устод Айнӣ [1; 2] камтар ба назар мерасад. Он ҳамагӣ 2 маротиба дар як саҳифа истифода гардидааст: Шоҳи афғонро ин кирдори ӯ нописанд омада, Муҳаммаддӯст ва ба ҷиҳати талаби мадад ва элӣ омада, қатлу қамъи **ту** аз мурувват нест, ҳар ҷо хоҳӣ бирав [3, 196/389]; “Ҳоло **ту** мехоҳӣ, ба хизонаи ҷаноби олӣ соҳиб ва муфаттиш гардӣ”! [2, 237, 70, 148, 160, 199, 207, 244, 247].

Ҷонишинҳои шахсӣ аз рӯйи ифодаи предмету шахс гурӯҳи мутақобиларо ташкил менамоянд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ин маънӣ асосан дар доираи ҷонишинҳои шахси сеюми танҳо дида шуда, тавассути **ӯ** ва **вай** ифода мегардад. “Ҷонишини **ӯ** бо мурури замон ҳамчун ҷонишини соф шахсӣ муқаррар гашта, нисбат ба шахс истифода мешавад” [19, 158].

Дар “Туҳфат-ул-хонӣ” ҷонишини шахси сеюми шумораи танҳо - **вай** нисбат ба осори муқоисашаванда камтар ба назар мерасад, вале, бо вуҷуди камистеъмолӣ, воҳиди мазкур барои ифодаи исмҳои ҷондор бо ҳамроҳи пешоянди аслии **бар** ва исми беҷон бо пешоянди **дар** омадааст, ки он ҳамагӣ 2 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст. Зимнан, дар “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”-и устод Айнӣ боре ҳам бо ин вежагӣ вонахӯрд: …сурати халъи хусрави Тӯрон Саййид Абулфайзхон ва ҳайъати насабу ирси давлат ва ҷойгири салтанати ӯро **бар вай** ин муддао ва рӯкаши ин иддаъо намояд [3, 81/159]; …ҳар фавҷе ва ҷамоае хаймаву хиргоҳ ва чодар **дар вай** барпо карда, ба анҷоми муҳиммоти сафар касби асбоби тариқи пурхатар муқайяд шуданд [3, 84/166]; Бино бар ин **вай** дар паси ин таълимоти мунофиқона ба Абумуслим таълимоти дигаре дода гуфт… [1, 215].

Шоистаи зикр аст, ки **ӯ** яке аз ҷонишинҳои шахсии сермаҳсул дар осори мавриди муқоиса маҳсуб мегардад. Ин ҷонишин дар якҷоягӣ бо пасванди -ро ва бандаки хабарии шахси сеюми танҳо – **ӯро** ва **ӯст** корбаст шудааст.

Ҷонишини **ӯ** дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

а). Дар “Туҳфат-ул-хонӣ” ба вазифаи **он** корбаст шудани ҷонишини шахсии **ӯ** дида шуд, вале дар осори устод Айнӣ ба назар нарасид: …роҳбару ғаҷарчии лашкари куффор гардида, муҳаррики он фиаи боғия **ӯ** буд… [3, 27/49]; … сесад ҳазор рупияи ҷаҳонободӣ, ки ҳар яки **ӯ** ба вазни дую ним мисқол зари сафед аст, ҷиҳати худдоми амири соҳибдавлату иқбол икрому илтифот фармуд [3, 80/158].

б). Яке аз вежагиҳои грамматикие, ки дар истифодаи ҷонишини мавриди таҳқиқ ба назар расиду каме болотар ишора рафт, ҳамроҳ омадани ҷонишини **ӯ** бо пасоянди **-ро** аст ва ин ҳодисаи грамматикӣ дар осори қиёсшаванда хеле фаровон рух додааст: Хоқони комрон ба алтофи хусравона **ӯро** навозиш фармуда, ба мавоиди шоҳона мустазҳар гардонид [3, 234/466]; …аҳолии Балх **ӯро** масхара дошта, бо забони тоҷикӣ ба ӯ гуфтанд [1, 208].

Яке аз вежагиҳои боризи ҷонишини номбурдаи “Туҳфат-ул-хонӣ” дар он аст, ки ишорат ба предмети ғайришахс мекунад ва бо ин хусусияти

морфологӣ ҷонишини мазкур хеле фаъол мебошад (барои ифодаи мавзеъ, ба ҳайси **он**): тумоноти ӯ [3, 54/103], тасхири ӯ [3, 43/82], тохту тороҷи ӯ [3, 46/88], ақрони ӯ [3, 50/96], ҷиҳоти ӯ [3, 94/186], инҳидоми ӯ [3, 220/220], ба ямину ясори ӯ [3, 319/320], навоҳии ӯ [3, 170/339], сокинони ӯ [3, 267/531], сӯйи ӯ [3, 38/71]; бо пасоянди **-ро:** ҳавошии ӯро [3, 94/186], бурҷу бораи ӯро [3, 103/204, 141/279], мардуми ӯро [3, 121/239], музофоти ӯро [3, 156/309, 174/345/345], қалъаи расини ӯро [3, 179/356, 180/357, 187/371, 216/230/230], се ҷиҳати ӯро [3, 259/516, 290/577]: … амирулумарои комрон бо хоқони наҷобатақрон ба таъмири Бухоро ва мараммати **тумоноти ӯ** кӯшиданд [3, 15/26, 20/35, 20/36/36].

Мусаллам аст, ки **ӯ** ҳини барои ифодаи предмети беҷон истифода шудан доимо ба сифати ифодагари бавосита ё бевоситаи объект омада, дар аксари ҳол дар ҷумлаҳои аввал дар бораи он предмети беҷон сухан рафтааст.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ як қатор ибораҳое ҳастанд, ки шахси сеюми танҳоро ифода мекунанд: “Ибораҳои **ин шахс, он шахс, ҳамин шахс, ҳамон кас, ин одам** бо ибораҳои **ин кас** ва **он кас** муродиф мебошанд. Онҳо ҳам шахси сеюми танҳоро ифода мекунанд” [19, 160]. Ҳангоми омӯзиши осори мавриди қиёс ибораи **он шахс** танҳо як маротиба дар “Туҳфат-ул-хонӣ” ва дар “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” ибораҳои **ин шахс** [2, 58, 100, 141, 203, 206, 206, 214, 221, 239, 247, 247, 247, 248, 248], **он шахс** [2, 118, 178, 216], **ҳамин шахс** [2, 142, 217], **ҳамон шахс** [2, 171, 178] ба ҳамин вазифа дар мавридҳои алоҳида дучор гардиданд: **Он шахс** наҷоти худро дар сидқ мулоҳаза карда, чунон башорат дод, ки Абдол аз вусули сипоҳи нусратпаноҳ бағоят ғофилу бехабар буда, акнун дар фикри дурустии олоти ҷорчӣ ва асбоби муқотала аст [3, 216/429]; Будани **ин шахс** дар Бухоро аз ҳар ваҷҳ зарур буд… [2, 173].

Ю.А. Рубинчик ва Ҷон Перрӣ оид ба ҷонишини шахсии шахси сеюми шумораи ҷамъ - **онҳо** чунин ақида баён мекунанд: “Ҷонишини шахсии шахси сеюми шумораи ҷамъ **онҳо** аз ишоратҷонишини **он** бо роҳи васлшавии суффикси **-ҳо** шакл гирифтааст. Воҳиди мазкур барои ифодаи ҳам исмҳои

ҷондор ва ҳам беҷон истифода мешавад. Ва ин ҷонишин бо ин хусусияти грамматикии хеш хеле сермаҳсул аст” [139, 171; 162, 110]. Б.Сиёев дар ин бобат чунин мегӯяд: “Эшон, ки дар ибтидо барои ифодаи шахси сеюми ҷамъ воҳиди ягонаи универсал буд, тадриҷан ҷои худро бо шаклҳои **онҳо, онон, инҳо, инон, вайҳо** иваз кард” [79, 57; 163, 35].

Б.Шарифов чунин ақида иброз мекунад: “Ҷонишини **онҳо** хоси предмету шахс бошад, **онон** танҳо ба шахс мансуб ва дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ” ниҳоят каммаҳсул будааст. Аз ҷиҳати функсия онҳо баробар буда, ба шахси сеюми ҷамъ баробар хизмат мерасонанд” [106, 54-55].

Дар забони давраҳои омӯзиш ҷонишинҳои **онҳо** ва **онон** танҳо барои ифодаи исмҳои ҷондор корбаст гардидаанд, вале доираи истеъмоли **онҳо** нисбат ба **онон** васеътар мебошад. Гузашта аз ин, **онҳо** дар асарҳо ҳамон вазифаҳоеро иҷро мекунад, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ низ бар уҳда дорад: Боди нахват ба димоғи **онҳо** вазид… [3, 10/18]; Дар вақте ки **онҳо** дар пеши хаймаи Наср суҳбат карда нишаста буданд [1, 209].

Бештарин ҳодисаи грамматикие, ки бо ҷонишини мавриди омӯзиш ба назар расид, ҳамроҳ омадани ҷонишини **онҳо** бо пасоянди **-ро** мебошад: …атрофи вилояту акнофи қасаботи эшонро селоби харобиву оташи вайронӣ зада, барнову пир ва тавилу қасири **онҳоро** ӯлҷаву асир месохтанд… [3, 27/50]; Ва басе аз умарову лашкариёни **онҳоро** ба шиканҷаи асирӣ гирифтор сохт [3, 9/16, 12/21/21, 27/50, 37/69, 115/227/227/277, 198/394, 202/401/401, 205/408, 230/458, 231/459, 241/480, 480/480, 242/481/481, 264/525/526, 269/536]; …то ин ки арабҳо бо онҳо дар як ҷо зиндагонӣ карда, **онҳоро** дар зери назорати сахт гиранд [1, 203].

Ҳангоми муқоиса бо нусхаи дигари асари таҳқиқ ҳодисаи ба ҷои **онҳоро** корбаст шудани **эшонро** дучор гаштем: …бисёреро алафи теғи аҷал карданд ва молу ҷиҳоти **онҳоро** аз қалил то касир ва аз нақир ***(нақир** – пули нақдина ба андозаи хеле кӯчак, шашяки фулус – А.Б.)* то қитмир ***(қитмир** – воҳиди пулии хеле хурд, ки баробари шашяки нақир аст – А.Б.)* ба ғорату тороҷ бурданд [3, 119]; Бобохони мазкур аз ҷониби Хузор бо ду-се ҳазор савор ба

мадади фираќи ашрор расида, дили **эшонро** ќавӣ гардонид ва он тираруӯзонро аз вусули ӯ ҳаёти тоза ва зиндагии беандоза ҳосил омад [3, 23/41]; Чун бандагони ман осӣ шаванд, ман ба осмон равам ва аз он ҷо фариштагон оварам ва **эшонро** ќаҳр кунам [1, 265].

Гуфтан бамаврид аст, ки дар инкишофи ҳазорсолаи забони тоҷикӣ дар истеъмоли ҷонишини **эшон**, ҳамчун муродифи он **онҳо, онон, вайҳо** ва **инҳо** сурат гирифтаанд. Бояд зикр намуд, ки ҷонишини **эшон** дар забони осори ќиёсшаванда фаќат барои ифодаи исмҳои ҷондор корбаст гардидааст: Лекин **эшон** мунтазири ќатли ин 12 нафар шуда, ба Регистон муҳайё буданд [2, 243; 45, 54, 55, 55, 55, 56, 56, 56, 63, 70, 75, 76, 77, 112, 113, 115, 116, 122, 155, 158, 158, 162, 166, 166, 177, 179, 180, 181, 183, 194, 195, 198, 200, 202, 202, 202, 202, 214, 215, 220, 220, 222, 223, 239, 242, 245, 247, 247, 250, 251, 255, 256, 256, 256, 256, 259, 259]; Ва яке аз салотинзодаҳо, ки дар фанои боргоҳи кайвониртифоъ мутамаккинанд, ба **эшон** хон гардонед [3, 255/508, 284 - маротиба].

Ҷамъулҷамъ шудани ҷонишинҳои шахсии шумораи ҷамъи **мо, шумо** ва **эшон** тавассути пасвандҳои **-он** ё **-ҳо** дар забони адабӣ аз асрҳои XI-XII зоҳир мешавад. Муҳаќќиќи “Таърихи Байҳаќӣ” - О.Сулаймонов чунин ќайд мекунад: “Ҳодисаи пасванди ҷамъбандиро ќабул намудани ҷонишин дар “Таърихи Байҳаќӣ” низ ба чашм расид, лек ин ҳодиса танҳо дар ҷонишини шахси дуюми ҷамъ **шумо** ба назар мерасад, ки тавассути алломорфи **-ён** сурат гирифтааст” [80, 97].

Дар рафти ковишҳо ва ҷамъоварии мисолҳо аз “Туҳфат-ул-хонӣ” оид ба мавзуи мавриди назар, яъне дубора ќабул намудани пасванди **-он (-ён)** дар ҷонишинҳои шахсии шумораи ҷамъи **мо** ва **эшон** танҳо як маротиба ба чашм расид. Гузашта аз ин, дар асар ягон мисоле дида нашуд, ки ҷонишинҳои **мо** ва **эшон** пасванди ҷамъбандии -**ҳо**ро ба худ ќабул намуда бошанд. Аммо дар осори устод Айнӣ танҳо **моён** ва **шумоён** хеле фаровон мавриди истифода ќарор гирифтаанд: …муќайяди силсилаи инќиёди ҳазратем ва аз Муҳаммадаминбий дар ин диёр кулфати бисёр аз ҳар ваҷҳ **ба моён** расида, аз

ӯ истишъору интибоҳи бешумор дорем [3, 241/479]; Чун қалъаи мазкур дар мобайни қилои аҳли низоъ буд, роҳи омадшуди мадад ва тартиби асбоби қуввату уббаҳати **эшонон** масдуд омада, дар бинои виқору тамкини онҳо изтиробу тазалзул роҳ ёфт [3, 117/232]; Баъзе аз **моён** ба биёбон баромада ба пушти худ бардошта ҳезумкашӣ мекунад ва бо ҳамин қути лоямуте меёбад [4, 116, 113, 144, 183, 192, 253, 253, 307, 307, 308, 346, 346, 367, 377].

Тибқи тадқиқоти забоншинос Б.Сиёев корбасти воҳидҳои зикршуда аз а.XVI дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тадриҷан афзун мегардад. Агар танҳо дар саҳифаи 72-юм "Самаки айёр" (а.XII) шакли **шумоён** воҳӯрад, "Баҳористон"-и Ҷомӣ (а.XV) тамоман берун аз ин услуби наҳвӣ мебошад. Дар забони асарҳои "Маҷмуъ-ут-таворих" [30; 135] ва "Бадоеъ-ул-вақоеъ" (а.XVI) [116] шакли **шумоён** 9 маротиба ва **моён** 7 маротиба вомехӯрад, ки дар қиёс бо забони осори пештара гувоҳӣ аз таъсири шикасти анъана, пурзӯршавии он медиҳад. Дар "Таърихи салотини манғития"-и Сомӣ ва "Таърихи Бадахшон" (а.XIX) низ ин унсурҳои наҳвӣ афзун гардидааст [79, 53].

Ба ҷуз ин, муҳақиқ Б.Ҷумъаева шаклгирӣ ва корбурди шаклҳои **моён** ва **шумоён**-ро ба се марҳала ҷудо намудааст:

"1) Асрҳои XI-XVI давраи шаклгирӣ ва аҳён-аҳён дучор гардидани онҳо дар манбаъҳои хаттӣ;

2) Асрҳои XVI-XIX давраи корбурди васеи ин шаклҳо;

3) Асрҳои XIX-XX чун меъёри забони адабӣ устувор гардидани онҳо" [101, 247].

**Дараҷаи корбурди ҷонишинҳои шахсӣ дар забони осори давраҳои қиёсшаванда [ниг. ба замимаҳои № 3.2.1 (а); (б); (в) ва (г)]**

а). Натиҷагирӣ ва ҳисоби умумии дар асоси миқдори корбурди ҷонишинҳои шахсӣ;

| **Ҷонишинҳои шахсӣ** | **Дараҷаи корбурд** | % |
|---|---|---|
| PS1 – ман | 190 | 6% |

| | | |
|---|---|---|
| PS1w - фақир, банда, камина, муҳаққар | 82 | 3% |
| PS2 – ту | 33 | 1% |
| PS3u – ӯ | 1428 | 45% |
| PS3v – вай | 69 | 2% |
| PP1 – мо | 333 | 11% |
| PP1s – моён | 6 | 0% |
| PP2 – шумо | 141 | 4% |
| PP2s – шумоён | 6 | 0% |
| PP3 – онҳо | 239 | 8% |
| PP3s – онон | 25 | 1% |
| PP3e – эшон | 583 | 19% |
| PP3es – эшонон | 1 | 0% |
| **R – дар умум** | **3136** | |




б). Натиҷагирӣ ва ҳисоби умумии корбурди ҷонишинҳои шахсӣ дар асоси осори қиёсшаванда

| **Сарчашмаҳо** | **Дараҷаи корбурд** | % |
|---|---|---|
| XVIII | 1305 | 42% |

| | | |
|---|---|---|
| XX (1) | 1186 | 38% |
| XX (2) | 645 | 20% |
| **R – дар умум** | **3136** | |




### III.2.2. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ

Дар забони давраҳои мавриди қиёс чун анъана ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии **худ, хеш** ва **хештан**и маъмул дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Мусаллам аст, ки воҳидҳои мазкур барои ифодаи соҳибияту моликият ва қатъияту таъкид хидмат мекунанд. Ҷонишинҳои нафсии осор аз ҷонишинҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз лиҳози маъно, вазифа ва дараҷаи истифода бо баъзе хусусиятҳои ҷузъиву куллӣ аз ҳам тафовут доранд. Бино бар усули эҳсоии мо бо хулосаи амиқ метавон гуфт, ки **худ** нисбат ба **хеш** ва **хештан** зиёдтар корбаст шудааст. Аммо аз пажуҳиши муҳаққиқини забони осори классикӣ ҳодисаи кам истифода шудани ҷонишини **худ** ва корбасти зиёди ҷонишинҳои **хеш** ва **хештан,** хосатан дар асрҳои IX-X ошкор гардид [79, 124].

Ҷонишини нафсии **худ**и осори қиёсшаванда ба мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ хеле серистеъмол буда, дар мавридҳои зерин истифода мешавад:

а). Барои ифодаи соҳибияту моликият бағоят фаъол аст: …ба ӯ кас фиристод, ки **сипоҳи худ**, кема ва киштиҳоро маҳайё намуда, бар лаби дарё

ҳозир шавад [3, 290/578]; Ҳукумати Бухоро ба ин таклифи **худ** бар дурӯғ бошад ҳам, аз ҳимояти молу ҷони ҷавонон ҳеҷ чизеро қайд накарда буд [2, 172].

Ба ҳамин васила, он баъд аз муайяншаванда дар баъзе мавридҳо тавассути пасоянди **-ро** ва ҳамчунин пасванди ҷамъсози **-ҳо** + **-ро** низ сурат мегирад: …ахиран амири бахтёри комгор Муҳаммаддониёлбийи атолиқ рутбаи обои изоми **худро** баландпоя сохт [3, 273/544]; Амир баъд аз воқеаи Колесов барои ба ҳар эҳтимол ҳозир истодан аскари **худро** қадре танзим дод [2, 179]; …бори дигар хоқони мазкур баъзе умарои **худҳоро** бо фавҷе аз сипоҳ ба ҷониби Кармина фиристод [3, 276/549]. Зимнан, дар асари мавриди таҳқиқи устод Айнӣ [1] **худҳо, худҳоро** боре ҳам вонахӯрдем.

Маълум аст, ки дар ибтидои давраи нави таҳаввули забони тоҷикӣ ҳодисаи бо пасванди ҷамъсози **-ҳо** якҷоя омадани ҷонишини **худ** характернок набудааст. Вале дар марҳалаҳои пеш баъди инкишофи забон ин қоида риоя нашудааст. Б.Сиёев ҳам дар иртибот бо ин мавзуъ мегӯяд, ки “дар забони баъзе осори насри а.XIX шакли **худ** бо суффикси**-ҳо** хеле зиёд ҷамъ баста шудааст. **Худҳо** дар “Таърихи Бадахшон” 25 бор истеъмол мешавад” [79, 132].

Фактҳои забонии осори мавриди таҳқиқ собит мекунанд, ки ин ҳодисаи грамматикӣ ҳанӯз дар қарнҳои XVIII ва XX чун меъёри забони адабии тоҷикӣ пазируфта шуда буд. Тибқи усули эҳсоӣ маълум шуд, ки Карминагӣ **худҳо**ро дар маҷмуъ 17 маротиба ва устод Айнӣ [2] 4 маротиба мавриди истифода қарор додаанд. Бояд қайд намуд, ки дар асари дигари устод Айнӣ [1] ҷонишини номбурда боре ҳам дар шакли ҷамъ наомадааст: Бино бар он, асир ва қайди ӯро фавзи азиму сабаби наҷоти **худҳо** донистанд [3, 268/533]; …дар байни **худҳо** тақсими аъмол намудем… [2, 41].

б). Яке аз вежагиҳои ин ҷонишин дар он аст, ки дар “Туҳфат-ул-хонӣ” дар мавридҳои алоҳида барои ифодаи баёния корбаст мегардад, ки дар осори қиёсшавандаи устод Айнӣ ин вежагӣ дучор нашуд: …дар ҳисонати отифати

бародари бузургвори **худ** – Муҳаммадҳакимбийи атолиқ тарбият ёфта, дар силки авлоди комгори ӯ мунтазим карданд [3, 274/545, 274/546, 275/547].

Дар асоси мушоҳидаҳои ҷузъии мо метавон як нуктаи муҳимро қайд намуд, ки дар забони “Туҳфат-ул-хонӣ” бо бандакҷонишинҳо истеъмол гаштани ҷонишинҳои нафсӣ тамоман ба чашм нарасиданд. Лек дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, аз ҷумла дар забони осори устод Айнӣ ин ҳодисаи грамматикӣ хеле зиёд вомехӯрад, минҷумла худам [1, 241; 2, 147], худаш [1, 171; 2, 238], худатон [2, 69, 70, 70], худашон [1, 197; 2, 250], худашонро [1, 180; 2, 236]: …ба ҷои **худашон** монда дар пеши онҳо волиёни арабро гузошт [1, 202].

Ба ҳамин минвол, дар “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”-и устод Айнӣ **худҳошон** хеле фаровон мавриди истифода қарор гирифтааст, вале дар таърихномаи “Туҳфат-ул-хонӣ”-и Карминагӣ ба назар нарасид: …уламо ва соири аъёни давлат низ ба нафъи **худҳошон** мерасонданд… [2, 84, 55, 55, 84, 84, 84, 85, 86, 127, 193, 204, 207, 215, 221, 258].

Илова бар ин, дар забони давраҳои муқоисашаванда барои равшантар таъкид гаштани шахс баъд аз **худ** ҷонишини шахсии **ӯ, ӯро** ва калима-ҷонишинҳо (дар “Туҳфат-ул-хонӣ”) ва **ман, ӯ, ӯро, он, мо, шумо, онҳо** (дар “Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ”, “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”) дар асоси алоқаи изофӣ сурат мегиранд. Аммо дар забони осори классикӣ бошад, ҷонишинҳои шахсӣ фақат пеш аз **худ** истеъмол мешаванд: …ба осоиши истироҳат дар хонае, ки **худи соҳибраъй** ҷиҳати таърихи он “хонаи зарнигори кай” таҳрир карда буд, ниҳода, атиббои ҳозиқ ба муолиҷа қиём намуданд [3, 193/384]; Мактабҳои мо хусусӣ ва дар хонаи **худи мо** кушода шудагӣ аст [2, 136]; …аз дер боз аҷдодаш хизмати обои изоми шаҳриёри гардунғулом карда, **худи ӯ** аз буду зуҳури давлат ҷонсупори рикоби ҳумоюнӣ омада… [3, 239/476]; … балки рӯйирост ва ҳатто аҷаб нест, ки бо ризои **худи онҳо** шуда бошад [1, 267].

Қобили тазаккур аст, ки дар забони давраҳои мавриди қиёс ҷонишинҳои нафсии **хеш** ва **хештан** дар мавридҳои алоҳида истеъмол мегарданд, аммо

дар таърихномаи а.XVIII ҷонишинҳои номбурда бе иштироки ягон воситаи морфологӣ ба назар расиданд. Бояд қайд намуд, ки **хештан** нисбат ба **хеш** аз нигоҳи корбурд камистеъмол мебошад. Бо вуҷуди ин, воҳидҳои мазкур танҳо дар осори муқоисашаванда барои ифодаи маънои соҳибияту моликият баъд аз муайяншаванда омада, ба кӣ тааллуқ доштани предметро мефаҳмонанд: …аз посу ҳифзи ноираи ғазаби қаҳрамонӣ, ки ба амри **ҳокими хеш** ба қадами ҷуръату ҷасорат пеш омада буданд…[3, 188/373, 16/27, 19/34, 33/61, 68/131, 127/252, 251/500, 269/535, 271/539]; чун ман **қадаҳи хеш** бихӯрам, ҷумла **қадаҳи хеш** бихӯред [1, 264]; …миёнаи қалъаи Дабус ва вилояти Карминаро маръои мавошиву амволи худ намуда, қалъаи Шаҳраку Туркистонро манзилу **маъвои хештан** сохтанд [3, 128/254, 64/124]; …ҷома аз тан берун кард ва **хештанро** дар он танӯр андохт… [1, 264].

**Дараҷаи корбурди ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забони осори давраҳои қиёсшаванда**

| **Худ** | **Хештан** | **Хеш** |
|---|---|---|
| XVIII 638 маротиба | XVIII 2 маротиба | XVIII 9 маротиба |
| XX (1) 513 маротиба | XX (1) 3 маротиба | XX (1) 6 маротиба |
| XX (2) 479 маротиба | XX (2) 0 | XX(2) 2 маротиба |
| **R – 1630 маротиба** | **R – 5 маротиба** | **R – 17 маротиба** |
| **% - 99%** | **% - 0%** | **% - 1%** |









### III.2.3. Ҷонишинҳои таъинӣ

Дар забони осори қиёсшаванда чун анъана ҷонишинҳои ҳам таъинии аслии **ҳар, ҳама, тамом** ва **ҷумла** ва ҳам ғайриаслӣ **ҳар ки, ҳар чи, ҳар кадом, ҳар як** ба чашм расиданд, ки онҳо предмет ва аломати онро ба таври умумӣ таъин менамоянд. Пас, бояд қайд намуд, ки ҷонишинҳои мавриди назари осор аз лиҳози истифода баробар набуда, ҷонишини таъинии **ҷумла** назар ба дигар ҷонишинҳои фавқуззикр камтар корбаст гардидааст. Чи дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва ва чи дар забони осори устод Айнӣ ва чи дар асари "Туҳфат-ул-хонӣ" ҷонишинҳои мазкур дар алоҳидагӣ маънои комилу мустақил надошта, балки мавқеъ ва вазифаи онҳо дар ҷараёни истифода бо таркибҳо дар матн аён мегардад. Аз ин нуқтаи назар, ҷонишинҳои **тамом** ва **ҷумла** таърихан аз забони арабӣ ворид гашта, онҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ чун ҷонишинҳои таъинии тоҷикӣ хидмат мекунанд.

Ҷонишини таъинии **ҳар** дар осори мавриди қиёс чун имрӯза барои ифодаи маънои ҷузъ ва кул(л) корбаст мешавад. Ба ғайр аз ин, он яке аз ҷонишинҳои маъмули забони даврони омӯзиш ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки тобишҳои маъноии **ҳар** танҳо дар таркиб зоҳир мешавад. "Зеро ҷузъе ки бо ин ҷонишин дар як таркиб меояд, ҳамчун таъиншаванда хизмат намуда, мавҷуд будани он боиси равшан шудани маънои ҷонишини мазкур мешавад" [79, 134].

Ҳамин тариқ, муайян намудани тобишҳои гуногуни маъноии **ҳар** касро водор менамояд, ки он дар таркиб таҳлилу баррасӣ карда шавад.

Ҷонишини **ҳар** дар таркиб бо исмҳои макон, замон ва "бо исмҳои ифодакунандаи маънои сӯй ва тараф омада, аз чанд сарчашма ба сӯйе, ба маконе равона гаштани амали объекти суханро таъин мекунад" [86, 136]: **Ҳар рӯз** бо фавҷе аз ҷавонони номҷӯй аз дарвоза берун омада, бозуи ҳамийят мекушод [3, 26/48]; Даромади асосии мамлакат аз деҳқонӣ буда, **ҳар деҳа** ё ин ки чанд деҳа як соҳиб дошт…[1, 196]; …алами ҷангу рояти ҷидол ба ҷониби кунгураи ин нилӣ ҳисор барафроштанд ва **ҳар ҷониби** он диёрро тохт

карда, тамомии ғаллоту ҳосилоти он вилоятро эҳроз намуда, ба муҳосараи он қалъа дасти ҷалодат ёзиданд [3, 22/40]; Маъмурони халифаҳои араб **ҳар сол** дар бадали хироҷи Бухоро аз ҳамин матоъҳо барои халифа мебурдагӣ шудаанд [1, 197].

Инчунин, дар осор ҷонишини таънии **ҳар** бо шумораҳо дар таркиб бағоят бисёр корбаст шуда, маҷмуъ ё ҷузъ аз кул(л)ро ифода мекунад. Гуфтан бамаврид аст, ки шумораи миқдории **як** хеле зиёд бо он дар як таркиб **ҳар як, ҳар яки, ҳар яке, ҳар яке аз, ҳар як аз…, ҳар якеро** меояд: Чингизиён қувваи одамӣ ва вазни сангро ба ҳисоб нагирифта **ҳар як** санги калонро ба пушти асир, ки рост ояд, мегузоштанд [2, 53]; …дигар умарои ҳазораро - **ҳар якеро** ҳазор хонӣ икром фармуд [3, 265/527]; …аҳли фасод мутазалзил буд, **ҳар як аз омадагон** савории давлати ҳазрати ҳумоюниро ба ҷониби хеш далолат менамуданд [3, 271/539]; Аз бемориҳо раҳоӣ ёфта, **ҳар яке** сари кореро гирифтанд [1, 217].

Ногуфта намонад, ки дар осори устод Айнӣ танҳо **ҳар як** ва **ҳар яке** ба чашм расид.

Мушоҳидаҳои мо собит намуд, ки дар таърихномаҳои муқоисашаванда [2; 3] низ вожаҳои арабии **фард** ва **воҳид** бо ҷонишини мазкур ба ҳайси **як** дар мавридҳои зарурӣ истифода мешаванд: Чун фавҷи сипоҳи ҷаррор ва касрати фавориси ханҷаргузор, ки **ҳар як** соҳиби туфанги оташбор ва **ҳар фард** ҳомили самсоми обдор буданд ва иҷтимоъ ва илтиём пазируфт [3, 61/117]; Лекин **ҳар воҳиди** муллоён – хусусан ононе, ки худро… [1, 249, 120].

Дар ағлаби ҳол ҷонишини таъинии **ҳар** бо исмҳои ҷомеъ дар таркиб барои таъини ҷузъе аз кул(л) меояд, ки танҳо дар "Туҳфат-ул-хонӣ" ба назар расид: …ба инъому мавоҷиб мустазҳар сохт ва **ҳар фавҷеву гурӯҳеро** муносиби аҳволи эшон ва сардору пешрав мутаайийин карда… [3, 110/217]; …ҷунуди зафар дар ду хайлу гурӯҳ худро ороишу тартиб доданд ва **ҳар фавҷе ва дастае** олоти музораба ва муҳорабаи худро тайёрӣ сохта… [3, 117/231]. Аз мисолҳои боло мушоҳида мешавад, ки ду исми ҷомеъ бо

ҷонишини мазкур дар таркиб барои бахшидани тобиши таъкидӣ чида шуда омадаанд ва ин ҳодисаи грамматикӣ бағоят фаровон вомехӯрад.

Ҷонишинҳои ғайриаслии **ҳар ки** ва **ҳар чи** аслан аз ҷонишинҳои таъинӣ ва саволӣ сохта мешаванд. Маълум аст, ки **ҳар ки** далолат ба шахс ва **ҳар чи** ба ғайришахс мекунад ва аз нигоҳи корбурд бошад, ҷонишинҳои мавриди баҳс дар забони асари таърихии Карминагӣ назар ба осори таърихии устод Айнӣ фаъолтар, маъмултару фаровонтар ба назар мерасанд: Ҳаққо, ки **ҳар киро** толеи саъд мадад карду иқболи мувофиқ далолат ба роҳи савоб намуд… [3, 187/372]; Бигӯй бандагони маро, ки онҳо ба дидори ман тоқат надоранд ва **ҳар ки** маро бинад, дарҳол бимирад [1, 258].

Ҳамчунин фактҳои забонии осор роҷеъ ба ҷонишини ғайриаслии **ҳар чи** аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин ҷонишин дар мавридҳои алоҳида барои таъини имконият низ ба кор бурда мешавад: …аз маросими бағиву инод ва шароити фитнаву фасод **ҳар чи** дархӯри имкон ояд, зоҳир гардонида, мамлакати Туркистонро зеру забар созанд [3, 29/53]; Баъд аз он аз ман **ҳар чи** мепурсида бошӣ, пурсидан гир [1, 93]; Чунки мисли маъмурони дигар ин ҳам ба сари худ коре карда наметавонад ва **ҳар чи** ба вай фармоянд, ба иҷрои он маҷбур аст [2, 73].

Яке аз вежагиҳои боризи **ҳар чи**и забони осори қиёсшаванда он аст, ки дар таркибҳои устувори аз рӯйи чунин қолаби зерин (*пешоянд* + *исм* + *ҷонишини ғайриаслии* ***ҳар чи*** + *ҷонишини таъинии* ***тамом*** + *пасванди дараҷасози* ***-тар***) омада, зарфҳои таркибии тарзи амалро ифода мекунад. Ин ҳодиса яке аз меъёрҳои забони адабии ҳамон давра маҳсуб шуда, бағоят маъмул мебошад. Вале дар а.ХХ ин қоида мустаъмал намешудааст, зеро дар осори устод Айнӣ таркиби устувори номбурда ба назар нарасид: Рӯзи дигар асбоби ҳисоргирӣ мураттаб дошта, ба шавкати **ҳар чи тамомтар** рояти нусратшиор дар ҳаракат омад [3, 291/580].

Ҷонишини таъинии ғайриаслии **ҳар кадом** чун имрӯза дар осори мавриди муқоиса исми ишориро ба тартиб таъин менамояд: **ҳар кадом** [2, 38, 72, 99, 99, 114, 119, 119, 131, 131, 132, 145, 159, 184, 193, 193, 209, 218, 248,

249, 250, 250, 256; 3, 102/201, 137/271, 211/420, 128/253, 239/476], **ҳар кадомашон** [2, 143].

Дар забони осори мавриди муқоиса ҷонишини таъинии **ҳама** яке аз воҳидҳои маъмул маҳсуб мешавад. Дар забони “Туҳфат-ул-хонӣ” бошад, корбасти пасванди **-гӣ** бо ҷонишини мазкур дар мавридҳои алоҳида ба назар расида, аммо истеъмоли он на тавассути пасванди **-гон** ва на бо бандакҷонишинҳо мушоҳида нашуд. Дар осори устод Айнӣ на **ҳамагӣ** ва на **ҳамагон** дида нашуда, танҳо **ҳама** ва **ҳамаашон** ба назар расид: …аз Ҳамадон то Шероз ва Қуму Кошон дар қабзаи иқтидор овард ва **ҳамагӣ** билоду амсори вилояти Хуросон ба вилояти тасарруфи ӯ мусаллам ва муфаввaз гашт [3, 19/34, 22/40, 29/53, 66/127]; …мумкин буд, ки **ҳамаашон**, ақаллан раҳбаронашон як рӯз ғафлатан дастгир шуда… [1, 168]; …хусусан дар Бухоро ин ҳасорат аз **ҳама** ҷо пешӣ гузид [1, 185].

Ҳамчунин, корбасти ҷонишини таъинии **тамом** дар забони давраҳои мавриди муқоиса хеле фаровон ба чашм расид. Ҷонишини мазкур дар осор аз ҷиҳати тобиши маъно аз имрӯза фарқ мекунад. Агарчи **тамом** маънии ҷамъро таъин кунад, вале боз маънои пурра, комил будани предмет ва ҳолату ҳодисаро ифода мекунад: баҳраи **тамом** [3, 238/473], мамнунияти **тамом** [2, 41], огоҳии **тамом** [3, 92/181], ба ихлосу ақидаи **тамом** [2, 47, 52], истилои **тамом** [3, 26/47], ҷасорати **тамом** [2, 48], имтиёзи **тамом** [3, 26/48], хурсандии **тамом** [2, 54]: …ба ҷониби Қубодиён лашкар бурдааст ва **саъйи тамом** дар муҳосараву тасхири он вилоят намуда… [3, 242/481, 26/48];

Ҳини омӯзиши хусусиятҳои истифодаи ҷонишини таъинии **тамом**и осори қиёсшаванда маълум гашт, ки исмҳои ҷомеъ дар ағлаби ҳол бо **тамом** дар як таркиб меоянд, ки дар “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”-и устод Айнӣ дар ҳамин асос танҳо **тамоми** эл [2, 198] мавриди истифода қарор гирифтааст: **тамоми** сипоҳ [3, 21/37, 25/45, 39/73, 66/127, 180/358, 217/432, 288/573, 288/574], **тамоми** мардум [3, 24/43, 29/53, 205/408, 206/409], **тамоми** фирқа [3, 25/46], **тамоми** қабила [3, 136/269], **тамоми** фирақ [3, 142/281], **тамоми** лашкар [3, 205/408], **тамоми** улус [3, 182/361]: …дар ҳар

ҳангоме ҳаракоти беҷойгоҳ аз ӯ сар бармезад, аз ин боис **тамоми фирақи** юзияро амр ба истеъдоди ҳарб намуд [3, 142/281]; …**тамоми эли** арабро ҷамъ карда ва кӯбкоритозону мурғбозон ва каликбозонро, ки ҳама ҳаммаслаконаш буданд [2, 198].

Бояд қайд намуд, ки дар асари "Туҳфат-ул-хонӣ" исмҳои ҷомеъ на фақат дар шакли танҳо, балки дар шакли ҷамъ низ бо **тамом** дар як таркиб меоянд: тамоми асокир [3, 217/431], тамоми элот [3, 202/402, 281/560], тамоми улусот [3, 22/40], тамоми қӯшунот [3, 198/393, 210/417]: **Тамоми халоиқ** аз сипоҳ ва ғайруҳум ӯро муборакбод расониданд [3, 229/455, 33/61, 66/128, 77/152]; …дар садри эъзози он маҷлиси фаррухинбисот нишаста, **тамоми** қабилатайни низоиро, ки қариб ҳазор кас буданд ва дар он бисот фарохӯри дараҷот нишониданд [3, 255/507]. Дар ҷумлаи охир исми ҷомеъ тавассути пасванди мусанносозии (дутоисози) арабии **-айн** бо ин ҷонишин дар таркиб омадааст, вале ин ходиса ба нудрат дучор мешавад.

## Хулосаи боби сеюм

Ҳамин тавр, аз таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва чонишини забони осори давраҳои муқоисашаванда маълум мешавад, ки ҳиссаҳои номии нутқи номбурда дар ифодаи маъно ва иҷрои вазифа бо баъзе вежагӣ аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тафовут доранд. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки оид ба чанд вежагиҳои боризи онҳо мухтасаран хулосабарорӣ намоем.

Дар асари Карминагӣ боре ҳам шумораи тартибии **якум** мавриди истифода қарор нагирифтааст. Ба ҷои он вожаҳои **аввал, аввалин** ва **нахуст, нахустин** ба кор рафтааст, вале дар осори таърихии устод Айнӣ бошад, ҳам **аввал** ва ҳам **якум** хеле зиёд ба чашм мерасад.

Хамчунин, ададди лӯндаи аз ҳазор зиёд дар забони асари Карминагӣ танҳо як маротиба бо калимаи **лак** дар таркиби шумораи таркибии **сад лак ҳазор** воҳӯрд. Дар осори таърихии устод Айнӣ бошад, ин гуна ададҳо ба мисли **миллион, миллион-миллион** ва **ҳазорон-ҳазор** сурат мегиранд, ки онҳо дар навбати худ далолат ба бисёрӣ низ мекунанд.

Дар таърихномаи “Туҳфат-ул-хонӣ” як гурӯҳи муайяни нумеративҳо, аз қабили **кас, тан, нафар, хирвор, даст, тӯқуз** ва ғ. ба назар расиданд, вале **нафар** ҳангоми ҳисоб намудани исми ҷондори ғайришахс истифода гардидааст, ки ин ҳодисаи грамматикӣ ҳам ба забони осори устод Айнӣ ва ҳам ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ хос нест.

Ба ғайр аз ин, ҳини муқоиса ва баррасии мисолҳои марбута маълум гардид, ки ҷонишини шахсии **ман** танҳо як маротиба аз ҷониби Карминагӣ истифода шудааст. Аммо устод Айнӣ дар асари худ [2] ҷонишини шахсии номбурдаро 146 маротиба корбаст намудааст. Шояд сабаби ба нудрат истифодашавии ин воҳид дар сабк ва мавзуи асари “Туҳфат-ул-хонӣ” бошад.

Дар “Туҳфат-ул-хонӣ” дубора қабул намудани пасванди **-он (-ён)** дар ҷонишинҳои шахсии шумораи ҷамъи **мо** ва **эшон** танҳо як маротиба ба чашм расид, аммо дар осори устод Айнӣ **моён** ва **шумоён** хеле фаровон мавриди истифода қарор гирифааст.

Ҷонишини таъинии **ҳар** дар осори мавриди қиёс чун имрӯза барои ифодаи маънои ҷузъ аз кул(л) корбаст мешавад. Ба ғайр аз ин, он яке аз ҷонишинҳои маъмули забони осори даврони омӯзиш ба ҳисоб меравад.

# ХУЛОСАҲО

## I. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ТАҲҚИҚОТ

Осори мавриди қиёси мо баёнгари хусусиятҳои гуногун ва рангоранги сарфии забони адабии қарнҳои XVIII ва XX мебошанд. Аз ин рӯ, таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони давраҳои қиёсшаванда ба мо имкон фароҳам меорад, ки аз таърихи забони тоҷикӣ ва вежагиҳои таҳаввулу рушди он дар ин давраҳо огоҳ бошем ва дигаргуниҳои сарфии осори мазкурро хулоса намоем [5-**М**]:

1. Категорияи номуайянии исм дар ағлаби ҳол бо артикли **-е** ифода ёфтааст. Дар баробари ин, морфемаҳои **як** ва **чанд** низ ҷиҳати ифодаи ин вежагӣ адои вазифа мекунанд [9-**М**; 20-**М**].

2. Дар бобати категорияи шумораи исм метавон гуфт, ки муаллифони осори мавриди қиёс комилан аз унсурҳои ҷамъбандии забони тоҷикӣ истифода карда, дар баробари ин пасвандҳои ҷамъбандӣ ва қолабҳои ҷамъи шикастаи арабиро низ корбаст намудаанд. Дар бархе аз маворид кӯшиш намудаанд, ки калимаҳои ҳам аслӣ ва ҳам иқтибосиро дар қолаби ҷамъбандии арабӣ истифода намоянд.

3. Агарчи пасванди **-ҳо** назар ба **-он** (**-ён**, **- вон** ва **-гон**) дар асари Карминагӣ кам ба назар мерасад, бо вуҷуди ин, на танҳо бо исмҳои беҷону маънӣ, балки бо якчанд исми ҷондору шахс омада, исми ҷамъ месозад, ки ин ҳодисаи грамматикӣ дар забони осори таърихии а.XX маъмултар аст [7-**М**; 13-**М**; 18-**М**].

4. Дар “Туҳфат-ул-хонӣ” исмҳои шаклан ҷамъи арабӣ танҳо ба воситаи пасванди **-ҳо** ҷамъулҷамъ гардида бошад ҳам, ин ҳодиса ба нудрат вохӯрд. Ҷамъулҷамъии исмҳо дар забони ҳамондавра ғайрирасмӣ буда, бо вожаҳои арабӣ истифодаи он аз услубу маҳорати эҷодӣ ва навоварии Карминагӣ шаҳодат медиҳад. Аммо дар забони осори устод Айнӣ ин вежагӣ ба нудрат ба тавассути ҳам **-ҳо** ва ҳам **-он** ба чашм мерасад [11-**М**; 16-**М**; 14-**М**].

5. Мусаллам аст, ки вандҳо барои созмони вожаҳои сохтаи нав нақши бағоят калон доранд. Бо вуҷуди умумият дар калимасозии имрӯзаи забони

адабӣ ба назар чунин мерасад, ки бархе аз воҳидҳои мавриди назар аз рӯйи истифодаашон аз вандҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тафовут доранд. Бино бар ҳисоби эҳсоии мо маълум гардид, ки баъзеи вандҳо серистеъмол ва баъзеашон камистеъмоланд. Бояд қайд намуд, ки пасванди исмсози **-ӣ** барои сохтани вожаи **шикорӣ** ба вазифаи пасванди **-чӣ** як маротиба аз ҷониби Кarминагӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки дар осори устод Айнӣ **шикорӣ** ба ҳайси сифати сохта баромад мекунад. Дар "Туҳфат-ул-хонӣ" яке аз хусусиятҳои боризи пасванди **-вор** дар он зоҳир мегардад, ки бо исмҳои **хона** ва **хар** барои созмони исмҳое корбаст шудааст, ки онҳо ғайридискиретӣ ҳастанд. Аз ин таҳқиқот таҳаввули маъно, вазифа, хусусият ва мавқеи вандҳои исмсозро дар забони осори қиёсшаванда муайян намудан мумкин аст [8-**М**; 12-**М**].

6. Дар ифодаи дараҷаи муқоисавӣ чун анъана ва аз рӯйи қоида дар ҷумла ҳам муқоисакунанда ва ҳам муқоисашаванда меоянд. Дар асари Карминагӣ пешоянди **бар** барои ифодаи дараҷаи бартарии сифат аз нигоҳи маъно ба вазифаи **нисбат ба**, **назар ба** корбаст мешавад, ки вежагии мазкур ба забони осори устод Айнӣ хос нест [10-**М**].

7. Таҳлили маводи мубрами осори мавриди қиёс дар мисоли сифат ва усулҳои сохта шудани он мабнӣ бар он аст, ки забони осори мавриди қиёс дар ин маврид аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фарқи ҷиддӣ надорад. Бо вуҷуди ин, мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки дар осори мавриди назар чандин вежагиҳои сарфии сифат қайд ва баррасӣ шуд.

8. Пешванди **ба-** дар забони осори мавриди қиёс каммаҳсул ба назар расид, ҳол он ки он дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ яке аз унсурҳои вожасози сермаҳсул ҳисобида мешавад.

9. Ҳамчунин дар осори устод Айнӣ унсури калимасози **бо-** ба ҳайси яке аз пешвандҳои каммаҳсул баромад мекунад, ки пасванди номбурда ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва ҳам дар забони адабии тоҷикии қарни XVIII дар сохтани сифатҳои нав сермаҳсул мебошад.

10. Дар забони осори давраҳои омӯзиш пешвандҳои **бар-** ва **дар-** аз нигоҳи корбурду истифода ба гурӯҳи пешвандҳои каммаҳсул дохил мешаванд. Пешвандҳои **бе-** ва **но-** дар осори муқоисашаванда яке аз унсурҳои вожасози муштарак ва сермаҳсул мебошанд, ки аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ сифатҳои аслӣ месозанд. Пешванди **то-** дар осори қиёсшаванда боре ҳам дучор нашуд [6-**М**].

11. Агарчи гурӯҳе аз пасвандҳо дар калимасозӣ фаъоланд, гурӯҳи дигар дар иҷрои ин вазифа кам истифода шудаанд. Бояд қайд намуд, ки пасванди **-ӣ** дар осори мавриди қиёс ва дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ сифатҳои нисбии доираи семантикии гуногун сохта, аз пасвандҳои сермаҳсул ҳисобида мешавад.

12. Пасвандҳои сифатсози **-нок**, **-манд**, **-ин**, **-ина**, **-гун** ва **-гуна** дар осори муқоисашаванда корбурди бештар дошта, вале унсурҳои вожасози **-ак (-як)**, **-акак (-якак)**, **-со**, **-ур**, **-гона**, **-акӣ** ва **-чак** ба назар нарасиданд. Пасвандҳои **-ваш** ва **-ина**, ки дар осори пешина бағоят васеъ истифода шудааст, дар забони таърихномаи мавриди назар аз унсурҳои вожасози каммаҳсул ҳисобида шуданд [2-**М**].

13. Бояд аз қолабҳои офаридаи ҳам муаррих ва ҳам нависанда барои покиза нигоҳ доштани асолати забонамон фоида бурд, зеро дар осори мавриди қиёс вожаҳои сохтаеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо аз хазинаи луғавии забони зинда гирифта шудаанд.

14. Дар осори мавриди қиёс таҳти таъсири забони арабӣ дар шакли занона истеъмол намудани сифат ба чашм мерасад, ки аз вежагиҳои забонии он шаҳодат медиҳад.

15. Пешвандгунаҳои **бад-**, **пур-**, **хуш-** ва **соҳиб-** ба таври васеъ истифода мегарданд. Хусусияти барҷастаи **бад-**и асаритаърихии а.XVIII дар он аст, ки тамоми мавсуфи сифатҳои мураккаби бо он сохташуда исмҳои ҷамъ, ҷомеъ ва ҷамъи таксири (шикаста) арабӣ мебошанд, вале дар осори мавриди қиёси а.XX бошад, танҳо исмҳои ҷамъи тоҷикиянд.

Муаллифи асари таърихии а.XVIII барои сохтани сифатҳои мураккаб вомвожаи арабии **моъ=об**ро танҳо як маротиба бо пешвандгунаи **пур-** истифода мебарад, ки ин услуб аз завқи эҷодкории ӯ ба ҳисоб меравад [3-**М**; 19-**М**].

16. Шумораҳо дар забони осори қиёсшаванда аз ҷиҳати сохту услуби грамматикӣ ба шумораҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ шабоҳат доранд. Маълум гардид, ки дар забони асари таърихии а.XVIII шумораҳои миқдорӣ бо шаклҳои **дувист** ва **понсад** мавриди истифода қарор гирифтаанд, аммо дар забони осори устод Айнӣ шаклҳои **дусад** ва **панҷсад** корбаст шудаанд [4-**М**; 17-**М**].

17. Низоми ҷонишинҳои маводи таҳқиқ аз низоми ҷонишинҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ бо баъзе хусусиятҳои ҷузъии худ фарқ мекунанд. Ҳисоби омории мо нишон медиҳад, ки бархе аз ҷонишинҳо сермаҳсуланд ва бархеашон каммаҳсул. Карминагӣ барои ифодаи шахси якум дар аксар маворид калима-ҷонишинҳои **камина**, **муҳаққар**, **банда**ро мавриди истифода қарор додааст [1-**М**; 15-**М**].

18. Чун анъана, ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии **худ**, **хеш** ва **хештан** барои ифодаи соҳибияту моликият ва қатъияту таъкид хидмат мекунанд. Бино бар усули оморӣ метавон гуфт, ки **худ** [3] 638 маротиба (39%), [1] 513 маротиба (32%), [2] 479 маротиба (29%) нисбат ба **хештан** [3] 2 маротиба (40%), [1] 3 маротиба (60%), [2] 0 маротиба (0%) ва **хеш** [3] 9 маротиба (53%), [1] 6 маротиба (35%), [2] 2 маротиба (12%) зиёдтар корбаст шудааст, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда воҳидҳои мазкур дар маҷмуъ 1652 маротиба мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамин тариқ, ҷонишинҳои таъинии аслӣ ба чашм расиданд, ки онҳо аз нигоҳи дараҷаи корбурд баробар набуда, ҷонишини таъинии **ҷумла** назар ба дигар ҷонишинҳо камтар корбаст гардидааст.

# II. ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Ҳамин тариқ, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ водор кард, ки барои омӯзиши амалии натиҷаи рисолаи мазкур тавсияҳои зерин пешниҳод гардад:

1. Дар натиҷаи таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони осори давраҳои муқоисашаванда метавон категорияҳои муайяниву номуайянӣ ва шумораи исм, имконоти калимасозии исму сифат, шаклу намудҳои шумораҳо ва низоми ҷонишинҳоро муайян намуд.

2. Матолиби рисоларо метавон дар шаклгирии корҳои илмӣ-тадқиқотии оид ба морфология ва вожасозӣ истифода намуд.

3. Гузашта аз ин, маводи диссертатсия дар омӯзишу баррасии масоили забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, сарфу наҳв, ҳамчунин дар таҳияи дастурҳо ва раҳнамоҳои таълим аз фанҳои сарфу наҳв ва семинарҳои махсуси забон барои суҳбату машваратҳои илмӣ заминаи муфид ба ҳисоб меравад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. САРЧАШМАҲО

1. Айнӣ, С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ [Матн] / С.Айнӣ. Ҷ.10. – Душанбе: Ирфон, 1966. - 243 с.
2. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро [Матн] / С.Айнӣ. Куллиёт. Ҷ.14. / Тартибдиҳанда К.С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 270 с.
3. Муҳаммадвафои Карминагӣ. Тухфат-ул-хонӣ. Муқаддима, таҳияи матн, нусхабадал, таъликот ва феҳрастҳои Ҷамшед Ҷӯразода ва Нурулло Ғиёсов [Матн] / Муҳаррирон: И.У. Раҳимов, Б.П. Ашрапов. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 390 с. + 586 саҳ. ф. = 976 с.
4. Айнӣ, С. Ғуломон [Матн] / С.Айнӣ. Роман. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2019, - 488 с.

## II. ОСОРИ ИЛМӢ

### А. Ба забони тоҷикӣ

5. Абдуллоева, З.С. Нақши пешванди исмсоз дар зуҳури вожаҳои сермаъно дар осори Низомии Ганҷавӣ [Матн] / З.С. Абдуллоева // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - 2017. - № 4(53). – Хуҷанд: Нури маърифат, – С. 210 - 215.
6. Айнӣ, С. Мунтахаби асарҳои илмӣ [Матн] / С.Айнӣ. – Душанбе, 2008. – 256 с.
7. Азам, Қ.А. Баррасии пасванди сифатсози “-ӣ” дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ [Матн] / Қ.А. Азам // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2012. - № 4/6 (97). – Душанбе: Сино, - С.146-150.
8. Азам, Қ.А. Пешвандҳои сифатсоз дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ [Матн] / Қ.А. Азам // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2013. - № 4/1 (56). – Душанбе: Сино, – С. 68-74.
9. Акбарова, Д.Н. Вижагиҳои вожасозии пасванди -гар дар достони “Сиёвуш”-и “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ [Матн] / Д.Н. Акбарова

// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №7. – Душанбе: Сино, – С. 178 - 183.

10. Амлоев, А. Нақши пасванди “-гоҳ” дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев [Матн] / А.Амлоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2013. - №4/1 (105). – Душанбе: Сино, – С. 44 - 49.
11. Амлоев, А. Калимасозии сарфии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев [Матн] / А.Амлоев. - Душанбе: ДСРТ, 2016. - 151 с.
12. Байзоев, А.М. Хусусиятҳои калимасозии аффиксалии “Донишнома”-и Ибни Сино [Матн] / А.М. Байзоев // Баъзе масъалаҳои актуалии филологияи Эрон. - Душанбе: Андалеб, 1990. – С. 82 - 92.
13. Байзоев, А.М. Истилоҳот ва калимасозӣ дар “Донишнома”-и Абуалӣ ибни Сино [Матн] / А.М. Байзоев. – Душанбе: Андалеб, 2016. - 195 с.
14. Бобоева, М.И. Роҳҳои калимасозӣ бо сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи маводи “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ [Матн] / М.И. Бобоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – №4. – Душанбе: Сино, – С. 123 - 128.
15. Бобокалонова, Р.Н. Хусусиёти луғавию семантикии услуби “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.02.01 / Р.Н. Бобокалонова. - Душанбе, – 2019. – 162 с.
16. Бобомуродов, Ш. Корбурди пасванди -гар дар ашъори Лоиқ Шералӣ [Матн] / Ш. Бобомуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №4/4. – Душанбе: Сино, – С. 39 - 43.
17. Бобомуродов, Ш. Нақши пасвандҳои исми шахссози ифодакунандаи касбу ҳунар дар “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ [Матн] / Ш. Бобомуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №8/2. – Душанбе: Сино, – С. 31 - 37.

18. Вахҳобов, Т. Садриддин Айнӣ, акдемик Б.Ғафуров ва масоили ташаккули забони тоҷикӣ [Матн] / Т.Вахҳобов // Ҳақиқат зодаи баҳс аст. - Хуҷанд: Хуросон, 2010. - С. 169 - 178.
19. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: [Матн] дар се ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
20. Ғафуров, Б. Тоҷикон [Матн] / Б.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. - 412 с.
21. Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон [Матн] / Р.Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1977. - 203 с.
22. Ғаффоров Р. Садриддини бузурги сухан [Матн] / Р.Ғаффоров. - Душанбе: Дониш, 1978. – 61 с.
23. Ғиёсов, Н.И. Сӣ мақола [Матн] / Н.И. Ғиёсов - Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. – 300 с.
24. Ғиёсов, Н.И. Ҷамъулҷамъ дар забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ [Матн] / Н.И. Ғиёсов / Маҷ. мақолаҳо. Забон ва рукни он. – Хуҷанд: Дабир, 2020. – С. 37 – 44.
25. Дадохонов, М.Д. Мухтасаре аз тадқиқи таърихи забони адабии классикӣ (аз аҳди Сомониён то ибтидои асри XX) [Матн] / М.Д. Дадохонов, А.А. Ҳасанов. – Хуҷанд, 1999. – 94 с.
26. Ёрмирзоева, М.М. Исмҳои ҷомеи иқтибосии туркиву муғулӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / М.М. Ёрмирзоева // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - 2016. - №2(47) – Хуҷанд: Нури маърифат, – С. 214 - 218.
27. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология. Фонетика. [Матн] - Душанбе: Ирфон, 1973. – 450 с.
28. Исмонов, К. Корбурди ҷамъи арабӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / К.Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №6. – Душанбе: Сино, – С. 45 - 48.
29. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим [Матн] / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1967. – 188 с.

30. Камолова, Г. Хусусиятҳои морфологии забони “Маҷмуъ-ут-таворих” [Матн] / Г.Камолова. - Душанбе: Дониш, 1984. – 92 с.

31. Каримов, Ҳ. Дар бораи баъзе хусусиятҳои калимаи “як” [Матн] / Ҳ.Каримов // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1967. – С. 23 - 31.

32. Қобилов, А. Корбурди пасванди маконсоз (-зор) дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” [Матн] / А.Қобилов. // Номаи ховаршиносон. - 2015. - №9. - Хуҷанд: Нури маърифат, – С. 204 - 207.

33. Қосимова, М.Н. Суффикси -ча [Матн] / М.Н.Қосимова // Масъалаҳои филологияи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1974. – С. 156 - 159.

34. Қосимова, М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои соддаи насри асри XI [Матн] / Н.М. Қосимова. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 215 с.

35. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) [Матн] / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. қ.1. – 490 с.

36. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик [Матн] / М.Н. Қосимова. Ҷилди 1. - Душанбе, 2011. – 566 с.

37. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) [Матн] / М.Н. Қосимова. Ҷилди 1. - Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012. – 568 с.

38. Қурбонов, С.Ҳ. Ифодаи вазну ченак дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов, М. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. – №4. – Душанбе: Сино, – С. 66 – 70.

39. Қушматов, А. Деҳқонони тоҷик [Матн] / А.Қушматов. – Душанбе: Ирфон, 1996. – 286 с.

40. Қӯзиева, Н.М. Таҳлили муқоисавии категорияҳои грамматикии исм дар забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.02.20 / Н.М. Қӯзиева. - Хуҷанд, 2019. – 166 с.

41. Мавлонзода, Ш.М. Нақши категорияи шумораи исм дар мукотиботи “Таҳзиб-ус-сибён”-и устод Айнӣ / Ш.М. Мавлонзода // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – № 8. – Душанбе: Сино, – С. 99-103.

42. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ [Матн] / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе: Деваштич, - 2007. - 1. ч. – 255 с.
43. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н.Маъсумӣ. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1959. – 385 с.
44. Маъсумӣ, Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш [Матн] / Н.Маъсумӣ. – Душанбе: Дониш, 1976. – 76 с.
45. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат [Матн] / Н.Маъсумӣ. - Душанбе: Адиб, 2005. – 296 с.
46. Мирбобоев, А. Муқаддимаи филологияи эронӣ [Матн] / А.Мирбобоев. – Душанбе: Дониш, 2015. – 342 с.
47. Мирзо Бадеи Девон. Маҷмаъ-ул-арқом [Матн] / таҳиягарон: Ғолиб Ғоибов, Маҳмудҷон Холов. - Душанбе: Дониш, 2015. – 416 с.
48. Мирзоев, А. Забони Сайидо [Матн] / А.Мирзоев. // Сайидои Насафӣ ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. – Сталинобод, 1947. – С.115–120.
49. Мирзоёров, Ф. Шарҳи баъзе пасвандҳои калимасоз дар “Фарҳанги Рашидӣ” [Матн] / Ф.Мирзоёров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2010. - №5 (61) – Душанбе: Сино, – С. 86 - 88.
50. Мухторов, З. Таърихи забони тоҷик [Матн] / З.Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.
51. Назарзода, С. “Аҷоиб-ул-махлуқот” ва вожашиносии таърихи форсӣ-точикӣ [Матн] / С.Назарзода. – Душанбе: Дониш, 1999. – 210 с.
52. Ниёзмуҳаммадов, Б.Н. Морфологияи забони тоҷикӣ [Матн] / Н.Б. Ниёзмуҳаммадов, Л.Бузургзода. – Сталинобод: Шуъбаи таълимӣ-методӣ, 1941. – С.57-59.
53. Ниёзмуҳаммадов, Б.Н. Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик [Матн] /Б.Н. Ниёзмуҳаммадов. - Душанбе: Дониш, 1960. – 209 с.

54. Ниёзмуҳаммадов, Б.Н. Забошиносии тоҷик (асарҳои мунтахаб) [Матн] / Н.Б. Ниёзмуҳаммадов. - Душанбе: Дониш, 1970. – 228 с.
55. Ниёзӣ, Ш. Исму сифат дар забони адабии тоҷик [Матн] / Ш.Ниёзӣ. - Сталинобод, 1954. – 50 с.
56. Низомова, С. Калимасозии сарфӣ дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ [Матн] / С.Низомова. – Душанбе: матбааи ВКД, 2010. – 178 с.
57. Низомова, С. Калимасозии пешвандгунаи пур- дар сохтани сифатҳои мураккаб дар “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ [Матн] / С.Низомова. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2015. - №4/4 (171). - Душанбе: Сино, – С. 17 - 20.
58. Низомова, С. Калимасозии пасванди-гар дар “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ [Матн] / С.Низомова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2015. – №4/5. – Душанбе: Сино, – С. 14 - 16.
59. Низомова, С. Калимасозии пасванди -ак дар насри бадеии Садриддин Айнӣ [Матн] / С.Низомова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №6. – Душанбе: Сино, – С. 104 - 107.
60. Нисорӣ, Хоҷа Ҳасан. Чаҳор Гулзор [Матн] / Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. – Душанбе, 1998. – 116 с.
61. Олимҷонов, М. Корбурди вежаи бархе аз пасвандҳои исмсоз дар шеъри Бедил [Матн] / М.Олимҷонов // Номаи садоқат. – Хуҷанд: Ношир, 2012. –С. 353 - 360.
62. Раҳматова, М.М. Хусусиятҳои истифодаи шумораҳои тахминӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ [Матн] / М.М. Раҳматова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - 2011. - №1 (25). – Хуҷанд: Нури маърифат, – С. 65 - 71.
63. Раҳматова, М.М. Хусусиятҳои корбурди шумора дар “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.02.22 / М.М.Раҳматова. – Хуҷанд, 2011. – 170 с.
64. Раҳматова, М.М. Корбурди истифодаи нумеративҳои иқтибосӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ [Матн] / М.М. Раҳматова // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №4. – Душанбе: Сино, – С. 83 - 85.

65. Раҳмон Эмомалӣ. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] Китоби 2 / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 432 с.
66. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам: муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров [Матн] / Ш.Қ.Розӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. - 463 с.
67. Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Ш.Рустамов. - Душанбе, 1972. – 77 с.
68. Рустамов, Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм [Матн] / Ш.Рустамов. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 88 с.
69. Рустамов, Ш. Забон ва замон [Матн] / Ш.Рустамов. – Душанбе: Ирфон, 1981. - 255 с.
70. Рустамов, Ш. Исм [Матн] / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. - 220 с.
71. Сабзаев, С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар [Матн] / С.М. Сабзаев. - Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.
72. Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ (маводи конфренсияи илмию амалӣ бахшида ба ёдбуди Садриддин Айнӣ. - Душанбе, Барориши 5. 2011. - 177 с.; Барориши 7. 2013. - 196 с.; 2014. - 142 с.; Барориши 8. 2016. - 142 с.
73. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна [Матн] / Д.Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001.- 310 с.
74. Саймиддинов Д. Корбурди пасванди -чӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / Д.Саймиддинов. // Пажуҳишҳои забоншиносӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – С. 114 - 126.
75. Салимов, Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои 1Х-Х111) [Матн] / Н.Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат. 2002. – 396 с.

76. Саломов, А.Ҷ. Мутобиқати иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ (аз рӯйи маводи “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ): рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.02.22. / А.Ҷ. Саломов. – Душанбе, 2010. - 173 с.

77. Самарқандӣ, Саидризо Ализода. Сарфу наҳви тоҷикӣ [Матн] / Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. - Душанбе: Саҳбо, 2006. - 70 с.

78. Сиёев, Б. Аз таърихи ҷамъбандии исмҳо дар забони тоҷикӣ [Матн] / Б.Сиёев // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1971. – С. 32-61.

79. Сиёев, Б. Таърихи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ [Матн] / Б.Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1972. – 235 с

80. Сулаймонов, О.Ш. Хусусиятҳои морфологии “Таърихи Байҳақӣ”-и Абулфазли Байҳақӣ: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.02.22 / О.Ш. Сулаймонов. - Хуҷанд, - 2008. – 169 с.

81. Сулаймонов, О.Ш. Сайре ба таърихи шумораҳои миқдории аслӣ (дар мисоли “Таърихи Байҳақӣ”) [Матн] / О.Ш. Сулаймонов / Ховаршинос (маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 60-солагии забоншинос Нуруллохон Ғиёсов), - Хуҷанд: Ношир, 2015. - С. 203 - 210.

82. Фарҳодова, С.А. Нақши Садриддин Айнӣ дар рушди забону адабиёти тоҷик [Матн] / С.А. Фарҳодова // Вестник Военного института Министерства обороны. Серия политических, военных и общественных наук. – 2021. – № 2(28). – С. 163-170.

83. Фозилова, М.М. Корбурди калимаю ибораҳои таърихӣ-архаистӣ дар очерки таърихии С.Айнӣ “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” [Матн] / М.М. Фозилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2021. – № 5. – Душанбе: Сино, – С. 66-71.

84. Холиқов, М.Г. Шакли ҷамъбандии иқтибосоти арабӣ дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” [Матн] / М.Г. Холиқов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. – №3. – Душанбе: Сино, – С. 69 – 73.

85. Хоркашев, С. Калимасозии исм бо пасвандҳо [Матн] / С.Хоркашев. – Душанбе, - 2010. – 144 с.
86. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI [Матн] / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 344 с.
87. Хоҷазод, Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна [Матн] /Д.Хоҷазод. – Душанбе: Диловар, 1998. - 324 с.
88. Ҳалимов, С. Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / С.Ҳалимов. - Душанбе: Ирфон, 1974. – 111 с.
89. Ҳалимов, С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик аз рӯйи забони "Гулистон"-и Саъдӣ [Матн] / С.Ҳалимов // Масъалаҳои забон ва адабиёт. Қисми 2. –Душанбе: Дониш, 1975. – С. 283 - 307.
90. Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри X) [Матн] / С.Ҳалимов. - Душанбе, - 1979. – 95 с.
91. Ҳасанов, А.А. Унсурҳои луғавӣ ва баъзе қолабҳои сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ) [Матн] / А.А. Ҳасанов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 253 с.
92. Ҳасанов, А.А. Вежагиҳои истифодаи баъзе аз пасвандҳо дар шеъри Бедил [Матн] / А.А. Ҳасанов, М. Олимҷонов // Номаи донишгоҳ. Имлҳои ҷомеашиносӣ. - 2012. - №1 (29). – С. 51 - 58.
93. Ҳасанова, М.А. Калимаҳои арабиасли ифодагари вазну ченак дар забони тоҷикӣ [Матн] / М.А. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2015. - 4/2. – Душанбе: Сино, – С. 61 - 63.
94. Ҳоҷиев, С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX [Матн] / С.Ҳоҷиев. - Душанбе: Дониш, 1987. – 166 с.
95. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби "Одина"-и устод Айнӣ [Матн] / Х.Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. - 254 с.
96. Чориев, Т. Забон ва услуби публитсистикаи Садриддин Айнӣ [Матн] / Т.Чориев. – Тошкент, 2014. – 111 с.

97. Ҷалолов, О.Ҷ. Категорияи ҷамъ ва баъзе масъалаҳои забони ҳозираи тоҷик [Матн] / О.Ҷ. Ҷалолов. - Сталинобод: Академияи фанҳои РССТ, 1961. – 187 с.
98. Ҷобиров, А.Б. Корбурди пасвандҳои ҷамъбандӣ дар китоби "Бахше аз Тафсири куҳан" [Матн] / А.Б. Ҷобиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №8/1. – Душанбе: Сино, – С. 90 - 94.
99. Ҷобиров, А.Б. Вижагиҳои забонии китоби "Бахше аз тафсири куҳан": рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.02.22 / А.Б. Ҷобиров. - Душанбе, - 2018. – 191 с.
